ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 37+0+796(075.8)

**АБДУЛЛОҶОНИ ҲАМРОХОН**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи
педагогика ва таҳсилот

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Иброҳимов Г.

**Кӯлоб – 2024**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима ...............................................................................................4**

**Тавсифи умумии таҳқиқот.............................................................................8**

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАРБИЯИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТӢ .............17**

1.1. Асосҳои педагогию психологии усулҳои баланд бардоштани самаранокии таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................................17

1.2. Ташкили муҳити самараноки тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон ..........................................................................37

1.3. Аҳаммияти тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ дар раванди тарбияи худшиносӣ, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ..........75

Хулосаҳои боби якум ............................................................................96

**БОБИ 2. САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ............................................................................................ 99**

2.1. Таҳияи технологияи рушди тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ............................. 99

2.2. Моҳияти арзишҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ........123

2.3. Нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ...... 142

Хулосаҳои боби дуюм ..........................................................................157

**Хулоса...................................................................................................160**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот .......................................165**

**Рӯйхати адабиёт......................................................................................167**

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия...............................................177**

## Ихтисораҳо

ДДК – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ҚМ – Қувваҳои Мусаллаҳ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚҶТ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

МТМУ – Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

ОДҲ – Омодагии дифои ҳарбӣ

ОИҲ – Омодагии ибтидоии ҳарбӣ

РМВ – Рӯзи муҳофизони Ватан

ТВ – Тарбияи ватандӯстӣ

ТҶ – Тарбияи ҷисмонӣ

ТҲВ – Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ

ТҲС – Тарзи ҳаёти солим

ИҶШС - Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 30 сол мешавад, ки тавассути миллати бофарҳангу тамаддунофари худ таҳти роҳбарӣ ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади рушду нумуи маданияти миллӣ ва умумибашарӣ, барои дар радифи мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон мавқеъ гирифтани давлати соҳибистиқлоли демократӣ ҷаҳду талоши бемайлон дорад. Албатта, расидан ба ин мақсади наҷибу олӣ ва ноил шудан ба муваффақияти гуногунҷабҳа: рушди иқтисодиёт, саноат, соҳаи маориф ва илм, таъриху адабиёт, рушди сармояи инсонӣ ва умуман кулли соҳаҳои халқи мамлакат аз ташаббусҳои воқеии Сарвари кишварамон сарчашма мегирад.

Қобили қайд аст, ки Ҳукумати ҶТ бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 қайд намуданд, ки “Таъмин намудани рушди соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат буда, ҳадафи он оммавигардонии варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мебошад” [139].

Қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, (№1920 аз 24 декабри соли 2022) зарурати таҳқиқи масъалаи баррасишавандаро бори дигар собит месозад. Дар асоси моддаи дуюми Қонуни мазкур “Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад” [83].

Барои ҳаматарафа омода намудани омӯзгорони оянда дар руҳияи ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ нақши бориз дорад ва фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” истисно нест. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чун дигар фанҳои таълимӣ фанне маҳсуб меёбад, ки тарзи ҳаёти солимро тарғибу ташвиқ намуда, воситаи беҳтарини ба роҳ мондани дӯстӣ миёни ҷавонон ва варзишгарони на танҳо як кишвар, балки яке аз василаи мустаҳкамгардонии дӯстию рафоқат ва ҳамдилию якдигарфаҳмии кишварҳои кулли ҷаҳони муосир аст. Ҳамчунин, варзиш омили муҳимми шинохти ҷаҳон ва олами инсоният буда, муаррифгар ва бо ҳам қарингардони халқу миллатҳои мухталифи сайёра мебошад.

Ҷомеаи соҳибистиқлоли мо дар назди омӯзгорон, аз ҷумла, омӯзгорони ТҶ-и МТМУ бо қатъият вазифаи дар руҳияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагонро гузоштааст.

Соҳаи тарбияи ҷисмониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок эътироф карда, барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, оммавӣ гардонидани он, тайёркунии варзишгарони касбӣ ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои варзишии бонуфузи байналмилалӣ рӯз аз рӯз шароити беҳтару хубтар муҳайё карда истодааст.

Таълими фанни ТҶ, ҷалби одамон ба варзиши бадан ва солимгардонӣ дар сикли фанҳои педагогӣ мавқеи хоса дошта, баррасии масъалаҳои вобаста ба ин самт дар илми педагогика дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Суръатнокии илму техникаи муосир, ташаккул ва пешрафти он дар даврони кунунӣ дониши

ҳаматарафа рушдёфтаи ҷомеаро, ки ба стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад, тақозо дорад.

Бинобар ин, амалӣ намудани ҳама гуна намудҳои тарбия (ватандӯстию ватанпарварӣ, ҳарбӣ–ватандӯстӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, экологӣ, зебоипарастӣ, ҷисмонӣ, фикрӣ ва амсол ба инҳо) дар руҳияи худогоҳии миллию ифтихори миллӣ ва ахлоқи шоистаи инсонӣ парвариш намудани насли наврас дар назди МТМУ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои махсусро мегузорад. Дар руҳияи ахлоқи ҳамида тарбия намудани наслҳои наврасу ҷавонон, пеш аз ҳама, нақш ва таъсири омӯзгор беш аст. Аз ин рӯ, барои омӯзгорон зарурат пеш меояд, ки худро бо дониши баланду васеъ ҳаматарафа мукаммал сохта, методҳои гуногуни таълимию тарбиявиро аз худ намоянд.

Дар робита ба мушкилоти баррасишаванда муаллифон ва муҳаққиқони ватанӣ М. Лутфуллоев [94], И. Давлатшоев [47], Т.Н. Зиёев [59], Ш. Маҳмудов [99], Н.Н. Шоев [168], Г. Иброҳимов ва чанде дигарон баррасиҳое анҷом додаанд.

Бозсозӣ, такмил, тараққӣ ва рушду ислоҳи соҳаи маорифро Ҳукумати ҶТ ва махсусан, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлату ҳукумат донистаанд: «Низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсози ҳаёти ҷомеа дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҷамъиятии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини рушд эълон гардидааст.» [138, с. 304].

Доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити фарҳангию варзишӣ дар раванди ҷаҳонишавии замони муосир фарроху доманадор гардида, масъалаи дар руҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар миёни хонандагону донишҷӯён торафт мубрамтар гардида истодааст.

Дар раванди ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июни соли 2011, №278, “Барномаи давлатии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2011–2015”, «Барномаи давлатии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017-

2021», аз тарафи Маҷлиси Олии ҶТ қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ТҶ ва варзиш», Фармонҳои Президенти ҶТ «Дар бораи гузаронидани Спартакиадаҳо», «Рӯзи дави миллӣ» ва инчунин, гузаронидани федератсияҳои алоҳида ва иншооти варзишии ҷумҳурӣ ба услуби кори худмаблағгузорӣ, тибқи талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ мусоидат намуданд. Инчунин, бо супориши Ҳукумати ҶТ «Консепсияи мактаби миллӣ» (2000) бо таҳрири нав «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ» (2006) таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

Бо ибтикори Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми ҷумҳурӣ сохтани варзишгоҳҳои хурду бузург ҳанӯз ҳам давом доранд.

Омӯзишу баррасии мавзуъ нишон дод, ки дар ҷараёни таълиму тарбия баъзе камбудиву нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки мо онҳоро баррасӣ намуда, хулосаҳо бароварда, баҳри ислоҳи онҳо пешниҳоди мушаххас кардаем. Мушоҳида ва таҳқиқоти мо нишон дод, ки мавзуи мазкур ба таври амиқ омӯхта нашуда, таҳлили пурра наёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Хулосабарориҳо аз таҳқиқоти мазкур дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонанд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар як ҷузъи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад ва бо нақшаи дурнамои раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳ барои солҳои 2019-2023 мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмии мо таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**: Дар асоси мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуд:

- омӯзиши асосҳои назариявии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон, адабиёти методӣ, психологӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ ва ҷараёни таълиму тарбия;

- муайянсозии вазъи воқеӣ ва дурнамои таълиму тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон;

- таҳияи механизми ташкили шароити педагогӣ ҷиҳати таашаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон;

- асоснок намудани дониш, малака ва маҳорати таълимию маърифатии хонандагон аз ҷиҳати воситаҳои муҳофизатии варзишӣ ва ҳарбӣ дар раванди дарси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ;

- гузаронидани озмоиши педагогӣ дар асоси самаранокии раванди таълиму тарбия дар тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии хонандагони МТМУ.

**Объекти таҳқиқот**: Асосҳои рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**. Хусусиятҳои таълиму тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тайёрии ҳарбии ватандӯстӣ.

**Фарзияи таҳқиқот**. Омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ дар тайёрии ҳарбии ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсир мерасонад, агар:

- нақша ва барномаҳои таҷдидёфта бо мавзуъҳои назариявии характери илмӣ доштаи фарогирии хусусиятҳои амалӣ пешниҳод карда шавад;

- дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ истифода намудани маълумоти сиёсӣ, фарҳангӣ ва маданӣ бо мақсади такомули ҷаҳонбинии насли наврас;

- мунтазам расонидани маълумоти рӯзмара оид ба воқеияти ҷомеа ва ҷалби ҷавонон ба машғулиятҳои мақсадноки ҷамъиятӣ;

- тарғиби варзиш тавассути ғолибони мусобиқаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ибратпазирӣ аз намояндагони соҳаи варзиш;

- ҷалби ҷавонон ба маъракаҳои сиёсӣ, варзишӣ ва даъватҳои сиёсии муқовиматпазирӣ бо падидаҳои номатлуби характери зиддиинсонӣ дошта;

- кушодани мафҳуми патриотизм: яъне ватандӯст, ватанпарвар, дӯстдории ватан, содиқ будан ба он;

- ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон дар асоси даъватҳои бунёдкорона ва созандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- барои омодагии омӯзгорон аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ ташаккулёфта шароит фароҳам оварда шавад.

**Баргузории таҳқиқоти илмии мо дар 3 марҳила анҷом дода шуд.**

**Марҳилаи аввал (солҳои 2018-2019)**-адабиёти педагогию психологӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, адабиёти дигар доир ба масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ, ҷамъоварии сарчашмаҳое, ки оид ба дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии нигардонида шудаанд, омӯхта шуда, мавзуи асосии таҳқиқот ва барномаи кори таҷрибавӣ-санҷишӣ таҳия карда шуд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2020-2021)**-омӯзиши адабиёт оид ба мавзуъ идома ёфта, нақшаҳои таълимӣ, мазмуни барномаҳои фаннӣ, китобҳои дарсии тарбияи ҷисмонӣ, маводи методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, сифати баргузории дарсҳои назариявӣ ва амалии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, мушкилоти дар кори омӯзгорону волидайн доир ба масъалаҳои варзиши оилавӣ дар тарбияи ватандӯстию ватанпарастӣ ошкор карда шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2023)**-натиҷаи таҳқиқот дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷамъбаст шуда, тарбияи кори омӯзгорони

тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ дар таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ татбиқ карда шуд. Дар ин марҳила натиҷаҳои таҳқиқот нашр карда шуда, рисолаи илмӣ ҷамъбаст гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар баланд бардоштани дараҷаи азхудкунӣ ва сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо аз фанни ТҶ ва ОДҲ мусоидат менамояд.

Дар ин робита мо ба нуктаҳои алоҳидаи назариявии таълифот ва таҳқиқоти муаллифону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ М.Лутфуллоев, И.Давлатшоев, Т.Н. Зиёев, Ш.Маҳмудов, Н.Н.Шоев, Г.Иброҳимов, И.Л.Софронов, Д.И.Фелдштейн, М.Л.Груздева, П.Н.Осипов, Л.Осипова такя намудем.

Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун маводи таълимӣ дар амалияи фаъолияти педагогӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити ёрирасони таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ–методӣ, ҳамчунин таълимоти умумибашарии осори бузургони илму адаби ватанию хориҷӣ (Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурмаолии Кайковус, Турсунов Н.Н., Суяров Т.М., Мирзоев С.С., Бунак В.В., Глухова В.И., Лубшиева Л.И., Никтю Б.А., Пропов Н.Н. ва монанд ба инҳо), нишондиҳандаҳои илмии марбут дар бораи тавъам будани назария бо амалия, ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқот ба эътибор гирифтани таҷрибаи таърихи варзиши гузаштаву муосир, ташкил медиҳад.

Иловабар ин, ҳангоми корбаст намудани таҳқиқот асосҳои назарии Стратегияи ҶТ «Оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ», «Стратегияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2018-2021», Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи Маҷмуи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017–2021», Қонуни Ҳукумати ҶТ «Дар бораи маориф», «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» ва дигар

санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба эътибор гирифта шудааст.

**Сарчашмаи маълумот**: санад ва ҳуҷҷатҳои танзимгари равандҳои ислоҳот дар соҳаи маориф дар солҳои истиқлолият, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020», стандартҳои таҳсилот, барномаҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқоти мо иборат аст:**

1. Анкета ва пурсишҳо. Дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади муайян намудани муносибати онҳо ба тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбӣ, инчунин арзёбии сатҳи дониши онҳо дар ин самт пурсишҳо гузаронида шуд;

2. Мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо. Раванди баргузории машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ҳарби-ватандӯстии хонандагон омӯхта шуда, бо муаллимону хонандагон бо мақсади муайян намудани фикру мулоҳиза ва таҷрибаи онҳо дар ин самт суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуд;

3. Таҳлили нақшаю барномаҳо ва маводи таълимӣ. Нақшаҳо ва маводи таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар захираҳое, ки дар муассисахои таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ истифода мешаванд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуданд;

4. Таҳқиқоти таҷрибавӣ. Барои баҳодиҳии самаранокии усулҳо ва равишҳои муайянкардашудаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстии ҳарбӣ дар байни хонандагон таҷрибаҳои педагогӣ гузаронида шуд. м

**Пойгоҳи таҳқиқот**: Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб (№№1, 3, 5, 42), ноҳияҳои Восеъ (№№1, 10, 19, 26), Муъминобод (№№6, 17, 37, 49) ва мактабҳои варзишии шаҳри Кӯлоб мебошанд. Ҳамаи ин имкон фароҳам овард, ки натиҷаҳои таҳқиқро барои низоми

МТМУ дар тамоми ҷумҳурӣ муқаррар намоем. Ба таҷрибаи педагогии мо 348 нафар омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ва 237 нафар хонандагон ҷалб гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ;

- механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон дар МТМУ;

- афкори муайяни педагогии олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон;

- нақши омӯзгорони ТҶ дар ташаккули ТҲВ-и хонандагони МТМУ.

- роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълимоти мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ, нишондодҳои фалсафию педагогӣ, бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва бо ҳам тавъам будани назария ва амалия, инчунин, дар вақти таҳқиқот ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ҳангоми дарк намудани вазифаҳои мубраму муҳимми замони муосир ташкил медиҳад. Дар вақти гузаронидани таҳқиқот асосҳои назариявии Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳури Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва монанд ба инҳо ба роҳбарӣ гирифта шуданд.

Натиҷаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад, барои тайёр намудани хонандагони МТМУ дар руҳияи тарзи ҳаёти солим ва тайёр будан ба хизмати Модар-Ватан, халқу миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои дар руҳияи ватандӯстиву дифои Ватан тарбия гардидани хонандагони МТМУ тавассути дуруст ба роҳ мондани кори ТҶ маводи арзишманде ба ҳисоб меравад.

Маводи таҳқиқот барои омӯзгорон, мутахассисони соҳаи педагогикаву психология, донишҷӯёни донишгоҳу коллеҷҳои омӯзгорӣ муфид буда, метавонад дар донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва амсоли инҳо истифода шавад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳияи маводи дарсҳои назариявӣ ва амалии сикли фанҳои ТҶ (методикаи таълими фанни тарбияи ҷимонӣ, баланд бардоштани маҳорати варзишӣ, варзиши сабук ва ғ.) истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Асоси эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таҳия ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ–амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои мухталиф, дар маҷаллаҳои илмӣ, баромаду маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-

амалӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёни кафедраҳои педагогика ва психологияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ташкил медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

Банди 1.– «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ;

Банди 6.– «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот;

Банди 7.– «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар мустақилона навиштани диссертатсия ва иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва инчунин, дар муҳокимаи натиҷаҳои амсилавии ҳосилшуда ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот дар диссертатсия инъикос гардида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ, ки фарогири мудирияти раванди ТҲВ буда метавонад, дар рушди тарбияи ҳарбӣ–ватандӯсти хонандагони МТМУ саҳми босазо гузорад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия аҳаммияти амалӣ дошта, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ТҲВ байни наврасону ҷавонон татбиқи васеи худро ёфта метавонад. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ

тавассути усули амсиласозии ТҲВ байни хонандагон таҳия шуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсаҳои илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи милли Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, семинарҳои илмии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2018-2024) баромаду баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин муҳтавои рисолаи илмӣ дар 1 монография (Ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонии хонандагон ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ (монография)/Абдуллоҷони Ҳ. – Душанбе: "Матбаа", 2022.-87с.) ва як дастури илмӣ-таълимӣ (Омодагии муаллимони оядаи ТҶ бо ТҲВ-и хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури илмӣ-таълимӣ) Душанбе, 2020, (иборат аз 100 саҳифа, 6-ҷузъи чопӣ) ба табъ расида аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:** хулосаи асосии диссертатсия дар як монография, як дастури таълимӣ ва 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашрияҳои илмии иқтибосшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти ҶТ ба нашр расидаанд. Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми дисеертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар рисолаи илмӣ 5 ҷадвал, 2 диаграммаҳо ва 2 расм истифода гардидаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия дар 170 саҳифаи андозаи А4 бо фосилаи байнисатрии 1,5 навишти компютериро дар бар гирифтааст.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАРБИЯИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТӢ

## 1.1. Асосҳои педагогию психологии усулҳои баланд бардоштани самаранокии таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар МТМУ ба роҳ мондани тарбияи ҷисмонӣ ҷараёни педагогӣ ба ҳисоб рафта, хусусияти он таълим додани ҳаракат ва тарбияи сифатҳои ҷисмонии инсон мебошад. Дар истилоҳи амалӣ, тарбияи ҷисмонӣ раванди омодагии ҷисмонии шахс ба фаъолияти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муайяншуда (меҳнатӣ, ҳарбӣ ва ғайра) мебошад.

Равандҳое, ки солҳои охир ҷараён доранд, беш аз пеш таваҷҷуҳи махсусро дар самтҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, маънавию ахлоқӣ, таърихӣ-ватандӯстӣ, фарҳангӣ-ватандӯстӣ тақозо менамоянд. Ин омилҳо барои ғанӣ гардонидани мазмуни ТВ ва ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар байни категорияҳои гуногуни наврасону ҷавонон, ҳамзамон, барои баланд бардоштани қобилияти онҳо мусоидат мекунад. Дар баробари афзалиятҳои ҷойдошта дар раванди ТҲВ баъзе мушкилот ҷой дошта, масъалаи мазкур то ҳадди зарурӣ омӯхта нашудааст. Мусаллам аст, ки аз замони таъсиси низоми ТҲВ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ маҳз миёнаҳои солҳои 60-уми асри гузашта марҳилаи рушдёфтатарин ва самаранок ба ҳисоб мерафт. Ин низом барои бисёр давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, ки дар он вақт дар ҳалли проблемаҳои наврасону ҷавонон ва ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардани онҳо танқисӣ доштаанд, намунаи ибрат ба ҳисоб мерафт. Онҳо аз таҷрибаи шуравӣ бисёр чизҳоро омӯхта, дар фаъолияти кориашон истифода мекарданд. Дар ИҶШС чунин мушкилот дар асл вуҷуд надошт. Бо оғози марҳилаи ба истилоҳ «бозсозӣ» маҳз ТҲВ, ҳамчунин Қушунҳои Мусаллаҳ яке аз объектҳои асосии мубоизаи зидди «тоталитаризм», «империяи шарир»

ва «супермилитаризатсия» гардиданд. Дар ҷараёни як табаддулоти бераҳмона ва муташаккилонаи охири соли 1990 ба амал омада, низоми ТҲВ заиф гардида, боварии мардум ба мақомоти давлатӣ кам гардида, низоми идоракунӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ оҳиста-оҳиста фалаҷ гардидан гирифт. Муассисаҳои илмӣ ва дигар соҳаҳо аз ҷониби давлат ягон дастгирӣ наёфта, фаъолияташон рӯз ба рӯз коста шуд. Одамон дар симои қувваҳои мусаллаҳ ҳомии худро нею душмани худро медиданд. Хоҳиши сохторҳои алоҳида ва як қисми коллективҳои педагогӣ барои барҳам додани қисмати ҳарбии он таъсир расонида, ТВ коҳиш ёфт, илова бар ин онро аз моҳияти худ маҳрум намуд. Чунин воқеа таърихан рӯй дод. Дар солҳои баъд аз ҷанг, маҳз собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, наслҳои ғолибон ба гузарондани таҷрибаи бебаҳои хизмати Ватан ба артиши бисёрмиллионнафара фаъолона, мақсаднок ва дар ҳама ҷо шуруъ карданд. Барои ин дар тамоми зинаҳои фаъолияти муташаккилона ва дар айни замон фидокорона имконоти васеъ, шаклу қувваю воситаҳои гуногун ба кор бурда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар давраи душвори рушди таърихии ҶТ ва ниҳодҳои ҳарбии он ТҲВ бояд дар байни дигар соҳаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва тарбияи наврасону ҷавонони тоҷик умуман ҷойи сазовори худро ишғол менамуд. Дар айни замон, аҳаммияти ТҲВ ҳамчун як соҳаи мушаххаси тарбияи ватандӯстӣ, ҳадди аққал бо сабабҳои зерин ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Аввалан, бинобар якбора тезутунд шудани вазъи низомию сиёсӣ дар ҷаҳон ва атрофи Тоҷикистон, ба миён омадани таҳдидҳои нав ба амнияти миллӣ ва низомии он, эҳтимоли даргириҳои мусаллаҳона бо иштироки онҳо, бахусус дар самти стратегии ҷанубу ғарбӣ дар робита ба ҳодисаҳои гуногун. Сониян, хеле суст шудани дараҷаи бехатарӣ ва амнияти ҳарбӣ баъди пошхурии ИҶШС, қобилияти ҳаётбахши ҚМ, мақом ва нуфузи онҳо дар ҷомеа, вазъи маънавию психологии хизматчиёни ҳарбӣ, омодагии онҳо ба ҳифзи Ватан.

Равандҳои мусбате, ки ҳоло дар артиш ба амал омада истодаанд, ҷидду ҷаҳди боз ҳам бештарро барои ба куллӣ беҳтар намудани вазъи ҚМ ҳамчун омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ТҲВ талаб мекунанд.

Сеюм, номуваффақ ва бефоида будани кӯшишҳои барои муддати тӯлонӣ пайдо кардани як самти алтернативии ТҲВ дар ТВ ҳамчун ҷузъи асосии низоми навтаъсиси ин фаъолият дар шароити ба истилоҳ «модернизатсия»-и тарбия, таълим ва ғайра.

Барои инсон аз ҳама чизи муҳим соломатӣ мебошад. Мувофиқи китоби тарбияи ҷисмонӣ барои хонандагони синфҳои 5-6 мафҳуми «тарзи ҳаёти солим» масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- “риояи дурусти реҷаи рӯз, пайвастагии кор ва истироҳат;
- иҷрои қоидаҳои беҳдошти шахсӣ, обутобдиҳӣ;
- ғизохӯрии дуруст;
- машғулият бо машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш” [41, с. 5].

Моро зарур аст, ки хонандагонро тавре таълим диҳем, ки онҳо тамоми умр аз хотир набароранд, ки ҳаракат кардан талаботи табиии инсон мебошад. Мутахассисон муайян кардаанд, ки барои солим нигоҳ доштани саломатии ҷисмонӣ ва руҳии худ наврасон бояд дар як рӯз аз 1,8 то 2,5 км роҳ гарданд. Давидан низ ба солим нигоҳ доштани кӯдакон мусоидат мекунад. Қобили қайд аст, ки ҳар гуна ҳаракати ҷисмонӣ барои обутоб ёфтани бадани наврасон мусоидат мекунад. Мунтазам ба варзиш машғул гардидан қобилияти ҳимоявии организмро зиёд мегардонад.

Мо аз таърих, аз тамошои филмҳои таърихӣ медонем, ки аз замонҳои хело қадим бо тариқи машқҳои ҷисмонӣ ҷанговарони неруманд тайёр карда мешуданд. Барои мисол асосгузори давлати Сомониён ва ҳамаи ҷанговарони ӯ ҷисман боқувват, шуҷоъ ва далер буданд.

Олими бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино тавсия медиҳад, ки инсон бояд ба меъёри муайян хоб карда, аз ҳавои тоза нафас гирифта, ба нигоҳубини бадан ҳамчун воситаи табобатӣ ва пешгирикунандаи

бемориҳо машғул гардад. Ӯ қайд менамояд, ки «Инсоне, ки мунтазам ба машқҳои ҷисмонӣ машғул мешавад, ба ҳеҷ гуна табобат эҳтиёҷ надорад» [41, с. 5].

ТҲВ дар мамлакати мо ба яке аз самтҳои афзалиятноки тарбияи ахлоқии шахс табдил ёфта истодааст. ТҲВ–и муҳофизони оянда аз мактаб сар мешавад. Ин кори мутаносиб, фаъолияти ба мақсад мувофиқи ҳам тамоми коллективи педагогӣ ва ҳам омӯзгорони ҶТ, ки бо тайёрии ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва психологии хонандагон алоқамандӣ доранд, талаб мекунад. Мо ТҲВ–ро як соҳаи фаъолияте меҳисобем, ки ҳиссиёт, тафаккур, ғоя, мафҳумҳо, амалҳои марбут ба ҳифзи Ватанро ташаккул медиҳад. Дар мактаб тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз рӯйи се самти асосӣ гузаронида мешавад: ғоявию сиёсӣ; ахлоқӣ ва равонӣ; тарбияи ҷисмонӣ. Мо ба ТҲВ эҷодкорона муносибат карда, роҳҳои шавқовари ташкил ва гузаронидани онро вобаста ба зинаҳои таҳсилот ба баррасӣ кардаем. Чунин фаъолият дар соатҳои ин тавр арзёбӣ мегардад: дарси машқ, таълими тактикӣ дар синф бо писарону духтарони синфҳои 5-9, мусобиқаҳои варзишӣ аз рӯйи намуди варзиши ҳарбӣ (кросс, гранатапартоӣ, тӯбпартоӣ, монеаи ҳарбӣ ва ғ.), омӯхтани қоидаҳои муомилоти аслиҳа, тартиби ба қисмҳо ҷудо кардан, васл кардан, нигоҳ доштан ва нигоҳубини онҳо; ташкили вохӯриҳо бо хатмкунандагоне, ки ҳаёти худро ба хизмати Ватан бахшидаанд.

Ба андешаи мо, дар рӯзҳои истироҳат ва ҷашну маросимҳои мардумӣ ташкил ва баргузории чорабиниҳои зерин ба беҳтар гардидани вазъи ТҲВ-и хонандагон мусоидат мекунад:

- роҳпаймоиҳо ва экскурсияҳо (мавзуӣ);
- сафарҳо ба ҷойҳои шуҳрати ҳарбидошта;
- мусобиқаҳо бахшида ба “Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ”, “Рӯзи Ғалаба”; спартакиадаи ҷавонони даъватшаванда аз рӯи намудҳои варзиши ҳарбию амалӣ;

- спартакиадаи ҷавонони даъватшаванда бахшида ба “Рӯзи Ғалаба”;

- дави варзишӣ ва дигар намудҳои варзиши сабук ба шарафи “Рӯзи даъватшавандагон”;

- санҷиши тайёрии ҷисмонии ҷавонони даъватшаванда тавассути ташкили чорабиниҳои варзишӣ;

- мусобиқаҳо оид ба чавгонбозӣ.

Дар мактабҳо ҳамчунин бахшида ба Рӯзи муҳофизони Ватан гузарондани мусобиқаҳо ва спартакиядаҳо бисёр мубрам арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, ТҲВ–и наврасон ҷузъи ҷудонашавандаи ба хизмати ҳарбӣ омода намудани ҷавонон ва тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Ба роҳ мондани ТҲВ дар МТМУ бо мақсади дар дили шогирдон ҷо додани ҳисси масъулият, меҳру мухҳббат ба Ватан, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои таъмини муҳофизати Ватан ва азхуд намудани дониш, маҳорате, ки барои ин зарур аст, ҳамчунин ташкили ҳамкорӣ бо ҳамаи субъектҳои ТҲВ мебошад.

Ҳадафи ТҲВ–и доштани мавқеи фаъоли ҳаётӣ буда, барои рушди ин самт иҷрои корҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

- таҳияи механизми ташаккулдиҳии эҳтиром ба озодӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсӣ;

- омӯзиш ва омавигардонии мафҳумҳои “ҷомеаи шаҳрвандӣ”, “сохти ҳуқуқ ва волоияти қонун”, “озодӣ ва масъулият, “хизмат ба Ватан”, «шараф», «виҷдон», «вазифа», «адолат», «боварӣ» ва ғайра;

- ташаккул додани тасаввуроти ахлоқӣ дар бораи вазифа, шаъну шараф дар заминаи муносибат ба Ватан, ба ҳамватанон, ба оила;

- ташаккул додани салоҳият ва ғояҳои арзишманд дар бораи волоияти қонун ва зарурати тартиботи ҳуқуқӣ, ҳамоҳангии иҷтимоӣ ва ҳамкории байнифарҳангӣ.

Омодагӣ ба ҳифзи Ватан ҳамчун муҳимтарин арзиши конститутсионӣ мебошад. Шаҳрвандон вазифадоранд, ки манфиатҳои миллии ҶТ–ро ҳимоя намуда, амнияти низомии онро дар муқобили таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ таъмин кунанд.

Объекти асосии ТҲВ ин насли навраси синни мактабӣ мебошад ва махсусан аз синни 7–солагӣ оғоз ёфта, вазифаи он кор бо муҳофизони ояндаи Ватан дар давраи наврасӣ ва ҷавонӣ мебошад.

Вазифаи дуюм бо тарбияи мақсадноки ҷавонони синни тодаъватӣ ва даъватӣ барои иҷрои муваффақонаи вазифаҳои мушаххас оид ба таъмини амнияти миллӣ ва низомии ҶТ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, бахусус ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ғ. мебошад.

Барои иҷро вазифаҳои қисмати якум такмили мазмуни таълим ва таҳияи нақшаи васеътари иҷтимоию педагогӣ лозим меояд.

Асосҳои педагогию психологии таҳқиқотро таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ, ҳамчунин таълимоти умумибашарӣ (Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурмаолии Кайковус, Турсунов Н.Н., Суяров Т.М., Мирзоев С.С., Бунак В.В., Глухова В.И., Лубшиева Л.И., Никтю Б.А., Пропов Н.Н. ва монанд ба инҳо) нишондиҳандаҳои илмӣ марбут дар бораи тавъам будани назария бо амалия, ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқот ба эътибор гирифтани таҷрибаи таърихи варзиши гузаштаву феълӣ фарогир аст.

Гузашта аз ин, ҳангоми гузаронидани таҳқиқот асосҳои назариявии Стратегияи ҶТ «Оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ», «Стратегияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2018-2021», Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи маҷмуи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017–2021», Қонуни Ҳукумати ҶТ “Дар бораи маориф”, “Консепсияи мактаби миллии тоҷик” “Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ” ва амсол ба инҳо марбут ба таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ бо назардошти ба роҳбарӣ гирифтан, корбаст гардидаанд.

Тарбия намудани хонандагон кори домандор буда, заҳмати педагогию психологиро тақозо дорад. Дар таҳқиқоти худ мо ба ҷанбаҳои илмӣ–методӣ, зебоипарастӣ, равоншиносию ахлоқӣ такя намудем. Ҷустуҷӯи педагогӣ, талаботи методикаи ҷадиди даврон дар хусуси рушди хонандагони МТМУ докторинаи бархурди силсилавӣ ба омодагии муаллимони ТҶ бо мақсади дар руҳияи ТҲВ тарбия намудани хонандагон корбаст шуданд.

Муҳаққиқ И. М. Биховская оид ба ин масъала чунин ақида дорад: «Фарҳанги ҷисмонӣ ва варзиши инсоният дар худ асари харобиовари ин тамоюлро чун унсури фарҳанги умумиинсонӣ таҷриба намудааст» [24;119].

Дар раванди ТҶ ва ТҲВ–и донишомӯзон вазифаҳои муҳимтарини ташаккули сифатҳои нави шахсияти инсони замони нав ҳал мешавад, ки имкониятҳои нақши омили инсониро дар ҷомеа ба таври назаррас тавсиф мебахшад. Ин дар навбати худ, таъкиди таваҷҷухро ба фардисозии технологияи ин раванд ва мутобиқан ба рушди психофизиологии ҳар як инсон ба мақсади баланд бардоштани нақши тамоюлоти ҷисмонию варзишии насли наврас дар назар дорад. Аз ҷониби дигар, кушодашавии сифатҳои табиии хонандагон ба рушди вазифаҳои ҳаракатӣ ва генетикии муайяншуда дар асоси воридшавии амиқ ба моҳият ва психологияи фаъолнокии ҷисмонии донишомӯз муайян карда шаванд.

Дар ҳама гуна сохти ҷамъиятиву давлатдорӣ ба тарбияи ҷисмонии насли наврасу ҷавонон диққати махсус медиҳанд, то ин ки ҷавононро бардаму солим ва боқувват ба воя расонанд. Мақсади асосии ТҶ ва варзиш дар мактаби мусоир ин омодасозии ҷавонон ба меҳнат ва мудофиаи Ватан мебошад. ТҶ ба ҳамаи намудҳои тарбия алоқамандии зич дорад.

Қисмати ангезавӣ дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои аз дидгоҳи шахсиятӣ муҳим водор карда, сабаби рушди он мешавад.

Меъёри рушди қисмати ангезавӣ қувваи нисбии сабабҳои марбут ба ниёзҳо мебошад, ки инсонро барои машғулият бо фарҳанги ҷисмонӣ водор месозад.

Ҷузъи шинохти фаъолнокиро дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои асосии инсон, саломатии ҷисмонию равонии ӯ банақшагирӣ фаъолияти рӯзона ташкил медиҳад. Ба сатҳи муайянкунандаи рушд доштани фаҳмишҳо оид ба иҷрокунии машқҳои ҷисмонӣ ва ҳаракатҳои фаъол дохил мешавад. Педагоги машҳури рус Виготский Л.С. чаҳор сатҳи рушди шинохтро ҷудо кардааст:

1) “ҳиссиётӣ – донишҳои нопурраи тамринҳои ҷисмонӣ дар сатҳи ҳиссиётии шуур, ки фаъолнокии ҷисмониро равона мекунад. Чунин фаъолнокӣ бо таҳрикҳои беруна – сабабҳои воҷибӣ вобаста аст;

2) доро будани донишҳои эмпирикӣ оид ба тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулияти мустақилона бо ин тамринҳо дар сатҳи тақлид, сатҳи миёнаи қобилияти ҳаракатӣ;

3) оқилона – донистани қонуниятҳо ва механизмҳои биологӣ ва равонию педагогии таъсиргузории тамринҳои ҷисмонӣ ба инсон, ки фаъолнокии ҷисмониро бо сабабҳои дохилии просессуалӣ ва натиҷанок алоқаманд месозад;

4) шахсиятӣ - идроки маънои шахсиятии донишҳо ҳамчун васила барои ташкили оқилонаи машғулиятҳо бо фарҳанги ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои он муҳим аст” [29; 18].

Ҳукумати ҶТ ҷиҳати рушди ТҶ ва варзиш ҷораҳои зарурӣ андешида истодааст. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июни соли 2011, №278 “Барномаи Маҷмуи рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2011-2015” тасдиқ ва амалӣ гардида буд. Инчунин, аз 27.05.2017, №260 “Барномаи маҷмуии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои

2017-2021" тасдиқ ва амалӣ гардид, ки барои омилҳои баланд бардоштани самаранокии ТҶ–и хонандагони муассисаҳои таълимӣ хеле мусоидат намуданд.

Симои марказии низомбахши оғози технологияи педагогӣ, раванди фарҳанги ҷисмонии муаллим – омили муҳтавои таҳсилот, ташкилотчии шароити педагогии таъминкунандаи натиҷаноки фаъолият мебошад. Дар шахсияти он арзишҳои объективию субъективии педагогӣ ба ҳам меоянд.

Тибқи ҷамъшавии технологияи педагогӣ таркиби амалиётӣ бояд дар мавриди хоҳиш натиҷаи кафолатшударо дар сатҳи арзёбии мусбӣ таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, зарурати ворид кардани тағйироти усули дар таълими ба муҳтавои он таъсиргузор, ки дар аксар ҳолатҳо талабнашуда чи дар ҳаёти мактабӣ ва чи дар ҳаёти пас аз мактабии кӯдакон ба сифати яке аз хатҳои муҳимтарин боқӣ мемонад.

Аз МТМУ–и имрӯза талаб карда мешавад, ки сатҳи омодагии хатмкунандагонро ба дараҷае боло баранд, ки рақобатпазири МТОК-и дохил ва хориҷӣ кишвар бошанд. Бозсозии низоми таҳсилот дар системаи маориф вазифаи фаъолияти ТҶ ва беҳбуд бахшидан ба омодасозии ТҲВ хонандагонро гузоштааст. Дар чаҳорчӯбаи намунаи нави таҳсилотӣ – таҳсилоти миёна аҳаммияти хосеро пайдо карда, бояд хатмкунандагонро руҳан ва ҷисман солим ва бо хислатҳои рушдёфтаи шахсиятӣ муаррифӣ карда тавонанд.

Тахассуснокӣ гуфта, ба инобат гирифтани хусусияти инфиродию равоншиносӣ ва ҷисмонии машғулшавандагон, доштани қобилияти иҷрои талаботи тахассусӣ, дарки талабот ва хоҳиши шогирдон, нишон додани худ ҳамчун омӯзгори масъулиятшинос ва доштани донишҳои баланди педагогию психологӣ фаҳмида мешавад.

Раванди болоравии фаҳмиш ва дарки мутахассис ҷиҳати ҷамъбаст намудани равишҳои тарроҳии педагогӣ, ҳамчун раванди марҳилавии

низомӣ ба назар гирифта мешавад. Тағйироти афзалияти дар арзишҳо ва ҳадафҳои омодасозии педагогӣ шиносшуда боис гардид, ки равишҳо ва татбиқоти онҳо мавриди муқоиса қарор гирифта, ҳамгироии онҳо дар равандҳои зерин умумиятҳоро пайдо мекунад:

- равандҳои низомӣ;
- инноватсионӣ;
- шахсият – меҳвар;
- фарҳангшиносӣ;
- фаъолиятӣ;
- салоҳиятӣ;
- низомию навоварӣ.

Дар замони муосир дар қатори муваффақият ва имконоти мавҷуда мушкилот низ вуҷуд дорад. Ба мушкилоти муосир ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани заминаи моддию техникӣ ва инфрасохтори соҳа мебошад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд “Бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи тоҷикон бо таърихи куҳанбунёди хеш ба қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳии комил расидан мушкил аст. Ҳамчунин, бе дарки огоҳонаи решаҳои таърихӣ, таҳкими истиқлолият, пойдории давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд” [140, с. 76].

Мардуми тоҷик аз қадимулайём барои доштани фарҳангӣ моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ дар миёни халқҳои ҷаҳон мавқеи хосаро касб кардаааст. Ҷавонон ҳамон вақт ифтихор аз гузаштагони фарҳангии хеш карда метавонанд, ки агар ин фарҳанг огоҳ буда, онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд, зеро пешгаҳи қавми ноогоҳ маънои дур мондан аз асолати инсониро дорад.

Дар тули таърих мардуми тоҷик баҳри таъмини амният ва пойдории давлату миллати хеш ҷонбозиҳои зиёде кардааст. Фаъолияти меҳандӯстонаи саркардагони миллати тоҷик Муқаннаъ, Спитамен, Шерак, Темурмалик, Исмоили Сомонӣ, Восеъ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғаффуров, Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Эмомалӣ Раҳмон ва садҳо нафар дигар инсонҳои боғайрату бо фарҳангро метавон намунаи ибрати ҷавонон донист.

Қобили қайд аст, ки ба ҳайси роҳбари давлат интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон аз тақдири баланди ин миллат шаҳодат дода, миллати тоҷик тахти роҳбарии ӯ рӯй ба шоҳроҳи рушду тараққӣ афтод.

Аҳаммияти асосии таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар МТМУ дар он аст, ки ин фан барои рушди ҷисмонӣ, нигоҳдории саломатии бардавом ва соҳиб гардидани мактаббачагон ба малакаҳои зиёди фаъолият дар самти тарбияи ҷисмонӣ мусоидат мекунад. Аслан инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон бе иҷрои машғулиятҳои фаъоли тарбияи ҷисмонӣ имконнопазир мебошад. Маълум гардидааст, ки ҳангоми ҷисми мактаббачагонро дар ҳолати камҳаракатӣ нигоҳ доштан саломатӣ ва вазъи рушди организми ӯ ба таври назаррас бад гардида, қобилияти мудофиавии он суст мегардад.

Аслан, авҷи инкишофи табиии инсон дар синни мактабӣ ба вуҷуд омада, қобилияти асосии ҷисмонӣ дар ин вақт самаранок такмил дода мешаванд. Бинобар ин, нисбат ба тамоми сифатҳои ҷисмонии инсон ин давра бисёр давраи ҳассос мебошад. Баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, яъне баъд аз ба балоғат расидан инкишоф додани сифатҳои муайян бисёр ҳам душвор мегардад.

Ҳамзамон, синну соли мактабӣ барои омӯхтани малакаю маҳоратҳои ҳаракаткунандаи гуногун бисёр мусоид буда, ба кас имкон медиҳад, ки дар оянда барои иҷрои ҳаракатҳои азхудшуда дар шароити гуногуни фаъолият зудтар мутобиқ шавад.

Расидан ба дараҷаи муайяни фаъолияти ҷисмонӣ ва руҳӣ дар синни мактабӣ қуллай ва осонтар буда, дар маҷмуъ барои бомуваффақият аз худ кардани маводи барномаи фанҳои таълимии назариявӣ ва барномаҳои тарбияи ҷисмонӣ имконияти васеъ вуҷуд дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" аз соли хониши 1926-1927 бо номи "Тарбияи бадан" таълим дода мешавад.

Талаботи рушди ҳамаҷонибаи шахсияти мактаббачагон дар раванди омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ ҷузъҳои таркибию вазифаҳои зерини таълим мебошанд:

- "саломатии хуб;
- инкишофи хуби ҷисмонӣ;
- сатҳи оптималии қобилиятҳои ҳаракатӣ;
- дониш ва малака дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ;
- ангезаҳо ва усулҳои (маҳоратҳои) азхудкардаи фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ, солимгардонӣ ва варзишӣ" [51, с. 103].

Барои таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" аслан амалисозии вазифаҳои зерини таълимӣ лозим меоянд:

1. Ташаккули қобилияти мустақилона машғул шудан бо машқҳои ҷисмонӣ, бошуурона истифода бурдани он ба мақсадҳои истироҳат, машқ, беҳтар намудани фаъолияти меҳнатӣ ва беҳдошти саломатӣ;

2. Баланд бардоштани саводнокии тарбияи ҷисмонии мактаббачагон;

3. Ҳавасмандгардонии мусбӣ барои тарбияи ҷисмонӣ;

4. Ташаккули асосҳои техникаи дурусти иҷрои малакаҳои муҳимми ҳаракатӣ. Ташаккули малакаҳои ташкилию методӣ, ки ба хонанда имкон медиҳад дарсҳои мустақилонаи худро дуруст ташкил кунад, назди худ уҳдадорӣ ё худ сарборӣ гузорад, усули мувофиқи ташаккули сифатҳои ҷисмониро истифода барад, содатарин худидоракунӣ ва ғ.

5. Тарбияи сифатҳои шахсӣ (эстетикӣ, ахлоқӣ ва ғайра), мусоидат ба инкишофи равандҳои равонӣ.

Масъалаи мазкур қисман дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, барномаҳои таълимӣ, барномаҳои маҳфилҳо барои гурӯҳҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мактабҳои варзишии наврасон оварда шудаанд.

Қисмати рафтори татбиқи амалии фаъолнокиро дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои рушди саломатӣ муҳимро ба чаҳор сатҳи рушди қисмати рафторӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1) поин – доро будани тарзҳои иҷрои машқҳои алоҳидаи тамринӣ дар сатҳи тақлид, ғайриқобил будан ба ташкили мустақилонаи машғулият бо ин тамринҳо, сатҳи поини қобилияти ҳаракатӣ;

2) репродуктивӣ – яъне соҳиби маҳорати иҷроиши машқҳои бадан, ки аз нигоҳи ҳиссиётӣ шавқовар ва ба роҳ мондани дарсҳои мустақилона ба ин машқҳо ҳамчун тақлиди амал, ҳисоб намудани он ҳамчун сатҳи миёнаи қобилияти ҳаракатӣ;

3) оқилона – доро будани тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонии аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулияти мустақил бо ин тамринҳо дар сатҳи идрок, сатҳи қобилияти ҳаракатӣ аз миёна боло аст;

4) эҷодӣ – усулҳои истифодабарии равиши технологӣ дар ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонӣ инҳо мебошанд:

- тамомияти функсионалӣ;
- илмияти донишҳо;
- иртиботи функсионалии мазмун, намуд ва метод;
- ифшо намудани мақсади вазифавии метод;
- баҳодиҳии воқеии натиҷаҳо;
- соҳибият ва муайянкунӣ дар тарбияи ҷисмонӣ;
- бисёрҷабҳагии усулҳои истифодамешуда;
- мутобиқгардонӣ

## 1.2. Ташкили муҳити самараноки тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон

Тарбияи ҷавонони воқеан ҳам ватандӯст, инсонпарвар, эҷодкору ободкор, соҳиби одобу ахлоқи баланд, соҳибони аслии осори адабию фарҳангии гузаштагонамон ба самтҳои афзалиятноки Ҳукумати ҶТ дохил гардида аст. Вобаста ба ин, мақоми фанни “Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ” дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсозро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ дарк шуда, такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти ин фанҳо дастгирӣ меёбад. Аз ин ҷост, ки ба мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, солҳои охир ба ин фанҳо дар сатҳи давлатӣ аҳаммияти зиёд дода мешавад.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятнок эълон гардида, он аз ҷониби Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ шудааст. Ҷиҳати амалисозии дастуру супоришҳои Роҳбари олии мамлакат ҳама вазорату идораҳои дахлдор чораҳои амалӣ андешида истодаанд. Дар робита бо ин фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.10.2024, №2265 “Дар бораи тарбияи худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии хонандагону донишҷӯён, пешгирии зуҳуроти бегонашавӣ ва бегонапарастӣ, гароиш ба ташкилоту созмонҳои ифротгаро ва тақлидкунандаи таассуби динӣ” бо мақсади балад бардоштани сатҳи маънавиёт, худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон, шинос намудани онҳо бо фарҳанги тамаддунпарвари ниёгон, ба имзо расид. Барои иҷрои ин фармоиш омӯзиши осорхонаҳои таърихию фарҳангӣ аҳаммияти зиёд доранд.

Ҳамзамон қабул ва амалишавии “Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017”, ки аз 1–уми августи соли 2012, №382 ба тавиб расидааст, ба масъалаи баланд

бардоштани тарбияи ватандӯстию хештаншиносии насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои амалкунандаи ҶТ, бунёди заминаҳои илмӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ, рушди саломатӣ, ҷилавгирӣ аз ҳодисаю рафторҳои номатлуб таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида буд, ки ин баҳри бартарафсозии мушкилоти мавҷуда асоси воқеӣ гузошт.

Қобили қайд аст, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар қатори ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҳамзамон воситаи беҳтарин таҳки сулҳу дӯстӣ миёни варзишгарон ва тамоми инсонҳои рӯйи замин мебошад.

Дар мавриди таҳқиқоти мазкур олимони машҳури ватанию хориҷӣ: Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А., Абдулхонов-Славская Б.Г., Ананев Б.Г., Бодалев А.А., Вгодский А.В., Божович А.И., Кон И.С., Мерлин В.С., Рубинщтейн Л.И., Саприкин А.Г., Борисова С.В., Митина Л.М., Баклаков К.В. асарҳои зиёде таҳия кардаанд, дар масъалаи ташаккули худшиносии миллӣ дар таърихи афкори ҷамъиятӣ саҳми олимон: Евдакимов П.Т., Дробижева Л.М., Иванова А.А., Прокошенкова Л.П. ва ғайра қобили қайд мебошад. Вале дар мавриди бештар саҳми баланди донишмандон: Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д. ва дигарон хеле назаррас буд.

Бояд фаъолияти МТМУ тарзе ба роҳ монда шавад, ки чун дигар фанҳои табиию риёзӣ, тақиқ, филологӣ ва ҷомеашиносӣ барои таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ низ шароити мусоид ташкил карда шавад. Яъне ин фанро ба гурӯҳи фанҳои ба истилоҳ дуюмдараҷа ворид набояд кард. Вобаста ба ин масъала дар баробари ба таълим нигаронида шудан,

ҳадафи таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ низ рушд дода мешавад. Бо назардошти ин муаллими ТҶ-и муассисаҳои таълимӣ бояд ҳангоми таҳсил дар МТОК дар сатҳи баланди тахассусӣ омода карда шаванд.

Бо мақсади муайянсозии шароити ташкили таълими тарбияи ҷисмонӣ ва сатҳи тахассусии омӯзгорон, мо миёни омӯзгорони фанни ТҶ ва ОДҲ-и МТМУ-т вилояти Хатлон пурсишнома гузаронидем (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Натиҷаи пурсишнома миёни омӯзгорон вобаста ба саволи “Шумо чи тавр ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбиро интихоб намудед?”**

| № | Саволу ҷавоб | Шаҳри Кӯлоб | Ноҳияи Восеъ | Ноҳияи Ҷ̣ уъминобод |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бо хоҳиши худам | 56% | 50% | 48% |
| 2 | Бо тавсияи падару модарам | 13% | 20% | 22% |
| 3 | Бо маслиҳати муаллимони ТҶ ва варзиш | 15% | 13% | 14% |
| 4 | Бо маслиҳати ёру дӯстон ва ҳамсабақон | 10% | 9% | 13% |
| 5 | Таваккал кардам | 6% | 8% | 3% |
| | **Ҷамъ:** | **100%** | **100%** | **100%** |

Ҳукумати ҶТ ҷиҳати рушди ТҶ ва варзиш чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Дар доираи татбиқи барномаву қарорҳои Ҳукумати ҶТ корҳои зерин ба анҷом расидаанд ва боз ҳам таҷдиди назарро талаб менамоянд:

1. Танҳо дар 10 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 3500 иншооти гуногуни варзишӣ бунёд гардида, 1759 иншооти дигари варзишӣ аз таъмири маҷмуӣ бароварда шуд, ки ин кори кам нест;

2. Масъалаи бо мутахассисони сатҳи баланди касбии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъмин намудани МТМУ, дар сатҳи лозимӣ ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо ва пайваста аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтиоси гузоронидани омӯзгорон муносибати маҷмуӣ ва доимиро талаб мекунад;

Аз маводи соҳа ва таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи мазкур бар меояд, ки дар фаъолияти ТҶ дар қатори муваффақият боз як қатор мушкилот низ мавҷуд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аввали соли 2024 дар мамлакат 3770 МТМУ (аз ҷумла 64 гимназия ва 56 литсей бо фарогирии 48387 хонандагон) бо шумораи умумии 1 млн 959 ҳазору 996 хонанда таҳсил мекарданд. Дар ҳамин давра 25% кӯдакони 6-17 сола ба таҳсил фаро гирифта нашуданд ва дар ҳамон солҳо шумораи норасогии омӯзгорон 12 000 нафарро ташкил мекард.

Дар МТМУ дар қатори стандарти давлатӣ мавҷудияти нақшаю барномаҳои таълимӣ яке аз қисматҳои асосии ҷараёни таълим мебошад. Аз натиҷаи пурсишномаи мо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37–и н. Муъминобод бар меояд, ки сатҳи нақшаю барномаҳои таълимӣ ва раванди амалисозии онҳо такмилталаб мебошад. Вобаста ба ин, миёни омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ-и МТМУ-и шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Муъминобод ва ноҳияи Восеъ пурсишнома гузаронида шуд. Дар пурсишнома 348 нафар муаллим иштирок намуданд. Ҳангоми натиҷагирӣ кардани саволи “Оё нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ба ташаккули ТҶ мусоидат мекунанд?” чунин маълумотро ба даст овардем (Ҷадвали 2).

Пас маълум гардид, ки бештари посухдиҳандагон ба «сифати» барнома ва нақшаҳои таълимӣ ишора кардаанд ва танҳо 18,9% ишора кардаанд, ки чунин вазъият ба таври куллӣ қаноатбахш мебошад ва 22, 7% ғайриқаноатбахш шумоespecíficamente шуморидаанд. Ин дар ҳолест, ки 51,3% посух

доданд, ки ба таври қаноатбахш барномаҳо ва нақшаи таълим омода шудаанд.

**Ҷадвали 2.**

**Натиҷаҳои пурсишнома "Оё нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ба ташаккули ТҶ мусоидат мекунанд?"**

| № | Навъи посуххо | Теъдод | (%) |
|---|---|---|---|
| 1. | Ба таври куллӣ | 66 | 18,9 |
| 2. | Ба таври қаноатмандӣ | 178 | 51,3 |
| 3. | Дар сатҳи ғайриқаноатмандӣ | 79 | 22,7 |
| 4. | Мушкилии посух дорам | 25 | 7,1 |
| 5. | ***Ҷамъ*** | **348** | **100** |

Ба ҳар ҳол дар ин масъала шакке вуҷуд дорад ва аз ин рӯ, мо саволи дувумро чунин ба муҳокима гузоштем: "Сабаби ғайриқаноатманд буданатонро тавзеҳ диҳед:". Шумораи пурсидашудагон 348 нафар (**Ҷадвали 3**)

**Ҷадвали 3.**

**Натиҷаҳои пурсишнома оид ба "Сабаби ғайриқаноатманд буданатонро тавзеҳ диҳед:"**

| № | Навъи посуххо | Теъдод | (%) |
|---|---|---|---|
| **1.** | Барномаҳо такмил наёфтаанд | 90 | 25,8 |
| **2.** | Соатҳо барои ТҶ камтар аст | 147 | 42,2 |
| **3.** | Барнома ва услубҳои ТҶ дар мактаб такмил наёфтаанд | 78 | 22,4 |
| **4.** | Барнома ва китобҳои дарсӣ куҳна шудаанд | 33 | 9,6 |
| | **Ҷамъ:** | 348 | 100 |

Посуххо бар онанд, ки барномаҳо «куҳна» гардидаанд ва «такмил наёфтаанд». Ба назари мо «Соатҳо барои дарси ТҶ каманд» метавон ба «Барномаҳо такмил наёфтаанд» ворид кард ва сабаби аслӣ бозтару рӯшантар мегардад.

Рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба сатҳи омодагии муаллимон вобастагии амиқ дорад. Ҳамзамон МТМУ дар ҳақиқат ҳам маконе барои ёдгирию ёддиҳӣ мебошад.

Мукаммалии барномаҳо ва китобҳои дарсӣ низ ба раванди ташкили муназзами тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нақши муассир дорад. Ин санадҳои муҳимми таълимӣ раванд, тарзи амал ва муносибати муаллимро бо донишомӯзон мушаххас мекунад.

Равиши таҳқиқ ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандагонро ҳамчун низом равона месозад ва он имкон фароҳам меорад, ки хосияти низомӣ ва тавсифоти сифатӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ба кушодани ягонагии он мусоидат кунанд.

Мо дар замони ҷаҳонишавӣ қарор дорем, аммо новобаста ба ин барои дар руҳияи ватандӯстӣ ва солиму бардам ба воя расонидани наврасону ҷавонон муҳит нақши асосӣ мебошад. Онҳо ба наслҳои калонсол такя карда, таҷрибаю малакаҳои онҳоро аз худ мекунанд. Асри XXI талаби онро мекунад, ки ҷавонон ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ бошанд. Дар ин кор саҳми муаллимон назаррас мебошад, зеро онҳо бояд бо донишу таҷриба, рафтор ва гуфторашон барои хонандагон намунаи ибрат бошанд. Омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ дар қатори дигар омӯзгорон бояд машғулиятро аз корҳои тарбиявӣ оғоз кунанд. Бояд таъкид намуд, ки гирифтани эроди бисёр, мазаммату маломат кардани хонандагон барои тарбия кори хубе ҳам нест. Муаллимон бояд бо шогирдон чун фарзанд муносибат карда, онҳоро ба омӯзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва солим нигоҳ доштани худ талқин намуда, дар ин кор аз шаклҳои гуногуни таълиму тарбия истифода баранд.

Устоди варзиш бояд донад, ки имрӯзҳо сафарбар кардани ҷавонон ба сафи ҚМ–и ҶТ чӣ қадар душвориҳоро ба вуҷуд меорад. Ҷавонон аз хизмати Ватан саркашӣ мекунанд, ба хориҷи мамлакат фирор мекунанд, падару модарон низ дар ин кор худашон низ ҳавасманд мебошанд. Баъзе ноҳияҳо нақшаи ба хизмати ҳарбӣ даъват кардани ҷавононро саривақт

иҷро намекунанд ва ғайраҳо. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар МТМУ ҳангоми таълим ҳамаи омӯзгорони муассисаҳо, алалхусус муаллимони варзиш ва ОДҲ кӯдаконро барои хизмат ба Ватан дуруст тайёр намекунанд.

Равиши фаъолиятӣ имкон медиҳад, ки муҳтаво ва амалиёти ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кушода шавад.

Фаъолият мафҳуми калидие мебошад, ки дар он асосҳои назариявии илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ сохта мешаванд. Таърифи «фаъолият» дар корҳои классикони психология, ба мисли Л.В. Виготский [29, с. 400] дида мешавад. Ба ақидаи А.Н. Леонтев, фаъолияти инсонӣ – ин «равандест, ки дар тайи он гузариш байни самтҳои субъект – объект татбиқ мегардад, ки онҳо зимни гузариши объект ба шакли субъективӣ сурат мегиранд ва дар айни ҳол, дар фаъолият, инчунин гузариш ба хулосаҳои объективӣ ба анҷом мерасад» [87, с. 231].

Ба намудҳои пешбарандаи фаъолият чунин категорияҳо, ба мисли меҳнат, шинохт ва муошират тааллуқ доранд. Дар навбати худ, ҳар яке аз намуди фаъолият ба таври ниҳоят зич бо дигараш марбут аст. Ҳамгирои компонентҳои мухталифи онҳо гуногунии фаъолияти инсонӣ аз шаклҳои одӣ ба мураккабтаринро муайян мекунанд.

Яке аз усулҳои имконпазири ҳалли проблемаи мазкур дар омӯзгорон ташаккул додани арзишҳои умумиинсонӣ дар маҷмуъ ва арзишҳои фарҳанги миллӣ мебошад. Тавре мутахассиси рус Р. Шустерман баён менамояд: “нақши махсус ба омӯзгоре ҷудо карда мешавад, ки мефаҳмад одамияти асил на ба таври сода аз ҷониби генетика муқаррар карда мешавад, балки тавассути тарбия ноил мешавад, ки дар он ҷисм, руҳ ва фарҳанг бояд муттаҳид карда шаванд” [173, с.54].

Дар асоси чунин фаҳмиш, мо дар таҳқиқи худ зарур шуморидем дар бораи мафҳуми фарҳанги ҷисмонӣ, мавқеъ ва аҳаммияти он дар

сохтори фарҳанги миллӣ ҳамчун замина барои ҷустуҷӯйи захира дар ташаккули омодагии омӯзгор ба азхудкунии воситаҳои миллии ТҶ дар раванди таҳсилот муфассалтар истода гузарем.

Ҳамзамон, Лобанов А.А. қайд менамояд, ки “Марҳилаи сифатан нави фаҳмиши моҳияти фарҳанги ҷисмонӣ бо таъсири он ба соҳаи маънавиёти инсон ҳамчун воситаи муассири тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ дар иртибот мебошад. Агар зарурати махсус барои исботи таъсири зиёди машғулиятҳо бо машқҳои ҷисмонӣ ба моҳияти биологии инсон: ба саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, сохторҳои морфофунксионалӣ набошад, он гоҳ таъсири он ба рушди маънавиёт тавзеҳот ва далелҳои махсусро талаб менамояд. Далели муҳим ба фоидаи аҳаммиятнокии фарҳанги ҷисмонӣ барои рушди ҳамаҷонибаи инсон метавонад дарки нерӯи арзишии ин падида бошад” [89, с.54].

Ҳалли вазифаи дарки падидаи фарҳанги ҷисмонӣ бо он осон мегардад, ки таҳлили ба таври кофӣ ҳамаҷонибаи мафҳуми фарҳанги ҷисмонӣ дар таҳқиқоти С. Бахриддинов, Н.Н. Визитин, М.Я. Виленский, С.А. Жмурова, А.С. Запесотский ба анҷом расидааст.

Масалан, Е.П. Левченко ба чунин хулоса меояд, ки мафҳуми мазкур дар маъниҳои зерин истеъмол мешавад:

“1) фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун машғулиятҳои системавӣ бо машқҳои ҷисмонӣ;

2) фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун намуди фарҳанг;

3) фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун предмети таълимӣ, вале берун аз мадди назари олим боз як маънои мафҳуми мазкур боқӣ мондааст;

4) фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун қисми фарҳанг” [49, с.68].

Ин камбудиро ислоҳ намуда, Т.А. Жмурова чунин меҳисобад, ки: “Фарҳанги ҷисмоние, ки дар чаҳорчӯбаи он инсон арзишҳои худро ҳамчун ҷанбаи натиҷаноки он барои такомули ҷисмонии одамон истифодшаванда предметӣ ва ғайрипредметӣ месозад” [55,с.14].

Ба доираи вазифаҳои таҳқиқи мо таҳлили муфассали фарҳанги умумиинсонӣ дар омодасозии ҷисмӣ ва ахлоқӣ дохил намешавад, зеро ҷанбаи мазкур аз ҷониби олимони соҳа баррасӣ гардидааст.

Фарҳанги миллӣ ҳамчун синтези фарҳангҳои табақаҳо ва гурӯҳҳои ҷомеаи мазкур, дар шароити махсуси ҳаётӣ географӣ, таърихӣ, маишӣ ва ғ. ташаккул ёфта, забони худ, махсусиятҳои фарҳангӣ, биниши махсуси худи ҷаҳон тавлид ёфта, ҳамзамон фарҳанги умумиинсониро ғанӣ мегардонад.

Фаъолияти педагогӣ дар худ ду ҷонибро муттаҳид месозад – зеҳнӣ (дарунӣ), ки дар ҳадаф, таҳлили шароит, интихоби воситаҳо ва методҳо, тарҳи амалҳо асос ёфтааст ва ҳаракатро (беруниро), ки бо фаъолнокии ҷисмонии субъект, таомули воситаҳо бо объект ва предмети фаъолияти он тавассути равандҳои объективӣ ва натиҷаҳо муайян мегарданд. Ҳамин тариқ, ҳаргуна фаъолияти низомии мушаххас, дар ҳолати мо – варзишӣ, ба таври ҳатмӣ бояд бо мафҳуми ниёз, алоқамандиҳо ва сабаб, ки яке аз таркиботи асосие, ки фаъолиятро бошуурона ва дар дурнамо устувор месозад, ба ҳисоб меравaнд.

Ба ақидаи файласуф Э.А. Баллер падидаи миллият дар фарҳанг «ин, аввалан, хусусиятҳои шакли ҳастӣ рушд ва ворисии интиқоли муҳтавои таърихии фаъолияти маънавии умумияти додашуда; сониян баъзе нуқтаҳои махсуси худи мазмуни фарҳанг мебошад. Ниҳоят, махсусияти миллӣ ин муайянии сифатии ҳастии дар давоми асрҳо андӯхташудаи ҳаёти маънавии халқҳо мебошад, ки дар анъанаҳо, арзишҳо, ниҳодҳои фарҳангии вожаи онҳо таҳким ва ифода ёфтааст» [7, с. 15].

Фарҳанги миллӣ бо гирифтани ғизо аз ду сарчашма инкишоф меёбад. Аввалан, худинкишофёбии дохилии фарҳанги миллӣ. Ҳар як миллат, халқият кӯшиш менамояд имкониятҳои худро барои инкишофи пурратари он неруи фарҳангие истифода барад, ки аз ҷониби он андӯхта

шудааст. Сониян, сарчашмаи муҳим - ин таъсири дастовардҳои беҳтарини онҳо мебошад.

Бинобар ин, фарҳанги миллӣ, ворисии муайянро бо анъанаҳои пешқадами гузашта ҳифз намуда, бо шароитҳои нави ҳаётие ташаккул меёбад, ки симои нави фарҳанги миллии ҳар гуна ҷомеаро муайян месозанд.

Ҳамин тариқ, ганҷинаи фарҳангии ҳар як миллат мавқеи пешбарандае дар ташаккули шахсияти насли наврас ва ҷавонон ишғол менамояд. Зеро асоси онҳоро машқҳо ва бозиҳои мардумие ташкил медиҳанд, ки таърихан бо шароити минтақаҳои додашуда, тарзи ҳаёт ва хусусиятҳои меҳнатию ҷисмони одамон марбутанд.

Вобаста ба заифии мусаллаҳиятнокии яроқҳои ҷангӣ маълум гардидааст, ки мардуми Осиёи Миёна барои шикори ҳайвонҳои даранда аз усули дастаҷамъона истифода мекарданд. Дар робита ба ин олим, педагог Лобанов А. қайд менамояд, ки "шикори бобарорро бар онҳо танҳо бо кумаки воситаҳои пешакӣ тайёркардашуда ва таҷрибакардашуда мумкин буд таъмин кард, ки бо амалҳои муштараки аз ҷониби ҳамаи аъзои авлод ташкил карда шуда буданд" [95, с.15].

Дар воқеъ, дар ин раванд инсони қадима ба фаҳмидани манфиат аз истифодабарии оқилонаи ашёҳои мухталиф ба сифати силоҳи ҳаводиҳанда: чӯбҳо, найзаҳо, сосканҳо ва ғ. шуруъ кард. Илова бар иҷрои бобарори шикор, бо коҳиш додани масофа байни объект ва бо истифодаи усулҳои мухталифи коҳиш додан, инчунин, наздикшавии пинҳонӣ ба сайд дар раванди шикор сайқал дода шуд. Чи тавре Б. Ғафуров қайд менамояд, «Дар расми ғори кон дар Помири Шарқӣ тасвирҳои одамони дар намуди паррандаҳо, хинзирҳо, хирсҳо ниқобпӯшида хуб дида мешаванд» [31; 87], ки дар бораи шикори дастаҷамъонаи дар каминҳои мухталиф пинҳоншуда шаҳодат медиҳанд. Ихтирои камон ва корбурди он дар шикор нақши азимро дар ҳаёти ҷамъиятии инсони қадима ҳамчун воситаи тарбияи ҷисмонӣ бозид.

Халқи тоҷик чун халқҳои дигари Осиёи Миёна бо камон шинос буд (ҳаз. сол то милод). Дар бораи нақши азими камон дар ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ чунин воқеият шаҳодат медиҳад, ки агар то ихтирои камон (дар давраи палеолит) сукунатҳои «шикорчиён» вуҷуд доштанд, дар давраи мезолит бошад, дар пойгоҳи он соҳаҳои нави шикорчиён пайдо шуданд. Дар робита ба ин А.К. Бобоҷонов чунин ақида дорад, ки "яке аз сабабҳои гузариши инсони қадима ба чорводорӣ ва минбаъд ба пайдоиши машқҳои ҷисмонии марбут ба ин фаъолият ихтирои камон мебошад. Ҳайвоноти бо тири камон шикоршуда дар давоми вақти зиёд ҳамчун захираи гӯшт нигоҳ дошта шуда, ба ҳайвоноти хонагӣ табдил дода мешуданд" [16; 54]. Ба ҳар ҳол, ба даст овардани камон таҳрики қавие барои инкишофи воситаҳои ТҶ ба шумор мерафт. Тибқи гуфтаҳои Геродот халқҳои Осиёи Марказӣ бо камон ҳанӯз ҳазор сол пеш аз милод шинос буданд. Онҳо аз синни 5–солагӣ кӯдакони худро ба саворагӣ ва камонварӣ таълим медоданд.

Сохтори фаъолиятро муаррифӣ намуда, равиши мазкур имкон фароҳам месозад, ки робитаҳои муайянро дар сатҳҳои мухталифи фаъолияти варзишӣ барқарор намуда, моҳияти зуҳуроте, ки хусусияти ташаккулёбии фарҳангро муайян мекунанд, дарк карда шаванд. Ғайр аз ин, равиши фаъолиятӣ раванди азхудкунии фаъоли донишҳо ва маҳоратҳоро тавассути ҳаллу фасли сабабнок ва мақсадноки вазифаҳо тавзеҳ медиҳад.

Ҳамин тариқ, корбурди равиши фаъолиятӣ дар таҳқиқи мо имкон дод, ки муҳтавои усули ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯён кушода дода шаванд.

Асли таҳрики мақсадноки шахсияти донишҷӯ ба фаъолияти мустақилонаи варзишӣ вобаста аст. Муқаррароти равиши мазкури асосӣ бо асли фардисозӣ ва дифференсиатсия (тафриқасозӣ) зич пайваст аст, вале хусусияти фарқкунанда дорад. Яъне, дар робита бо гуногунии истисноӣ фарқияти инфиродии омӯзандаҳо, татбиқи онҳо дар шароити

мавҷудаи ташкили раванди таълимию тарбиявӣ аз рӯйи фарҳанги ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ дар варианти маҳдуди тафриқасозӣ ва инфиродисозӣ имконпазир ба назар мерасад. Мудирияти ташкилоти таҳсилотӣ ё муаллими муассиса на ҳамеша қобил аст тафовутҳои сершумори инфиродиро дар ҳар яке аз шогирдони худ ба назар гирад ва барномаҳои ташхисии мутаносиби такмили ҷисмониро таҳия ва тадвин намояд.

Дуҷанбагии раванди таҳсилот, таълим ва тарбия (таҳсил ва худтаҳсилкунӣ, таълим ва худтаълимдиҳӣ, тарбия ва худтарбиякунӣ)–ро зикр карда, педагоги рус К.Д. Ушинский дар таҳқиқоти худ, бахшида ба омӯзиши хусусияти равоншиносии фаъолнокии ҷисмонии инсон, зикр кардааст, ки "худтарбиядиҳӣ – ин раванди доимии кори инсон аз рӯйи такмилдиҳии ҷисмонӣ ва маънавии худ (худтакмилдиҳӣ) мебошад, ки дар шинохтани худ (худшиносӣ) асос ёфтааст" [161, с. 576]. Дар раванди мазкури худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ муҳассилин ҳамчун субъекте баромад мекунад, ки худро, амалҳои худро, рафторҳо, фикрҳо, ҳиссиёт, саломатӣ ва сатҳи рушди ҷисмониро аз тариқи мушоҳида омӯхта, арзёбӣ мекунад.

Дар айни ҳол, симо ва мафҳумро дар бораи худ ҳамчун шахсияте, ки ба рушди созгори неруҳои ҷисмонию маънавии худ саъю талош дорад, эҷод мекунад. Дар навбати худ, ба ҳайси объекти фаъолияти шахсии худ муайян шуда, омӯзанда созандаи худ дар раванди худтакмилдиҳӣ аз тариқи худтанзимкунӣ, ки дар натиҷаҳои худшиносӣ асос ёфтааст, мебошад.

Тамоми матолиби фавқуззикр имкон медиҳанд, хулоса карда шавад, ки дар натиҷаи равандҳои тавсифёфта дар асоси асли таҳрики омӯзанда ба фаъолияти мустақилонаи варзишӣ, худташаккулдиҳии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шахсияти педагоги оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сурат мегирад.

Ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсият дар заминаи аслии мазкур бояд дар асоси мусаллаҳ сохтани шогирдон бо донишҳои зарурии назариявӣ дар машғулияти таълимӣ, инчунин, фароҳам сохтани имкониятҳо барои омӯзиш ва таъйини хусусияти фардии худ, таҳия ва тадвини барномаҳо дар асоси ба назаргирии барномаҳои фардии такмилдиҳии ҷисмонӣ бо кумаки машваратии муаллим ба иҷро расад.

Ҳамин тариқ, муҳтавои фаъолияти варзишӣ дар асоси қувваи таркиботи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ (ҳаракатӣ) сифати ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандагонро таъмин мекунад. Фаъолият дар ташаккулдиҳии фарҳанги ҷисмонии шахсият аз ин дидгоҳ ҳам дар шакли моддӣ ва ҳам дар шакли маънавӣ таҳаввулкунанда баромад мекунад, он зуҳуротест, ки ба он сифатҳои моддию маънавӣ хосанд, ки имкон фароҳам меоранд, фарҳанги ҷисмонии шахсиятро ҳамчун намуди баробарҳуқуқи фарҳанги умумии инсон ва ҷомеа баррасӣ намоем.

Ба даст овардани истиқлолият ба Ҷумҳурии Точикистон дар соҳаи ТҶ ва варзиш имконияти тозаро муҳайё кард. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ варзишгарон имконият пайдо карданд, ки дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ мустақилона иштирок намоянд, кумитаи миллии олимпӣ таъсис дода шуд, аз рӯйи намудҳои гуногуни варзиш федератсияҳои миллӣ ташкил карда шуданд, ки онҳо аз ҷониби федератсияҳои байналмилалӣ эътироф карда шуданд ва ташкили шароити мусоиди ба миён омада имкон дод, ки сафи варзишгарони тоҷик бомаротиб зиёд гарданд. Аввалин варзишгар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1992 Абдуалиев Андрей буд, ки дар бозиҳои олимпӣ дар шаҳри Барселона иштирок карда, қаҳрамони бозиҳои олимпӣ гардид.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бар меояд, ки варзишгарони мо дар намуди варзиши сабук аз соли 1960 дар бозиҳои олимпӣ иштирок карда истодаанд.

Дар олимпиадаи соли 2020, ки дар Токиё баргузор гардида буд, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 нафар иштирок карда, мутаассифона ягон нафар ҷойҳои намоёнро соҳиб нагардиданд, аммо ин барои иштирок ба даврҳои оянда олимпиада замина ва таҷрибаи хубе буд.

Ҳамзамон, имрӯзҳо варзишгарони тоҷик дар олимпиадаҳои зимистона низ иштирок карда истодаанд. Дар ин намуди варзиш варзишгарони мо аввалин маротиба соли 2002 дар шаҳри Солт Лейк Сити (ИМА) иштирок карда буданд. Шумораи варзишгарон дар соли 2003 ба 249490 нафар расида буд, ки ин нисбат ба соли 1991 ба миқдори 1000189 нафар зиёд мебошад. Имрӯзҳо ин шумора боз садҳо ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Мусаллам аст, ки дар ҳама гуна сохти ҷамъиятиву давлатӣ ба масъалаи тарбияи ҷисмонии насли наврасу ҷавон диққати махсус медиҳанд, то ин ки ҷавонон бардаму солим ва боқувват ба воя расанд. Мақсади асосии ТҶ-ро омодасозии ҷавонон ба меҳнат ва таъмини мудофиявии Ватан ташкил медиҳад. ТҶ ба намудҳои дигари тарбия (тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, фикрӣ, ақлонию зеҳнӣ худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ ва амсол ба инҳо) алоқаи қавию ногустанӣ дорад.

Алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ба тарбияи фикрӣ дар он аст, ки дараҷаи баланди инкишофи ҷисмонӣ равиши қобилияти фикриро беҳтар намуда, мафкураи онҳоро дар ҷараёни таълими ТҶ метезонад. Дар ин масъала мутафаккирон беҳуда нагуфтаанд, ки дар тани солим рӯҳи солим вуҷуд дорад.

Алоқаи ТҶ ба тарбияи меҳнатӣ мақоми хос дорад. Асоси ҳамаи масъалаҳои тарбияи меҳнатиро ҳаракат ташкил медиҳад. Яъне дар раванди тарбияи меҳнатӣ низ ТҶ пурра инкишоф ёфта, барои хушсифат иҷро намудани меҳнат заминаи хуб мегузорад. Дар баробари ин, хонандагонро аз ҷиҳати психологӣ ба фаъолияти меҳнатӣ омода месозад.

Тарбияи ҷисмонӣ, махсусан, ба тарбияи ахлоқӣ алоқамандии зич дорад, зеро одат, шуур ва ҳиссиёти ахлоқӣ, маданияти рафторро дар

шароити махсуси фаъолиятҳои серҳаракат бештар маълум мегардонад. Масалан, ҳангоми мусобиқаҳои варзишӣ ва бозӣ ҳамеша риоя кардани қоидаҳои муайянгардида, меъёрҳои ахлоқии варзишӣ, эҳтиром кардани ҳамдигар, ҳарифон, тамошобинон ба тарбияи ахлоқӣ мансуб буда, ТҶ онро инкишоф медиҳад.

Омӯзгорон ба падару модарон тавсия медиҳанд, ки субҳи содиқ фарзандони худро барои ба варзиш машғул шудан водор намоянд. Яке аз шаклҳои хеле муҳимми ТҶ идҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ мебошанд, ки дар асоси риояи расму оини махсус гузаронида шуда, аҳаммияти баланди тарбиявӣ дорад. Мусобиқаҳои варзишӣ шавқу ҳаваси хонандагонро бедор намуда, қобилияти хуби таъсиррасонӣ доранд.

Яке аз самтҳои ТҶ ин дар хонандагон омӯзонидани ҳаракат мебошад. Ҳамон вақт ҳаракатҳо натиҷаи хуб медиҳад, ки агар онҳо дар асоси ба ҳисоб гирифтани талаботи муайяни педагогию методӣ ба роҳ монда шуда бошанд.

Ҳамзамон, мақсади ТҶ дар кӯдакон, ҷавонон тарбияи худогоҳии миллӣ, худшиносӣ, хештаншиносӣ, дӯст доштани Ватан, ҳифз намудани он, омода кардани ҷавонон ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мебошад.

Маълум гардид, ки мақсади тарбияи ҷисмонӣ ва мазмуну мундариҷаи он, методҳои ба он вобаста байни ҳам умумияти ногусастанӣ доранд. Аслан мақсади тарбияи ҷисмонӣ умумӣ ва фардӣ мешавад. Дар мақсади умумӣ талабот ва инкишофи ҷомеа ба таври умум ба инобат гирифта шуда, мақсади фардӣ бошад ба қобилият, хоҳиш ва шавқу истеъдоди шахсони ҷудогона вобастагӣ дорад.

Дар педагогика мақсади умумии ТҶ аз давраҳои пеш кор карда шудааст. Ҳамчунин, дар тамоми давраҳои рушди ҷомеа гузориши мақсади ТҶ аз талаботи иҷтимоӣ–иқтисодии ҷамъиятӣ ва сиёсии синфи ҳукмрон муайян карда мешуд.

Қобили қайд аст, ки мақсади тарбияи ҷисмонӣ мунтазам дар як мазмун нишондиҳанда намемонад, он ҳаракаткунанда ва тағйирёбандаву дар рушду тараққӣ аст, ки ин хусусияти мушаххаси таърихӣ дорад.

Мақсади ТҶ дар замони муосир тарбияи инсони солим, ватандӯст, дорои ақлу заковати баланд мебошад.

Ҳоло мазмуни мақсади умумии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият инҳоро ифода мекунад:

- тарбияи ақлӣ, меҳнатӣ ва таълими политехникӣ;
- тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ,
- ҳаматарафа муайян сохтани қобилияти эҷодии фард;
- рушди инсонгароии фард;
- муҳаёсозии шароити мусоид ҷиҳати рушди тафаккури шахсият ва ғ.

ТҶ - қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи қариби ҳамаи системаҳои тарбиявӣ мебошад. Ҳамзамон, дар баробари дарсҳои ТҶ, инчунин шаклҳои гуногуни чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ низ гузаронида мешавад. ТҶ бо дигар қисмҳои таркибии тарбия алоқаи генетикӣ дорад ва бо онҳо якҷоя вазифаи инкишофи мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсиятро ҳал мекунад.

Тарбияи меҳнат ва таълими политехникӣ. Асосҳои ТҶ принсипи муҳимест, ки асрҳои аср санҷида шуда, баҳри рушду инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат менамояд.

Ташкили чорабиниҳо ва корҳои меҳнатӣ низ ба рушди саломатии инсон мусоидат мекунад. Тарбияи меҳнатӣ ҳамчун омили асосии рушди шахсият фаҳмида шудааст. Инчунин, тарбияи меҳнатӣ ба тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ ва зебоипарастӣ алоқамандӣ дорад.

Ҳоло дар синфҳои ибтидоии ҷумҳурии мо соатҳои фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» гузаронида мешаванд ва мо шарҳи раванди таълими ин зинаро лозим нашуморидем.

Тарбияи эстетикӣ (зебоипарастӣ)- қисмати ташаккули ҳамаҷониба ва инкишофи фард ба ҳисоб рафта, масъалаҳои шиносоии талабагон бо паҳлуҳои муҳимми эстетикӣ ва фаъолона иштирок намудан ба амалиёти эстетикиро баррасӣ мекунад. Вазифаҳои шиноскунӣ:

– ташаккул додани донишҳои эстетикии талабагон;

– тарбияи маданияти эстетикӣ;

– азхудкунии мероси гузаштаи эстетикӣ ва маданият;

– ташаккули муносибати эстетикӣ ба воқеият;

– инкишофи завқи эстетикӣ;

– шиносоӣ бо нафосоти зиндагӣ, табиат, меҳнат;

– муайянсозии талабот ба фаъолият ва зиндагӣ;

Яке аз вазифаҳои асосии МТМУ дар хонандагон зиёд намудани нерумандӣ, инкишофи қобилияти меҳнатӣ, ғановати маънавӣ, ахлоқӣ, дӯстии халқҳо, якдилию ваҳдат, дӯст доштани Ватан, ҳифзи марзу бум ва дигар хислатҳои наҷиби инсонӣ мебошад.

Рушди ҳамаҷонибаи шахс бо баинобат гирифтани масъалаҳои зерин имконпазир мегардад:

1. Тарбияи ахлоқӣ;
2. Тарбияи худшиносию худогоҳӣ;
3. Тарбияи эстетикӣ;
4. Тарбияи идеавӣ – сиёсӣ;
5. Такомулоти ҷисмонӣ;
6. Тарбияи меҳнатӣ.

Роҳбарияти олии кишвар пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҷавонон дар рӯҳияи поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида, инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, садоқат ба Ватан, ҳақиқатҷӯӣ ва адолатпарастӣ тарбия ёбанд.

Нигоҳдории доимии Ваҳдати миллӣ бе тарғиби мунтазами идеологияи миллӣ, рушди тафаккури худшиносии миллӣ, таърихӣ, гиромидошти забон ва мероси фарҳангӣ, ташаккули шуури миллӣ ва

тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тасаввур нокарданӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои таълифнамудаи худ: “Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён”, “Тоҷикистон дар остони фардо” (1997), «Душанбе-шаҳри дӯстӣ ва бародарӣ» (1998), Ислоҳоти иқтисодӣ – тақозои замон” (1998), “Фарҳанг- ҳастии миллат” (2000), «Зиёиён равшангарони роҳи фардои миллатанд» (2004), ҳамчунин, дар суханрониашон дар ҷашнҳои ҳарсолаи давлатӣ, ки дар пойтахти кишвар ва дигар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон баргузор мегардад, ғояи давлатдориро бо мазмуну муҳтавои давлатию ҷамъиятӣ ғанӣ гардонидаанд.

Пойдории ваҳдату якдилӣ ба худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад, ки ин тавассути тарбияи хуб, донишу маърифати баланди ҷавонон имконпазир мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «То даме ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ дар шуури ҳар яки мову шумо падид наояд, то даме ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме ки хизмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем» [142, 98].

Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи омӯзонидани донишҳои муосиру замонавӣ ва дар руҳияи баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватану ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанг тарбия кардани ҷавонон, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Маҳз масъулияти баланд, ташаббус ва назорати роҳбарияти ҳукумат ва ҳамзамон, заҳмати омӯзгорон, кормандони соҳаи маориф ва дигар соҳаҳо ба таълиму тарбияи хонандагон таъсири мусбӣ расонида, ҳама гуна омилҳои манфӣ пешгирӣ карда мешаванд.

Дар ин раванд тамоюлҳои гуногуни манфӣ низ мавҷуданд ва метавонанд ба истиқлолияту пояҳои давлатдорӣ, Ваҳдати миллӣ, гузашта аз ин, ба ҳастии миллат хатар эҷод намоянд.

Ҳамин тариқ, суханони пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як шаҳрванд ҷиҳати тарбияи насли наврас ва ҷавон шиори зиндагӣ ва даъвати пояндагӣ мебошад.

Аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии зербоби мазкур, ки “Омилҳои афзоиши самаранокии тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии хонандагон” ном гирифта аст чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1.Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» (соли 2011) такони ҷиддиеро дар тарбияи ватандӯстии насли наврас ба амал овард. Бояд таъкид кард, ки омилҳои зиёди иқтисодию моддӣ то андозае оила ва нақши асосии онро дар таълиму тарбияи ватандӯстии фарзанд коста гардонида, камшавии нақши падару модарро дар ин ҷода ба вуҷуд оварда буданд. Илми педагогика ва равоншиносӣ имрӯз собит сохтаанд, ки новобаста ба ҳама мушкилот, таълиму тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии фарзандон дар муҳити оилаи солим имконпазир аст. Чунин ақидаҳо волидонро водор менамояд, ки ба тарбияи фарзандони худ диққати махсус диҳанд.

2. Мо бар он назарем, ки дар раванди корҳои тарбиявӣ бо мақсади тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон омӯзиш ва истифодаи ашъори ватандӯстонаи бузургони миллати тоҷиқ нақши созгор хоҳад гузошт. Олимон, шоирон, нависандагон ва равшанфикрон дар осори безаволи худ дар масъалаи ватандӯстии насли наврас ҳамеша диққати ҷиддӣ медоданд. Ашъори ватандӯстонаи шоирони адабиёти форсу тоҷик яке аз намунаи барҷастаи сифатҳои ватандӯстӣ ва иҷтимоии ташаккули тарбия буда, дар боигарии ҷаҳони маънавӣ ва ирфонии одамон таъсири амиқе расонида метавонанд.

Бо ин амал ҳисси ватандӯстии мардум боло бардошта мешавад.

3.Мафҳуми ватанпарварию ватандӯстӣ аз ҳар ваҷаб замини диёр сарчашма гирифта, мунтазам тамоми ҳудуди ватани азизамонро дар бар мегирад. Доштани меҳру муҳаббати бепоён ва садоқат ба халқу Ватан аз сифатҳои хуби ахлоқии инсонӣ ба ҳисоб меравад.

### 1.3. Аҳаммияти тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ дар раванди тарбияи худшиносӣ, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ

Замони муосир бо рушди нобаробари иқтисодӣ, афзоиши ихтилофоти иҷтимоӣ, таҳаввулот дар соҳаи ТҶ ва варзиш хос мебошад. Дар он нақши бебаҳоро иҷтимоиёти фарҳанги ТҶ, ки баҳри таҳқиқи мушкилоти мавҷуда ва таҳияи самтҳои асосии бартараф кардани онҳо пешбинӣ шудааст, ба уҳда дорад.

Дар замони муосир дарёфти соҳае, ки ба тарбияи ҷисмонӣ алоқамандӣ надошта бошад, бисёр мушкил аст. Воқеан, ба фикри мо, барои шахсияти ҳозиразамон донистани арзишҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, моҳияти фарҳанги ТҶ ва варзиш хос мебошад, зеро онҳо қисми муҳимми фарҳанги умумии ҷомеаро ташкил медиҳанд.

Дар шароити кунунӣ таҳқиқи масъалаҳои варзиши кӯдаконаю наврасон, варзиши дастовардҳои олидараҷа, ҳаракати олимпӣ бо мақсади муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеаи тоҷикон амри зарурӣ дониста шуда аст, зеро маҳз ҳамин падидаҳо қодиранд ҳавасмандии наврасонро боло баранд.

Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ аз 26.12.2018 ишора карда буданд. Аз ҷумла, дар он омадааст: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавонон тавассути

оммавигардонии варзиш, таблиғи ТҲС ва омода намудани варзишгарони касбӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода мекунад ва баҳри фарогирии ҷавонон ба варзиш ва ТҶ танҳо дар соли 2018- 230 иншооти навбунёди варзишӣ мавриди истифода қарор дода шуданд» [139]. Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат зиёда аз 11 000 объектҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки наврасон, ҷавонон ва хоҳишмандон аз онҳо ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дар баробари рушди устувори шаҳри Душанбе солҳои охир, аз ҷониби Ҳукумат баҳри рушди ТҶ ва варзиш як қатор иншоот сохта шудаанд ва онҳо метавонанд насли наврасро ба машғулияти варзишӣ фаро гиранд. Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки аз маҷмуи мафҳуми «тарзи ҳаёти солим», ки тамоми соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти шахсият, коллектив, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллиро муттаҳид месозад, воқеан муҳимтарини он ТҶ ва варзиш арзёбӣ мегардад.

Андешаҳои гуногуни олимон дар бораи муайян кардани ТҶ ба ҷудокунии ҷузъҳо ва таносуби онҳо байни ҳамдигар замина гузоштааст, аз ҷумла:

– фарҳанги тарбияи ҷисмониро ҳамчун маҷмуи воситаҳои моддӣ ва маънавии фаъолияти махсуси ҷисмонӣ эътироф намуда, танҳо самти фаннии онро қайд мекунанд ва аз он арзишҳои шахси беасосро хориҷ мекунанд;

– фарҳанги тарбияи ҷисмониро тавассути сохтори ТҶ, донишҳои махсуси илмӣ, рушди ҷисмонӣ ва сатҳи дастовардҳои варзишӣ, фарогирии соҳаи гигиенаи ҷамъиятӣ ва шахсӣ, гигиенаи меҳнат, истироҳат ва рӯзгордорӣ, инчунин, истифодаи қувваи воқеии табиат – офтоб, ҳаво ва об баррасӣ менамоянд;

Ин имконияти истифодаи қувваи табииро дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла, дар самти ТҶ маҳдуд намесозад.

Мазмуни фарҳанги ТҶ истеҳсол, ҷамъоварӣ, тақсимот, мубодила ва истеъмоли арзишҳои ТҶ - қувва, зиракӣ, устуворӣ, чолокӣ ба ҳисоб рафта, онҳо дар худи шахс ташаккул дода мешаванд. Дар ин ҳолат,

муаллиф танҳо як самти омодагии ҷисмонии шахсии одам, сифатҳои ҷисмонии ӯро тавсиф медиҳад. Тарбияи ҷисмониро дар самти фаъолият ҳамчун шакли махсуси фаъолияти ҷамъиятӣ таҳқиқ намуда, дар он қисматҳои зеринро ҷудо мекунанд:

– ТҶ;

– омодагии касбии варзишӣ;

– ТҶ ва варзиш баҳри солимгардонӣ.

Ба сифати намудҳои таркибии ТҶ намудҳои алоҳидаи фаъолияти махсусро дар назар доштан мумкин аст. ТҶ дар худ на танҳо варзиш ва таҷрибаи тиббиро ворид намудааст, балки он дорои сифатҳои анатомию физиологии комили атокардаи табиат ба инсон ба ҳисоб меравад. Албатта, исбот шудааст, ки варзиш ҳамчун падидаи иҷтимоӣ қабул шуда, дар сиёсати дилхоҳ давлат мақоми бузургро доро мебошад. Дар баробари ин, олимон гуногунҷанбагии варзишро баён намуда, дар бораи он таҳқиқоти зиёде анҷом додаанд, вале то ҳанӯз ҳам самтҳои зиёди он мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва имрӯзҳо дар ин самт корҳо идома ёфта истодаанд.

Асабоният, ки дар шароити ҷомеаи имрӯза аксар инсонҳоро дар чунин ҳолат мебинем, на танҳо қобилияти мутобиқати сириштро заиф месозад, балки дар бисёр маврилҳо ба афзудани касалиҳои асаб, дил, рагҳои хунгард, касалиҳои рӯҳӣ ва ғайраҳо замина мегузорад.

Мақсади умумии таълим дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар хонандагон ташаккул додани ниятҳои устувор ва эҳтиёҷоти ғамхорӣ дар бораи саломатии онҳо, инкишофи ҳамаҷонибаи сифатҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва истифодаи эҷодкоронаи тарбияи ҷисмонӣ барои ташкили тарзи ҳаёти солим мебошад [48].

Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зарурати баъд аз мактаб давом додани тарбияи ҷисмониро ҳис намекунанд. Хатмкунандагон аз он ки тайёрии хуби ҷисмонӣ надоранд барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ талош намеварзанд. Донишҷӯён ҳангоми

таҳсил дар курси аввали донишгоҳ ба душвориҳои муайяне дучор мешаванд. Бо сабаби надоштани омодагии тарбияи ҷисмонӣ донишҷӯён ба қувва ва маҳорати худ баҳо дода натавониста, намедонанд, ки ба кадом маҳфилҳои варзишӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин кор ба роҳ монда мешавад, аъзо гарданд.

“Тарбияи ҷисмонӣ раванд ва натиҷаи кори тарбиявӣ аз фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» мебошад, ки ба интиқол ва азхудкунии мунтазами таҷрибаи наслҳои пешин оид ба истифодаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷанбаҳои солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ, тарбиявӣ ва дигар ҷанбаҳо вобаста ба ташаккули фарҳанги шахсияти ҷисмонии талаба нигаронида шудааст [54].

Бояд қайд кард, ки ҳадафҳои таълиму тарбия ҳамчун нишондиҳандаи умумии самаранокии таълим баромад мекунанд. Номуайянии бузурги ин ҳадафҳо мушкилоти ҷиддиеро, ки бо муайян кардани миқдори мувофиқи ченшаванда алоқаманданд, ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, аксар вақт ҳадафҳои таълимӣ ҳамчун дастурамалҳо пеш аз раванди муқаррар кардани расмиёти муфассали марбут ба андозагирӣ ва таҳияи талабот таҳия карда мешаванд. Онҳоро меъёрҳои самаранокии таълиму тарбия меноманд.

Барои таъмини муносибати яклухт ҳангоми баҳодиҳии самаранокии таълими тарбияи ҷисмонӣ мо ба меъёрҳои миқдорӣ ва сифатӣ такя карданро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Тайёрии умумии ҷисмонӣ сифатҳои асосии ҷисмонии қувва, устуворӣ, суръат, чолокиро дар бар мегирад, ки бо ҳамдигар алоқаи мураккаб ва дучанд доранд. Маҳз дараҷаи инкишофи ин сифатҳо омодагии ҷисмонии шахсро муайян мекунад.

Воситаҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ нишон дода шудаанд. Принсипи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият истифодаи воситаҳоеро пешбинӣ мекунад, ки таъсири бузургтарини инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмониро (инкишофи

мутаносиби тамоми узвҳои бадан, гурӯҳҳои асосии мушакҳо ва сифатҳои ҷисмонӣ) таъмин мекунанд.

Воситахои асосии тарбияи ҷисмонӣ иҷрои машқҳои ҷисмонӣ мебошанд. Маҳз тавассути онҳо имконият пайдо мегардад, ки малака ва қобилиятҳои ҳаётбахш ташаккул ёфта, қобилияти ҷисмонӣ инкишоф дода шуда, хосиятҳои мутобиқшавии организм зиёд карда шаванд. Дар амалияи тарбияи ҷисмонӣ машқҳои ҷисмонӣ аз фаслҳои зерини барномаи таълимии мактаб иборатанд, ки онҳоро бе шарҳ меорем:

1. Гимнастика, машқҳои пагоҳирӯзӣ;
2. Варзиши сабук;
3. Лижаронӣ;
4. Шиноварӣ;
5. Бозиҳои гуногуни варзишӣ.

Яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи ҷисмонӣ, ки барои таъсири беҳтари машқҳои ҷисмонӣ ба организми инсон мусоидат мекунад, қувваҳои табиии табиат (офтоб, ҳаво, об) ва омилҳои тозагии шахсӣ (гигиенӣ) мебошанд.

Аз офтоб, ҳаво ва об хуб истифода кардан ба рушди ҷисмонӣ, саломатӣ ва фаъолияти умумии организми афзоишёбанда таъсири судманд мерасонад. Дар байни омилҳои гигиенӣ, ки ба саломатӣ мусоидат мекунанд ва инкишофи хосиятҳои мутобиқшавии организмро ҳавасманд мекунанд, инҳоянд:

- ивазкунии муназами намудҳои гуногуни фаъолият (таҳсил, кор, тарбияи ҷисмонӣ, истироҳат, реҷаи хоб, ғизо);
- риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ (нигоҳубини бадани худ, ҳолати санитарию гигиении майдону толорҳои машқ, таҷҳизот ва ғайра).

Қобили қайд аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фанни таълимие бо номи “Омодагии ибтидоии ҳарбӣ” барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 омӯзонда мешавад. Барои таълими фанни

мазкур аз ҷониби Исмоилов Н., Исмоилов А. ва Зиёев Қ. китоби дарсӣ дар ҳаҷми 272 саҳифа таҳия гардидааст. Фанни мазкур бо дастрасӣ бо адабиёти таълимӣ, дастуру тавсияҳо барои истфодаи муассисаҳои таълимоти ҳарбӣ ва қисмҳои низомӣ аз ҷониби Вазорати мудофиаи ҶТ таҳия шудаанд, таълим дода мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ аз 28.12.2023 қайд намуданд, ки “Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла, дар ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла неругоҳи барқи обии «Роғун» ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд” [139].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба масъалаҳои ба ҷавонон рабт дошта, таваҷҷуҳ зоҳир карда, кумитаи нав бо номи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзишро таъсис доданд. Ҷавобан ба ин ғамхориҳои давлату ҳукумат ҷавонони моро зарур аст, ки пайваста ба омӯзиши касбу ҳунар машғул гардида, маҳорат ва донишҳои худро мунтазам баланд бардошта, барои манфиатҳои миллатро дифоъ кардан ҳамеша омода бошанд. Онҳо бояд вазифаи худро бо як ифтихори бузург ва масъулияти баланд иҷро намоянд. Мо ба ин ҳафдаф ҳамон вақт ноил мешавем, ки ҷавононро ҳанӯз аз синни наврасӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намоем.

Мутаасифона, бархе аз одамон ба манфиатҳои давлат, ки дар як замон манфиатҳои миллат ҳам ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳ намедиҳанд. Онҳо фикр мекунанд, ки давлату ҳукумат бояд барои онҳо ҳама шароитро муҳаё созад ва ҳама мушкилоти онҳоро ҳал кунад. Дар ҳақақат ҳам ҳамин хел ҳаст. Роҳбари олии мамлакат кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сатҳи зиндагии мардум рӯз аз рӯз беҳ шавад, аммо, пеш аз оне ки мо аз давлат чизе мехоҳем бояд ба худ саволе диҳем, ки мо худ барои Ватан чи

кардаем? Аз ин хотир, барои шинос гардидан бо шарту шароит ва зарурати хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ бояд афкори омма нисбат ба Артиши миллӣ ташаккул дода шавад. Сохторҳои маориф ва илми мамлакатро зарур аст, ки механизми тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагонро бознигарӣ карда, баҳри рафъи мушкилоти мавҷуда чораҳои амалӣ андешанд.

Таълими омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар МТМУ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ дар шароити геополитикии давлат дар асоси фармоиши вазири мудофиаи ҶТ ва вазири маориф ва илми ҶТ ба роҳ монда шудааст. Ба хотири мунтазам ва системанок боло бурдани дониш, маҳорат ва қобилиятҳои муҳорибавии хонандагон ҳангоми таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ мавзуъҳои дарсӣ барои ҳар синф бо тариқи зерин тақсимбандӣ шудааст:

- “Дар синфи 10-ум оид ба оинномаи сафоройӣ, тарзу усулҳои сафкашӣ, қадамзании низомӣ (умумию инфиродӣ), омода будан ба машқҳо, ба дифоъ, тайёрӣ ба ҳуҷум ва амсоли инҳо маълумоти умумӣ дода мешавад.

- Дар синфи 11-ум бошад, васеътару мукаммал намудани дониш оид ба тайёрии умумии ҳарбӣ ва дар ниҳоди хонандагон ба вуҷуд овардани таҷриба, истеъдоду малакаи ба ҳар гуна амалиёти ҳарбӣ сафарбарӣ ва идора карда тавонистани бахш, мустақилона қабул намудани ин ва ё он қарор дар мавридҳои ҳалкунанда ва ҳолатҳои фавқулода дар назар дошта шудааст” [66].

Дар китоби мазкур маводи зиёде доир ба таърихи таъсисёбӣ ва рушди Артиши миллии ҶТ, санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ба таъсис ва фаъолияти артиш заминаи ҳуқуқӣ гузоштаанд, мебошад. Ҳамчунин, хонандагон метавонанд бо истифода аз китоби мазкур дар бораи омодагии тактикӣ, иҷрои ҳаракатҳо ҳангоми муҳориба ва пайгирӣ, асосҳои ҳаракати ҷангӣ, шиносоӣ бо шаклҳои муҳориба бар зидди

танкҳо, оташкушой бар зидди ҳавопаймоҳою чархболҳо ва амалҳои дигари мудофиаи зидди ҳавой маълумоти мукаммал гиранд.

Маълум гардид, ки китоби “Омодагии ибтидоии ҳарбӣ” барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 дар сатҳи хело баланд, пурмазмун ва ба талаботи замон ҷавобгӯ таҳия гардидааст. Мушкилот дар нарасидани омӯзгорони соҳа ва ташкили базаи модию техникӣ мебошад.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ масъалаи ТҲВ, омодасозии мутахассисони ҳамаҷониба инкишофёфтаи ватандӯст ва дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Дар баробари инҳо, азбаски фанни ТҶ ва ОДҲ фанҳои муҳиманд ва натиҷаҳои он аниқу боварибахш мебошанд, бинобар ин, таълими он дар муассисаҳои олию таълимӣ бояд мутахассисонро дар рӯҳияи ба қувваю дониши худ бовар намудан, қобилиятҳою маҳоратҳои мустақилона бартарафкунии душвориҳои касби худ ва нисбати ҳалли мушкилиҳо қобилияти эҷодӣ доштанро низ тарбия намояд.

Ҳангоми ба амал баровардани ин мақсад ҳар як омӯзгор вазифадор аст қувваи худро дареғ надошта, ҳамеша меҳнати софдилона намояд. Аз ин ҷо бояд таълими ТҶ ва тайёрии ҳарбиро устод чунон ба роҳ монад, ки хонандагон бовар намоянд, ки омӯхтан ва меҳнат намудан ба меъёри ахлоқии онҳо табдил мегардад.

Дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муаллимон кӯшиш мекунанд, ки ин талаботро барои хонандагон бо ёрии маъмурияти мактаб ба амал ҷорӣ намоянд. Лекин бо тақозои замон ин рафтор тамоман нодуруст мебошад, чунки асоси идеологияи замони муосирро демократия ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, муаллимони фанни ТҶ бояд воқеан ҳам намунаи ибрати хонандагон бошанд.

Инро фақат ба сухан тарбия намудан имконнопазир аст, бояд муаллим тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро дар амал ба хонанда нишон диҳад. Фақат ҳамин тавр амал намудан имконият медиҳад, ки хонанда дар зери

ин гуна тарбия роҳи дурусти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро интихоб намояд.

Хонандагон ҳангоми таълими ТҶ ва омодагии ҳарбӣ бояд доимо дида тавонанд, ки мафҳумҳои ТҲВ, методҳо ва назарияҳои он, маҳсули эҷодӣ олимон набуда, балки онҳо дар натиҷаи талаботи амалии инсон пайдо шудаанд.

Барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба инкишоф оварда таҳким, такмил ва рушди нерӯи инсонӣ ва дар рӯҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия намудани мутахассисони рақобатпазир, фароҳам овардани шароитҳои мусоид ва муносиб ногузир ва хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Баҳри баланд бардоштани сифати тарбияи ватандӯстӣ моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, ба сифати омодасозии кадрҳо диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем.

Тавре ки Сарвари давлатамон қайд мекунанд «Вобаста ба ин, аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои ТҶ ва омодагии дифоӣ-ҳарбӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд» [140].

Ҳамзамон, масъулони соҳаро зарур аст, ки ҷиҳати ташкил намудани марказу маҳфилҳо дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи ташкил ва инкишоф додани марказҳои дастгирии хонандагони болаёқат тадбирҳо андешида, ҳамкориро ба сохторҳои марбутаи соҳа ҷоннок намоянд.

Ҳисси ватандӯстию меҳанпарастӣ, ифтихори миллӣ, худшиносии миллӣ-ин ҳама натиҷаи тарбия дар оила аст, зеро кӯдак маҳз дар оила аввалин маротиба мафҳумҳои Ватан, Модар, озодӣ ва амсоли инҳоро дарк менамояд.

Тарбияи оилавӣ зуҳуроти ҳама гуна тарбия аст, зеро маҳз дар муҳити оила бо кӯшишҳои падару модарон ва дигар бузургсолони оила насли наврас аз ҷиҳати ахлоқӣ, ҷисмонӣ, зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, рафоқат, дӯстӣ, озодипарастӣ, шинохти неку бад тарбия меёбад.

Дар тарбияи ватандӯстии ҳар як фард таҳкурсии аввалинро падару модарон, бобою бибӣ ва муҳити иҳотакарда мегузорад. Зери таъсири ҳаёти оилавӣ талаботи маънавӣ ва майлу рағбати наврас дар ин ё он самт ташаккул меёбад.

Дар шароити муосир мутахассисоне, ки ба ТҲВ машғуланд, бояд дорои чунин сифатҳо бошанд:

– ихтисоси худро хуб донанд, психологи хуб бошанд;

– таҳаммулпазир ва соҳибирода бошанд;

– маҳорати муошират бо шахсони гуногунро дошта бошанд;

– санадҳои меъёрию ҳуқуқиро хуб донанд;

– забони давлатиро дар сатҳи баланд донанд;

– ҳувияти миллӣ дошта бошанд;

– ватандӯст буда, муқаддасоти давлатиро эҳтиром кунанд;

– ҳама вақт манфиати давлатӣ ва ҷамъиятиро аз манфиатҳои шахсӣ боло монанд;

– ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эҳтиром ва риоя намоянд;

– ба кори худ содиқ бошанд ва ғайра.

Онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, адолатпарварӣ, донишандӯзӣ, ҳурмату эҳтироми падару модар ва шахсони дигар бояд тарбия намуд. Аммо тарбия ва ташаккули онҳо ҳамчун шахсони баркамоли ҷомеа ва босаводу бомаърифат бидуни ҳалли як қатор мушкилиҳое, ки имрӯз дар назди ҷавонони мо истодааст, имконнопазир мебошад.

Дигар номуназзамие низ вуҷуд дорад, ки мо бояд дар ҳамбастагӣ роҳи ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ намуда, тамоми мушкилиҳо ва монеаҳои ҷойдоштаро бартараф намоем, то ки тавонем дар хонандагон ТҲВ -ро боло барем.

Агар тамоми камбудиҳо ва пешниҳоди дар боло зикрнамуда ва дигар мушкилот пурра бартараф карда шаванд, умедворем, ки ҷавонони мо дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия меёбанд.

Боварӣ дорем, ки шаҳрвандон бо дарки миллатдӯстӣ ва розигии худ ба артиш мераванд, то ин ки ҳамаи ҳунарҳои заруриро бо шароити хуб ва сифати баланд биомӯзанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар дифои Ватан муваффақ шаванд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба ин, падару модарон, масъулони таълиму тарбия ва тамоми ҷомеаи шаҳрвандро лозим аст, ки барои аз таҳсил дур намондани фарзандон саъю талош намоянд, ба илму донишандӯзӣ ва касбу ҳунаромӯзии наврасону ҷавонон диққати махсус диҳанд.

Пеш аз ҳама мақсади асосии таълими фанни ТҶ ба он нигаронида шудааст, ки хонанда аз ҷиҳати ҷисмонӣ ҳаматарафа инкишофёфта ба камол расида, дар оянда ҳамчун фарди солиму маърифатнок худро нишон дода, ба ҳифзи марзу буми Ватан ҳамеша омода бошад ва албатта, ин тавассути дурусту мақсаднок ба роҳ мондани таълими машғулиятҳои ТҶ, корбарии доманадори омӯзгор, реҷаи муайян ва бо ёрии таъсири системаҳои махсус коркардашудаи машқҳои ҷисмонӣ, ки боиси ба ташаккули ҷаҳони ақлонию зеҳнӣ ва саломатии хонанда мегардад, амалӣ карда мешавад. Барои ба ин мақсад ноил гардидан, бешубҳа, нақши МТМУ дар мадди аввал меистад.

ТҶ яке аз қисмҳои таркибии системаи таълими даврони муосир маҳсуб ёфта, ба тарбияи зебоипарастӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, фикрӣ ва оилавӣ алоқаи қарин дорад. Дар сурати тавъам будани ин алоқаҳо шахсияти хонандагон тадриҷан ҳаматарафа инкишоф меёбад ва махсусан, ТҶ ба хулқу атвор, одат, ақида, ҳатто расму оин алоқаи ногусастанӣ дорад, зеро чи гуна муносибат кардани инсон яке аз дараҷаҳои тарбияи ахлоқӣ мебошад. Муаллими ТҶ-ро зарур аст, ки ин гуна хислату хусусиятҳои ошкоршударо барои балан бардоштан ва ривоҷу ташаккул додани муносибатҳои ҳақиқии ахлоқӣ ва рафторҳои ҳамида, ки хоси фанни ТҶ

мебошад, бо мақсади муносибат ва муоширати хуб амалӣ намудан роҳандозӣ намояд.

ТҶ илм аст, илм дар бораи муоина, таҳқиқ, омӯзиш ва дар раванди таълим амалӣ намудани принсипи системанокӣ ва пайдарпайӣ дар таълим, принсипи ягонаи назария ва амалия, аёниятнокӣ ва дастрасии он ба монанди инҳо маҳсуб меёбад. Аслан, вазифаи фанни ТҶ ба ташаккули инкишофи ҷисмонӣ ва омода намудани хонандагон ба фаъолияти меҳнатӣ, ҳифзи нигаҳдории саломатӣ ва мудофиаи онҳо равона карда мешавад.

Вазифаи дигари таълими фанни ТҶ дар баробари ташаккули маҳорату малака ва рағбату майли онҳо ба машқҳои варзишӣ ва обутоб додани бадану саломатӣ, ҳамчунин, дар рӯҳияи дӯст доштани Ватан, ватанпарварию ахлоқи наҷиби инсонӣ ва омода будан ба дифои Ватан, яъне дар рӯҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагони МТМУ иборат мебошад.

Дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида тарбия карда ба воя расонидани хонандагони муассисаҳои таълимӣ, бешак аз дониш, маҳорат, малака ва дараҷаи дониши муаллимони ТҶ ва варзиш сахт алоқаманд аст. Тарбияи самарабахшу натиҷаи дилхоҳ додани таълими фанни мазкур аз донишу фаъолият ва корбарии бомақсади муаллим вобастагӣ дорад.

Аз ин сабаб, ба ақидаи мо, муаллимони ТҶ ва варзишро лозим аст, ки бо дониш, маҳорат, дараҷаи баланди дарк, таҷрибаи кории педагогӣ, маҳорати эҳсос намудан ва амсоли инҳоро доро буда, аз роҳу усулҳои самаровари таълиму тарбия (албатта, вобаста ба синну соли хонандагон) истифода намуда тавонад. Зеро бе маҳорати хуби педагогӣ муаллим ба натиҷаҳои дилхоҳ муяссар шуда наметавонад.

Дар назди муаллими ТҶ зимни таълими мавзуъҳои фанни мазкур вазифаҳои зерин меистад:

– бештар омӯхтану баланд бардоштани донишу маҳорат ва таҷрибаи хеш бо мақсади дар рӯҳияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон;

– баррасии ҳар як мавзуи дарсиро дар сатҳи баланд ва ҷавобгу ба талаботи давру замон ба роҳ монад;

– машғулиятҳро чунон ҷазоб ташкил намояд, ки шавқу рағбати хонандагон ба фанни ТҶ рӯз аз рӯз бештар шавад;

– аксари машғулиятҳо ба тамоюли ба ТҲВ (албатта, вобаста ба мазмун ва мундариҷаи мавзуъҳои таълимӣ) ташкил карда гузаронад;

– дарсу машғулиятҳои ТҶ тарзе ба роҳ монад, ки хонанда эҳсос намояд, ки ин дарс оддӣ набуда, балки он дарси маҳорат, варзиши бадан ва мардонагӣ асту меҳри садоқат ба Ватан ва ватандӯстист;

– тавассути дарсу маҳфил ва машғулияти берун аз синфӣ дар хонанда эҳсоси уҳдадории ҳарбӣ-ватандӯстиро тарбия намуда, онҳоро мутмаин созанд, киояндаи кишвари соҳибистиқлоламон аз онҳо вобастагӣ дорад.

Рушду ташаккули фанни ТҶ ва варзиш ва дар рӯҳияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ тарбия намудану ба камол расонидани ҷавонон, алалхусус, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ақидаи Пешвои муаззами миллат "Ҷавононояндаи миллатанд", дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон" (23.05.1997), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" (15.07.2019), Қонуни ҶТ "Дар бораи консепсияи миллии тарбия дар ҶТ" (3.03.2006), Қонуни ҶТ "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" (24.12.2023, №1920) ва монанди инҳо, инъикос ёфтаанд.

Омӯзиш ва иҷрои амалии Қарору Фармонҳои мазкур дар дарсҳои назарию амалӣ аз ҷониби муаллимон ҷиҳати дар рӯҳияи ватанпарварӣ, ифтихори миллӣ ва ҳарбӣ–ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон, дар онҳо зиёд намудани меҳру муҳаббат нисбат ба Ватану ватандорӣ мусоидат мекунад.

ТҲВ–и хонандагони МТМУ масъалаи серпаҳлӯ ва то дараҷае мураккаб буда, корбарии домандор ва роҳу воситаҳои гуногуни

самарабахшу таҷрибаи хуби педагогиро тақозо дорад. ТҲВ падидаи нав набуда, он аз замонҳои хеле дури ниёгонамон манша мегирад. Дар руҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия намудани наслҳои наврасу ҷавон аз замонҳои хеле қадим диққати мутафаккирон, донишмандон, адибону хирадмандони тоҷику форсро ба худ ҷалб намуда буд.

«Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандонро ба ватани хеш дар назар дорад» [94, 12].

Таҳлили назариявӣ шаҳодати он аст, ки бисёре аз муҳаққиқон шуури ватандӯстиро ҳамчун ҷузъи ватандӯстӣ маънидод кардаанд.

Ба ақидаи мо, эҳсоси ватану ватандӯстӣ ва дар рӯҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия додани хонандагон, саравал, аз оила, ҳарчанд ки дар шакли оддӣ бошад ҳам, сарчашма мегирад ва ин, албатта, ба ҷаҳонбинӣ, донишу маърифат ва ҷаҳони маънавию ахлоқии падару модарон ва шахсони дигари онҳоро ивазкунанда вобаста аст. Баъдан, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар МТМУ ташаккул меёбад ва он аз кордонӣ, маҳорат, малака ва дониши васеъю ҳаматарафа рушдёфтаи муаллимон вобастагӣ дорад. Хонанда дар он сурат дар рӯҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия дида ба воя мерасад, ки дар ҷараёни дарсу машғулиятҳо ва корҳои берунаазсинфию маҳфилҳои фаннӣ (фанҳои ТҶ ва варзишу тайёрии ҳарбӣ), аз муҳаббат ба Ватан, ватандӯстию ватанпарварӣ, эҳтиром доштан ба Ватану сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи он, аз қаҳрамониҳои аҷдодони гузаштаву муосир ва риояи расму оинҳо ва дарки анъанаҳои миллӣ ва амсол ба инҳо дониши баланди замонавӣ гирад.

Ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва дар рӯҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тарбия намудани наврасонро МТМУ ва омӯзгорон метавонанд бедор ва мустаҳкам намоянд. Бо таъсири нуфуз ва шароити мусоиди МТМУ ва

омӯзгорон хонандагон дар рӯҳияи ватанпарварӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба камол расида, тадриҷан ворисони сазовори Ватан мегарданд.

Бархе аз олимони муҳаққиқ ақидае доранд, ки агар мо шуури ватандӯстиро бо инсондӯстӣ тавъам надонему напайвандем миллатгароӣ рӯйи кор меояд.

Дар ташаккули одами ватандӯст муҳит ва омилҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва дигар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт таъсири ниҳоят калон дорад. Бинобар ин, мундариҷа, мазмун ва муҳтавои асосии тарбияи ватандӯстӣ бояд дониши ҳаёти воқеии ҷомеаро фарогир бошад. Ҷудокунӣ аз ҳаёти воқеӣ, – зикр намудааст А.Н. Радишев, – тарбияи фардиро тарғиб мекунад, одамоне, ки танҳо дар бораи манфиатҳои шахсии худ фикр мекунанд, наметавонанд дар фаъолиятҳо ба нафъи ҷомеа ширкат варзанд. Баъзе аз педагогону мутафаккирони рус Н.Ф. Бунаков, В.З. Смирнова, Д.И. Писарев, Н.Ф. Познанский ва дигарон тақвияту рушди асосҳои миллии тарбияи ватандӯстиро ҷонибдорӣ карданд. Онҳо бар ақидае буданд, ки ҳар як инсон мақсади шахсии худро дорад ва ҳадафҳои таълим, вазифа ва мундариҷаи он бояд аз нигоҳи ҷаҳонбинӣ ва дарки шахсии ӯ муайян карда шаванд. Чунончи ТВ дар силсилаи тарбияи ахлоқии К.Д. Ушинский нақши муайян ва мавқеи муҳимро касб кардааст [161].

Ташкили низоми ҳақиқии таҷрибавии ТҲВ, махсусан барои хонандагони МТМУ, дар шароити душвори давраи гузариш, ки арзишҳои зиёде дар кишвар дигаргун мешаванд, ҳамчун посухи муносиб ба даъвати замон имконпазир ва ба мақсад мувофиқ аст, ҳатто агар чунин фаъолият аз ҷониби мақомоти расмӣ сурат гирад.

Ҳамин тавр, таҳқиқот фарзияи пешниҳодшударо собит мекунад, яъне: агар мунтазам дар машғулиятҳо, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо хонандагон муносибати босалоҳият истифода шавад, ба рушди қобилияти зеҳнию ақлӣ (интеллект) ТҲВ-и рӯҳӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва техникии хонандагон оварда мерасонад.

## Хулосаҳои боби якум

Таҳқикоти илмӣ дар масъалаи ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонии хонандагон дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои инкишофи ҷисмонӣ ва руҳии хонандагон моро ба хулосаҳои зерин водор намуд:

1. Дар назди муаллимони тарбияи ҷисмонӣ ва духтурон вазифаи такмили барномаи муоинаи маҷмуии инкишофи ҷисмонӣ, дараҷаи инкишофи сифатҳои ҳаракат, тайёрии ҷисмонӣ ва ҳолати функсионалии организми мактаббачагон пеш омадааст, ки ин ба ташкили кори тарбиявӣ ва беруназсинфӣ дар тарбияи ҷисмонӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

2. Барои ҳалли мушкилоти тарбияи ҷисмонии насли наврас эродҳои зерин мавҷуданд:

- дар мо кори таҳқиқотии фундаменталӣ оид ба проблемаҳои вобаста ба синну сол бо истифода аз маълумоти генетика, эндокринология, иммунология, антропология, физиология, биохимия, биофизика, тиб ва педагогика ба қадри кофӣ нест;

- базаи моддие, ки бо таҷҳизоти ҳозиразамон барои ташхиси экспресси самаранокии раванди таълим ҷиҳозонида шудааст, нокифоя аст, ба тарбияи ҷисмонии солимгардон ва мутобиқгардонии кӯдакони дорои аҳволи саломатиашон гуногун, аз ҷумла кӯдакони аз инкишофи ҷисмонӣ ақибмонда диққати зарурӣ дода намешавад.

3. Таҳқиқи ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон дар марҳилаи муосир маълум намуд, ки масъалаи гузошташуда яке аз масъалаҳои муҳимтарини тарбияи шаҳрвандони асил буда, зарурияти ҳаллу фасли он ногузир мебошад;

4. Асосҳои назариявии таҳқиқот бо стратегияи ҶТ “Оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ”, “Стратегияи миллии рушди ТҶ ва варзиш барои солҳои 2018-2021”, Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи барномаи давлатии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017-2021”, Қонуни ҶТ “Дар

бораи маориф”, “Консепсияи мактаби милли тоҷикӣ”, Қонуни ҶТ “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” ва дигар ҳуҷҷату аснодҳои ба масъалаи таҳқиқоти марбут собит карда шудааст;

5. Фарҳанги ҷисмонии шахсияти шаҳрванд яке аз мафҳумҳои асосии таҳқиқотӣ буда, дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- шавқу ҳавас ва ҷаҳонбинии васеи оид ба тарбияи ҷисмонӣ;

- доштани маърифати касбӣ, омодагии психофизикӣ ба фаъолияти касбӣ;

- салоҳиятнокии варзишӣ, доштани донишҳои валеологӣ дар тарзу сабки тамрини ҳаётӣ.

6. Робитаи генетикии ТҶ бо таълим ва намудҳои дигари тарбия дар асоси илми педагогика ва ровоншиносӣ муқаррар шуда, дурнамои он дар таҳқиқот нишон дода шуд;

7. Масъулияти МТМУ ва омӯзгорони соҳа дар рафти таҳқиқот ба таври зерин муайян шудаанд:

- нигоҳдории саломатии бардавом ва солимии шогирдон тавассути варзиш ва такомули ҷисмонӣ;

- баланд бардоштани қобилиятҳои коршоямии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ;

- инкишоф додани бартарии қувва, устуворӣ, тобоварӣ, чолокӣ, шуҷоат ва дигар сифатҳои ба варзиши тарбияи бадан алоқаманд.

# БОБИ 2. САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 2.1. Таҳияи технологияи рушди ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Мусаллам аст, ки ташаккули маданияту маърифати ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон вазифаи умумии оила, мактуб ва ҷомеа мебошад. Ин раванд корбарии дуру дарози бомақсадро тақозо дорад. Дар ҳалли ин қазия нақши муассисаҳои таълимӣ, бахусус омӯзиши фанҳои ТҶ назаррас аст.

Масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун технологияи иҷтимоӣ барои тарбияи хонандагон чун узви комилҳуқуқи ҷомеа, дар онҳо рушд додани сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва равонӣ бо мақсади муқовимат ба тамоюлҳои манфӣ мунтазам мубрам арзёбӣ мегардад.

ТҲВ ва тайёрию омодагӣ ба хизмати модар Ватан бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун имтиҳон ҷиҳати соҳиб шудан ба унвони ифтихории шаҳрванд баррасӣ гардад.

Оид ба мавзуи мазкур дар Қонуни ҶТ “Дар бораи маориф” бо тағйиру иловаҳо соли 2013, “Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон” (1995), «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии олии касбии ҶТ» (1996), Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), Қонуни ҶТ “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” ва як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар қабул карда шудаанд, ки дар ҳамаи онҳо нисбат ба таълиму тарбия таваҷҷуҳи махсус дода шуда, қарорҳои дахлдор қабул намуданд. Аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” дар бораи тарбияи насли

ҷавон омадааст: Сатҳи баланди афзалиятҳои зиндагӣ низ натиҷаи эътирофи ин арзиш дар саросари ҷомеа аст. Вобастагии мавҷудаи арзиши ҳаёт, масалан, ба мақсад ва саъю кӯшиши хонандагон дар фаъолияти онҳо дар заминаи раванди пурраи таълим боиси баъзе тағйиротҳо мегардад. Сабаби инро дар худи мазмуни ҳаёт ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Дуруст мешуморанд, ки ҳаёт арзиши асосӣ аст.

Тавре ки интизор меравад, донишҷӯён ба омӯзгорони соҳибтахассус ҳам дар низоми арзишҳои миллӣ ва ҳам иҷтимоӣ баҳои баланд медиҳанд. 81% пурсидашудагон эътимодро дар сатҳи баланди интихоб бартарӣ медиҳанд. Ин аз бисёр сабабҳои дорои хусусияти ҷамъиятӣ, аз қабили анъана, фарҳанг, рафтор ва расму оинҳои динӣ бармеояд. Ин арзиш дар низоми инфиродӣ дар сатҳи поёнтар афзалият дорад, ки 60% интихобҳо собит мекунанд. Ин аз он сабаб буд, ки мо бо эътиқоди дохилӣ сарукор доштем ва дар зери шаклҳои гуногун пинҳон мешуд. Бояд гуфт, ки эътиқод ба низоми арзишҳои иҷтимоии донишҷуён бо чунин мафҳумҳо алоқаманд аст: зиндагии беҳтар, хушбахтӣ, муҳаббат, муваффақият ва ғайра.

Аз нуқтаи назари таҳсил дар мактаби олӣ, ин ҳолат мусбат аст, зеро афзалияти баланд ба эътиқод бо арзишҳои зиёди нақшаи иҷтимоӣ алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин, дар маркази ин арзишҳо Худо, зебоӣ, хушбахтӣ, афзалтар баробар доранд.

Шубҳаҳо аз сабаби набудани динамика дар рушди афзалиятҳо барои ин арзиш ҳангоми омӯзиш ба вуҷуд меоянд. Ва ниҳоят, таҳқиқшавандагон ҳар дафъа эътиқодро бо оила алоқаманд мекарданд, ки аз камолот ва ба камол расидани инҳо шаҳодат медиҳад.

Қимати маънавии «қаҳрамонӣ»-ро донишҷӯён танҳо ба андозаи 44 фоизи дар системаи арзишҳои миллӣ, афзал донистаанд. Арзиши “алтруизм” ҳамчун як амали фидокоронае, ки бар асари меҳрубонӣ ба дигарон ва омодагии беғаразона ба фидокорӣ ба вуҷуд омадааст, ҳоло аз ҷониби донишҷӯён беаҳамият куҳнашуда арзёбӣ мешавад [54, с.53].

Донишҷӯён менависанд, ки арзёбии хеле баланд ба ин арзиш динамикаи рушди ҷамъиятро коҳиш медиҳад ва аз ин рӯ танҳо дар сатҳи муътадил интихоб кардан мумкин аст. Тафсири хусусияти афзалият ба ин арзиш аз сабаби эзоҳи нодир дар бораи интихоби ин сифат душвор аст. Аз нигоҳи педагогӣ ин падида манфӣ буда, бояд тавассути таъсироти дидактикӣ тавассути ҷорӣ намудани мазмуни ин арзиш ба барномаи таълимиву тарбиявӣ барои ташаккули рафтори мусбат нисбати ҷомеа ислоҳ шавад.

Дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои мардуми тоҷику тоҷикистони роҳбаре лозим буд, ки ҷасур, соҳибирода ва сиёсатмадоре бошад, ки тарафҳои гуногуни сиёсӣ ва мардум ба ӯ бовар карда тавонанд. Дар ин давра бо баромадҳои худ вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон нишон дод, ки ӯ аз уҳдаи муттаҳидсозии миллат баромада метавонад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ василаест, ки инсонро аз гузаштаи худ огоҳ сохта, вориси ҳақиқии давлату миллат мегардонад. Чӣ хеле ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад, «Бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи тоҷикон бо таърихи куҳанбунёди хеш ба қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳии комил расидан мушкил аст. Ҳамчунин, бе дарки огоҳонаи решаҳои таърихӣ, таҳкими истиқлолият пойдории давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд» [140, с.32].

Бо ба сари ҳокимият баромадан, яъне ба ҳайси раиси Шурои Олии Тоҷикистон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон барои ин миллату ин давлат саҳифаи равшане дар таърихи давлатдорӣ кушода шуд. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун вакили мардумӣ, раиси Шурои Олии Тоҷикистон тавонист ба дили мардум умед баояндаи дурахшонро ҷой диҳад.

Ташаббуси роҳбари давлат дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти ҶТ барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ,

литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо бисёр сариваќтӣ ва боисӣ эҳтиром арзёбӣ мегардад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаҳои 02.02.1993, 04.09.1993, 17.03.1994, 23.05.1997, 21.05.2005 ва дар чанд мавриди дигар бо ҷавонони ҷумҳурӣ суҳбату вохӯриҳо ташкил карда, муҳимтарин муаммову проблемаҳои ҳаёти онҳоро баррасӣ намуданд. Ин вохӯриҳо рамзи ояндасозиву ояндабинӣ ва дарки рисолати баланди ҷомеашиносӣ, инсонгарой ва худшиносиву худогоҳии ҷавонони кишвар гардид.

Имрӯз дар қатори таълими асосҳои технологияҳои муосир ва фанҳои тахассусӣ ба роҳ мондани тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллии наврасону ҷавонон вазифаи аввалиндараҷа мебошад.

Ғайр аз ин, бояд хонандагони синфҳои болой дар иҷрои кори мустақилона аз фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ дар мавзуъҳои вазъи кунунии сиёсии ҷаҳони муосир, хештаншиносию худогоҳии миллӣ ва дигар мавзуъҳои ба ин самт вобаста буда корҳои хаттӣ навишта, дар чунин мавзуъҳо зуд-зуд озмунҳои сатҳои гуногун ташкилу баргузор карда шавад. Ин амалҳо бояд ба он ҷанбаҳое дахл дошта бошанд, ки метавонанд дар шароити таҳсилоти олӣ тағйир дода шаванд, ки дар шарҳи афзалияти инфиродӣ баррасӣ карда мешаванд. Муносибатҳо дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқоти гузаронидашуда имкон доданд, ки омилҳои асосие, ки ба системаи арзишҳои ва этникӣ бавосита таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд. Вобаста ба фазои маълумотгарой, ҳудуди низоми арзишҳои тамоми ҷомеаи (гурӯҳи) донишҷӯёнро тавассути хосияте муайян мекунад, ки сохтори иҷтимой-фарҳангӣ ва этникии ин категорияи иҷтимоиро ташкил медиҳанд [135, с.23].

Бо дарназардошти он, ҷавонони академӣ бо шаклҳои мушаххаси иттиҳодияҳои иҷтимоӣ хосанд ва ин ҳолат боиси он мегардад, ки маҳз дар ҳамин муҳит арзишҳои этикаи махсус пайдо мешаванд, ки танҳо барои ҳамин муҳит, субфарҳангӣ ҷавонон хосанд. Ин ҳолатро бевосита

таҳқиқот, ки афзалияти баланд, аз қабили ростқавлӣ, эҷодӣ, таҳаввулпазирӣ эътиқоду боавриро муайян кард, тасдиқ мекунанд.

Тамоюлҳои устувори афзалиятҳое, ки дар муҳити таълимӣ мавҷуданд ва таҳлили он омилҳое, ки танҳо вақт ба вақт амал мекунанд, таҳлил кунем. Изҳороти донишҷӯён, ки бо омор тасдиқ шудаанд, на танҳо барои таълим ва ҳам барои омӯзиш дастур мебошанд. Асосан ин ба мавзуъҳои оммавӣ дахл дорад, ки тафсири онҳо барои таҳқиқшуда мушкилиҳо ба миён меорад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар сохтори низоми арзишҳои иҷтимоҷӣ-зиндагӣ, саломатӣ, хушбахтӣ, поквиҷдонӣ ва эътиқод мақоми олиро ишғол мекунад. Ташвишовар он аст, ки дар ин сохтори арзиши интернатсионализм ба назар намерасад ва ватандӯстӣ дар ҷои охир қарор дорад. Ин ҳолат аз таваҷҷуҳи пасти масъалаҳои марбут арзёбии миллатҳои дигар гувоҳӣ медиҳад.

Сабаби онро бояд дар танзими азими ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, авантюризми сиёсӣ, набудани симои мусбати сиёсатмадорон, ходимони ҷамъиятӣ ва фарҳанги миллӣ, ки дар натиҷа боиси шудани таваҷҷуҳи донишҷӯён ба корҳои мамлакат ва миллат дида бароем.

Маълумоти ба даст омада имкон доданд, ки ба нишондиҳандаи дуюм «маърифатӣ» бо истифода аз усули пурсиши варақагӣ, ки барои муайян кардану нишон додани донишҳо дар бораи мафҳумҳои фарҳангӣ этникӣ ва андешаҳои миллӣ дар муҳити бисёрэтникӣ, иҷтимоию фарҳангии гирду атрофи ҷавононро фаро гирифтааст, шуруъ намоем. Зеро дар марҳилаи мазкур муайян кардани марҳилаву ҳаҷм ва хусусияти фарҳанги этникӣ ниҳоят зарур аст.

Иштироккунгандагони гурӯҳи озмоишӣ дар ин марҳилаи «ташхисӣ»-и таҳқиқот мебоист ба саволҳои инъикоскунандаи вижагиҳои анъанаҳои миллӣ, ки дар осори мардумӣ, ҳунарҳои мардумӣ, расму оинҳо, ҳаёти мардумӣ ва ғайраро ташкил медиҳанд, мавқеи худро муайян мекунанд, бо саволномаи зерин муроҷиат намудем:

1. Оё шумо идҳои анъанавии халқи худро медонед?

2. Оё шумо бо расму оинҳои қавми худ шинос ҳастед?

3. Оё шумо ҳунарҳои мардумии минтақаатонро медонед?

4. Оё шумо ба осорхонаҳои таърихии кишвар ташриф меоред?

5. Оё шумо қаҳрамонҳои машҳури миллиро медонед?

6. Шумо ходимони маданият, санъат, илми халқиро медонед?

7. Оё шумо ба таърих, адабиёт ва санъати тасвирии муаллифони миллии худ шавқ доред?

8.Оё шумо бозиҳо ва тафреҳҳои мардумиро медонед?

9. Оё шумо ба нақши халқи худ дар таҳкими иқтидори давлатӣ баҳо медиҳед?

10. Оё шумо ба вижагиҳои хусусияти миллии қавми худ таваҷҷуҳ доред?

11. Забони миллии худро медонед?

12. Оё шумо конференсияҳои анъанавии динии халқи худро медонед?

Оё шумо меъёр ва қоидаҳои рафтор ва муошарати миллати худро дар ҷомеа ва оила медонед?

13. Оё шумо шаклҳои анъанавии миллии тарбия ва тарбияи фарзандонро медонед?

14. Оё шумо бо вижагиҳои ҳамкории мардуми худ бо дигар миллатҳо ошно ҳастед?

15. Оё шумо намуна ва идеалҳои анъанавии ахлоқии халқи худро медонед?

Интернатсионализм, ки дар системаи арзишҳои ҷамъиятӣ пурра шинохта нашудааст, асосан ба:

- сабабҳои ҷангҳо дар ҷаҳон (сабабҳои этникӣ ва иқтисодӣ):

- таҳаммулнопазирии динӣ;

- қафомонии иқтисодию иҷтимоӣ, ки боиси таҷовузкории иҷтимоӣ ва миллӣ мегардад:

- риоя накардани ҳуқуқҳои инсон ва миллатҳои хурд дар тамоми ҷаҳон ҳангоми таҳлили натиҷаҳои тадқиқот, ки афзалиятҳои арзишҳои ахлоқии донишҷӯёнро муайян мекунанд, мо метавонем дар бораи фарқияти сатҳҳои афзалиятҳо суҳбат кунем, ки дар истилоҳи педагогӣ имкон медиҳад, дар бораи самти низоми миллӣ ва умумибашарӣ қарор қабул карда шавад, арзишҳои донишҷӯён. Муносибатҳои педагогӣ сарчашмаи худро дар ташхиси амиқи ҳарду системаи арзишҳо пайдо мекунанд. Маълумоти оморӣ ва асоснокии онҳо, ки аз ҷониби донишҷӯён дода шудаанд, имкон медиҳанд, ки афзалияти арзишҳои инфиродӣ шарҳ дода шаванд, инчунин сохтори арзишҳо нисбат ба системаҳои инфиродӣ бунёд карда шаванд.

Афзалияти арзишҳои низоми умумиинсонӣ аз арзишҳои миллӣ каме фарқ мекунанд. Дар ин низом саволҳое, ки анъанаи ҷомеаи академӣ эътироф шудааст, афзалиятҳои баланд доранд, ки аз аҳамияти тарбиявии арзишҳои ахлоқӣ бештар мусбат аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар фарҳанги донишҷӯй ҳарчи бештар мазмуни ахлоқию этникӣ ва анъанаи таълим ба раванди тарбия ва таълим ворид карда шавад.

Дар мавриди донишҷӯёне, ки арзишҳои ахлоқию миллии паст доранд, муносибати онҳоро ба корҳое, ки барандагони ин арзишҳо мебошад пурзур кардан лозим аст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот метавон ба хулосае омад, ки афзалити донишҷӯён ба арзишҳои этникӣ дар доираи системаи арзишҳои иҷтимоӣ аз афзалиятҳои дигари иттиҳодияҳои ҷавонон хеле фарқ мекунад.

Ин тафовутҳо махсусан дар робита бо арзишҳо, ба монанди масъулият, адолат, ростқавлӣ ва камолот намоёнанд. Ин арзишҳо дар байни донишҷӯён хеле қадр карда мешаванд. Ин равшан шаҳр медиҳад, ки маълумоти олӣ ба симои маънавии ҷавон таьсире мерасонад.

Таҳлили натиҷаҳои бадастоварда тафовути зиёди дониш на майлҳон донишҷӯёнро, ки ба хусусиятҳои фарҳанги миллӣ алоқамандӣ

доранд, нишон дод. Маълумоти зерин пайдо шуд. Чун қоида, донишҷӯён ба саволҳои анкета хеле оромона муносибат карда, аз пур кардани он худдорӣ намекарданд. Аммо, дар айни замон, онҳо бисёр вақт мушкилоти инфиродии этникиро, ки дар шакли саволҳои беҷавоб таҳия шудаанд, на танҳо маънои «ҳа», «не»-ро интихоб накарда, балки дар ҷавоб додан душворӣ мекашиданд. Аз ин рӯ, фоизи саволномаҳои қисман пурнашуда хеле баланд афзалиятҳои ахлоқӣ ва миллии худро ба намоиши омма гузоранд [155, с.23].

Бо ҷонибдорӣ аз сиёсати эътимод ба ҷавонон Пешвои миллат олимону донишмандон низ ҷавононро дар рӯҳияи ватандорӣ ва ватанпарварӣ тарбия намуда истодаанд. Тарбияи ин гуна ашхос ҳамон ғурури Рустамонаро дар замири насли ҷавон бедор карда, дар варзиш ҷавонони мо дар мусобиқаҳои байналмиллалӣ ширкат варзида, бо гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ парчами тоҷикро парафшон месозанд.

Дурнамои ҳадафҳои ҷавонон, ки ба пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат асос ёфтааст, мавқеи созанда, сулҳҷӯёна, ватандӯстона ва дуруст мебошад. Ҷавонон комилан, бидуни ҳеҷ гуна шубҳа гуфта метавонанд, ки дар мактаби сулҳу дӯстӣ ҳамчун пайравони воқеии Пешвои миллат ташаккул меёбанд. Роҳи ягонаи мо роҳи созандагию бунёдкорист. Роҳест, ки Пешвои миллат онро бароямон бунёд кардааст.

Дар зери мафҳум маниторинги педагогикаи халқии мардуми тоҷик ташаккули фарҳанги этникии омӯзгорони ояндаро мо гузаронидани санҷишҳои пай дар пай ва мунтазами муайян намудани ба тартиб даровардани шиддати фарҳанги педагогии ташаккулёбии методикаи бандаро дар назар дорем. Гузарондани маниторинги педагогӣ таҳияи маълумотнокии шахсии ташаккулёбанда муайян кардани меъёрҳо ва тавсифҳои ташаккули фарҳанги этникӣ педагогии шахсият ҳамчун обекти асосии санҷиши маҷмуи усулҳои ташхисии гузаронидани санҷишҳои назоратӣ, марҳилавӣ; таҳлили маълумотҳои ба дастомада

тавассути мақсаду вазифаҳои таҳқиқот дар назар дорад. Таҳлили қисмати ташхисӣ ва натиҷаҳои мониторинги педагогӣ ба таври муфассал дар давраи ниҳоии таҳқиқот дида баромада мешавад. Ҳоло бошад ба татбиқи амалии барнома мегузарем [16, с.453]

Қабл аз он, ки ба татбиқи амсила ва шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги этникии омӯзгорони оянда дар раванди корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ шуруъ намоем, лозим омад, ки ба принсипҳое такя намоем, ки ҷараёни мазкурро самарабахш гардонда шароитҳои мусоиди педагогиро дар рушди масъалаҳои пешниҳодшуда бомуваффақият таъмин намояд.

Принсипи комплексӣ нуфузи таъсир ба тамоми машғулиятҳо ба ҳар яки ташкили фаъолият, ба ҳамаи унсурҳои сохтории фарҳанги этникии шахсият тавассути мазмуни маводҳо ва ташаккули муносибатҳо нисбати фарҳанги этникӣ ва педагогӣ бо ёрии унсурҳо ҳиссӣ-шахсиятӣ, назариявӣ-фазилатии онҳо амалӣ дар ягонагии онҳо фаҳмида мешавад.

Принсипи субъективӣ такя ба фаъолнокии бе воситаи донишҷӯ, рағбат ба худтарбиякунӣ, рафтори бошуурона ва худислоҳнамоӣ дар муносибат бо дигаронро талаб мекунад. Шароитҳои амалигардии принсипи мазкур озоду ихтиёрӣ ворид шудан ба ин ё он намуди фаъолият, боварӣ ва боэътимодӣ дар интихоби воситаҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, ки дар асоси боварӣ ба имкониятҳои ҳар як донишҷӯ нисбат ба худтарбиякунӣ дар бахши фарҳанги этникӣ ва таҳамулпазирӣ стратегияи муносиб дар муайян намудани тағйироти муносибатҳои байни донишҷӯён, донишҷӯёну омӯзгорон ва калонсолон бунёд гардидааст. Таъкид ва бартараф кардани падидаҳои номатлуб дар рафти ҳамкории педагогӣ ва донишҷӯён, мансубияти худро ба ин ё он гурӯҳи этникӣ дарк карда истода иштиёқмандии хешро дар зиндагии якҷоя бо гурӯҳҳои дигарӣ этникӣ боянд нишон дода тавонад, манфиатҳои донишҷӯён, табъи фардии онҳо, авлавиятҳо, нияту ангезаҳои муфид ва талаботҳои нави онҳоро ба назар гирифта тавонад.

Дар фаъолияти амалии фаъолияти омӯзгорӣ ин принсип донишҷӯ бояд ба мавқеи фаъоли мутақилӣ ва ташабускории инъикос меёбад. Дар муошират бо донишҷӯ эҳтироми махсус бартарӣ дошта бошад, омӯзгор натанҳо ба фарҳанги этникӣ ва таҳамулпазирӣ даъват намояд, балки худи ӯ дорои ин сифатҳо бошад ва аз уҳдаи ҳимояи манфиатҳои онҳо ва дар ҳал кардани масъалаҳои рӯзмара мадад расонда тавонад.

Омӯзгор вазифаҳои тарбиявиро марҳила ба марҳила ҳал намуда истода, бояд мунтазам дар ҷустуҷӯи хелҳои гуногуни ҳалли онҳо бошад, ки бештар ба ҳар як гурӯҳ фоида меорад. Аз ин ру, яке аз вазифаҳои муҳими фаъолияти педагогӣ ба Шумор меравад.

Принсипи ҳамгунагӣ комилан мувофиқат кардани мазмун ва воситаҳои тарбия бо вазъу ҳолатҳои ҷамъиятӣ, ки дар зимни он раванди тарбиявӣ ташкил карда мешавад, вобастагӣ дорад. Вазифаи тарбия ба муносибатҳои воқеи ки дар байни гурӯҳҳои одамон дар ҷомеа ташаккул меёбанд, нигаронида шудаанд. Шароитҳои амалишавии ин принсип мувофиқат кардани вазифаҳои тарбиявӣ бо ҳодисаҳои воқеъӣ мебошад, ки дар ҷаҳон, мамлакатҳо муҳити наздик рӯй медиҳад ва тавоқу ҳамоҳанг сохтани ҳамкории аъзои гурӯҳҳо, ки дар ташаккули шиносоии арзишҳои байни худӣ таъсири калон дорад. Руоварии раванди педагогӣ ба қоидаҳои воқеие, ки дар байни гурӯҳҳо бартарӣ дорад, ба назар гирифтани омилҳои мухталифи муҳити ҷамъиятӣ миллӣ, диннӣ ва дигарон; Ислоҳ ва тағйир додани итилооти гуногуни азхудкунандаи донишҷӯён, аз он ҷумла аз ахбори умум [14, с.323].

Дар фаъолияти амалии омӯзгор ин принсип тавассути қоидаҳои зерин ифода меёбад: ҷараёни педагогии фарҳанги этникӣ ва таҳамулпазарӣ бо назардошти муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ сохта ва хусусиятҳои сиёси, иқтисодӣ маънавии ҷамъият ба эътибор гирифта мешавад; Омӯзгор бояд таъсиротҳои манфии муҳити ҷамъиятиро тағйир, ислоҳ ва бартараф намояд ва бо ҳаммаи иштирокчиёни раванду ҷараёни тарбиявӣ бояд ҳамкорӣ намоянд.

Принсипи инфиродӣ-муайян намудани маҳруки фардии фарҳанги этникӣ, таҳамулнопазирии шуур ва рафтори ояндаи омӯзгор, муҳаё кардани имкониятҳои иштирокчиёнро барои худтатбиққунӣ ва худнамоӣ дар назар дорад. Шароитҳои амалисозии ин принсип аз: арзёбии фарҳанги этникӣ ва таҳамулпазирӣ дар омӯзгорони оянда; муайян кардани таъсиротҳои самараноки воситаҳо, шаклҳо ва мазмун барои рушди фарҳанги этникии педагогӣ ва таҳамулпазирӣ интихоби воситаҳои махсуси таъсири педагогӣ барои ҳар як аъзои гурӯҳ; ба ҳисоб гирифтани сифатҳои фардии донишҷӯ; руоварии вай дар интихоби воситаҳои тарбиявӣ, ки ба рушди фарҳанги этникии омӯзгорӣ ва таҳамулпазирӣ баҳри имкониятҳои мустақилона интихоб кардани воситаҳои муошират ғанӣ гаронида шуданд.

Дар фаъолияти амалӣ принсипи мазкур дар асоси қоидаҳои зерин татбиқ мегардад: корҳои бо гурӯҳҳо гузаронида мешудагӣ бояд ба меъёрҳои азхудкарда ҳар як донишҷӯ дар таносубӣ ва манфиатҳои гурӯҳҳо қарор гирифта бошад; дар рафти тарбия фарҳанги этникӣ ва таҳамулпазирии донишҷӯ ба тарбияи дигарон таъсири манфӣ нарасонад; дар рафти истифодаи воситаҳо зарур аст, ки итилооти воқеӣ дар бораи донишҷӯ истифода бурда шавад; омӯзгор танҳо дар асоси ҳамкорӣ бо донишҷӯён дар пайи ҷустуҷӯи ислоҳу тағйиротҳои рафтор ва муносибатҳои ӯ бошад; иҷрои мунтазами самараноки таъсироти тарбиявӣ ба донишҷӯёни алоҳидаро бояд маҷмуи воситаҳои тарбиявӣ муайян намоянд.

Агар ба саҳифаҳои таърихи ин ё он давлат нигарем, аз ҳодисаҳои ҷангу ҷидол ва мубориҳаҳо ҳувайдо мегардад, ки муборизаи ду қувва-қувваҳои хайру шарр пайваста ҷараён дорад. Мақсади ниҳоии ин ҷангу ҷидолҳо ба даст овардани ҳокимият ва ҷорӣ намудани сиёсати худ бо роҳи зӯрӣ мебошад.

Дар марҳилаи ҳозираи ҷаҳонишавӣ ки тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ ба сатҳи нав баромадааст, дар баробари омӯзгорони

дигар фанҳо омӯзгорони фанни ТҶ ва ОДҲ низ ба ин проблемаи муҳим дар канор нестанд.

Таълиму тарбияи хонандагон бо усули гуманитарӣ – ин ҳадафи баландтаринест, ки ҳар як омӯзгори имрӯзаи ТҶ ва ОДҲ барои амалӣ намудани он кӯшиш менамояд. Мафҳумҳои «тарбия» ва «гуманитарӣ» ба ҳамагон маълум аст. Аммо истифодаи он дар мавриди дарс бо усули тафриқавӣ ба назари мо чизи нав аст.

ТВҲ дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба шумор меравад. Хизмат ба Ватан тибқи Конститутсияи ҶТ моддаи 43, Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз баъзе ҷавонон, падару модарони онҳо барои хизмат дар сафи ҚМ и ҶТ саркашӣ ва беэътиноӣ зоҳир карда, фарзандонашонро бо роҳҳои гуногун аз хизмат дар канор мегузоранд. Дар навбати худ баъзе вилояту ноҳияҳои ҷумҳурӣ даъват ба Артиши миллиро дар кӯтоҳтарин муҳлат иҷро менамоянд. Иқдоми чунин вилоятҳо, ноҳияҳо ва падару модари ҷавонони ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ рафта боиси дастгирист.

Аммо бисёр ноҳияҳо ин масъаларо дуруст дарк накарда нақшаи даъват ва сафарбар кардани ҷавононро ба сафи ҚМ – и ҷумҳуриро иҷро карда наметавонанд, яъне ҳифзи Ватан, марзу буми он, дӯст доштани ин сарзаминро ҳанӯз волидайни онҳо, худи ҷавонон дуруст нафаҳмидаанд.

Дар ҳудуди Тоҷикистон то Инқилоби октябр (соли 1917) тарбияи ҷисмонии миёни мардум онқадар маълуму машҳур набуд. Фақат шахсони сарватманд барои ба фарзандони худ нишон додани аспсаворӣ, тирпаронӣ аз камон, гӯштингирӣ, шатранҷбозӣ ва ғайра мураббиён қарор мекарданд.

Барои мардуми ниёзманд тарбияи ҷисмонӣ дар раванди фаъолияти меҳнатияшон сурат мегирифт. Мардум фарзандонашонро аз

синни хурдӣ, аз 13-14-солагӣ ба корҳои хоҷагидорӣ ҷалб мекарданд. Дар замонҳои пеш инсон аз синни 16-солагӣ ба корҳои заминдорӣ, истифодаи табар, дос ва ғайраро озодона ва дар алоҳидагӣ ҷалб карда мешуданд. Барои ба обутоби бадан машғул шудан на вақт буду на шароит. Аммо аз рӯйи урфу одатҳои мардумӣ дар маросимҳои хӯрсандӣ ҳаргуна мусобиқаҳою қувваозмоӣ ташкил карда мешуданд. Дар он замонҳо намудҳои “варзиш ба мисли тирпаронӣ аз камон, гӯштингирӣ, сангпартоӣ, ҷаҳидан, гузаштан аз монеаҳои мухталифи табиӣ, шамшербозӣ, баромадан ба баландиҳои кӯҳ, шикор, шиноварӣ, бозиҳо, рақсҳо, муҳорибаҳои гуногуни тан ба тан, давр задани рӯймол, тӯбро ба чуқурӣ бирасон, бандкашӣ, ҷаҳиш, аспдавонӣ, чавгонбозӣ, бузкашӣ, чиллакбозӣ ба сифати фароғати варзишии мардум хизмат мекарданд” [41, с. 8-9].

Мардуми шарифи тоҷик аз қадимулайём дар ҳама ҷамбаҳои ҳаётӣ фаъол буданд. Бо ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит барои машқу тамрин беҳтару хубтар гардида истодааст. Дар мамлакат сохтори алоҳида бо номи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ташкил карда шудааст, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳо намояндагии худро дорад.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2023 зикр намуданд, ки “Таъмин намудани рушди соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат буда, ҳадафи он оммавигардонии варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мебошад. Иштироки фаъоли ҷавонони мо ва пирӯзии онҳо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, бешубҳа, ба болоравии обрӯи кишварамон мусоидат менамояд” [139].

Бо фароҳам овардани шароити муосид варзишгарони мамлакат дар соли 2023 дар мусобиқаҳои сатҳои гуногун иштирок карда соҳиби

108 медали тилло, 76 медали нукра, 159 медали биринҷӣ ва дар маҷмуъ 343 медалҳо гардиданд. Маълум гардид, ки дастовардҳои соли 2023 аз соли пеш 226 медал, яъне қариб 3 баробар зиёд мебошанд.

Пешвои муаззами миллат таъкид карданд, ки "Барои ноил гардидан ба дастовардҳои боз ҳам бештар зарур аст, ки ба истифодаи самараноки инфрасохтори варзиш, хусусан, ба нигоҳубини дурусти иншооту биноҳои бунёдгардида эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад" [139].

Дар мамлакати мо сол аз сол устодони варзиш ва устодони дараҷаи байналхалқӣ тайёр карда мешаванд. Ин тадбирҳо ботадриҷ суръати олимпиро дар ҳаракати варзишӣ вусъат мебахшад. Дар қатори Саидмумин Раҳимов, Зебонисо Рустамова варзишгарони замони истиқлол Расул Боқиев, Мавзуна Чориева ва садҳо нафари дигар парчами давлатиро дар сатҳи байналмиллалӣ баланд бардошта, обурӯ ва нуфузи давлату миллатро боз ҳам баландтар гардониданд.

Миёни дигар намудҳои варзиш дав мавқеи махсусро соҳиб гардидааст. Ин намуди варзишро одамон ҳам барои саломатӣ ва ҳам барои иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ интихоб кардаанд. Дар мамлакати мо давми миллӣ ҳамчун намуди варзиш бисёр мустаҳкам гардидааст. Бо ташаббуси Кумитаи миллии олимпӣ ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин рӯзи Дави олимпӣ дар соли 1993 барпо гардида буд, ки дар он зиёда аз 500 нафар дӯстдорони ин намуди варзиш иштирок карданд. Солҳои минбаъда бошад шумораи иштирокчиён ба маротиб зиёд шудан гирифт. Бо ба имзо расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 апрели соли 2006, №1740 рӯзи Дави олимпӣ эҳёи нави миллиро касб карда, рӯзи Дави миллӣ номгузорӣ гардид.

Зимнан дар замони муосир муҳиммият нисбат ба ташаккули маҳорату маърифати ҳарбӣ-ватанпарварӣ чун самти махсуси тарбияи

ҷавонон ва дар онҳо рушд додани матонату ғайрат зиёд гардида истодааст.

Ҳаводису ҷараёнҳое, ки солҳои охир дар кишвари мо ба вуқуъ омада истодаанд, аз ҷумла ташкили чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ аз қабили «Тоҷикистон ватани азизи ман», “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм фурӯғи маърифат” ва даҳҳо озмуну олимпиадаҳои дигар бо мақсади тарбияи ҷавонон ва аз ҳар ҷиҳат зиёд кардани донишу ҷаҳонбинии онҳо нигаронида шудаанд.

Масъалаи мудофиа ва таъмини тартиботи ҳуқуқии аҳолӣ, ҳамазамон баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, роҳ надодан ба шомилшавии ҷавонон ва наврасон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро мунтазам мубрам арзёбӣ гардида, аз ниҳодҳои идеологии давлатию ҷамъиятӣ тарғиби ватандӯстӣ, тарбияи садоқат ба халқу ватан, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ба востаи анъанавӣ ва ба воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаи интернетро талаб мекунад.

Дар ҳоли ҳозир, мутаасифона, дар ин самт механизми мунтазаму системавӣ кам ба мушоҳида мерасанд.

Имрӯзҳо худ шоҳидем, ки бархе аз даъватшавандагон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмат Ватан саркашӣ менамояд ва онҳо барои ҳифзи марзу буми кишвар омодагӣ нагирифтаанд.

Дар замири кӯдак ва наврасу ҷавонон ҳисси ватандӯстӣ ва меҳру муҳаббат доштан нисбат ба Ватану сарзамини аҷдодӣ аз оила манша мегирад ва он дар муассисаи таълимӣ ташаккул меёбад.

Аз диди мо, аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ намудани ҷавонон пеш аз он ба он вобастагӣ дорад, ки падарону модарон аз хурдӣ марбут ба ватандӯстию ватандорӣ ва ҳифзи марзу буми Ватани азизамон ба фарзандони худ доир ба ин масъалаи ниҳоят ҷиддӣ аҳамият намедиҳанд ва дар замири фарзандон меҳру муҳаббат ҳисси дӯст доштани ватанро ташвиқ намекунанд.

Аз тарафи дигар, ба ақидаи мо, сабаб дар он аст, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ доир ба масъалаи мазкур чандон диққати ҷиддӣ намедиҳанд, доир ба мақсад ва вазифаҳои хизмат дар сафи Артиши миллӣ, “Хизмат ба Ватан шараф аст”, “Ҳимояи Ватан-Модар қарзи ҷонии ҳар як фард”, “Ватан-хонаи умеди мо, ҳимояи он-қарзи мо” суҳбату вохӯриҳо бо афсарону хизматчиёни ҳарбӣ намегузаронанд ва гузаронанд ҳам ниҳоят кам ба чашм мерасад.

Даъват ба сафи Артиши миллӣ яке аз масъалаҳои меҳварии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати дифои Тоҷикистон ва Комиссарияти ҳарбии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Имрӯзҳо ба сафи Артиши миллӣ фаро гирифтани ҷавонон хеле ташвишовар шудааст. Қариб ҷавоне ёфт намешавад, ки ихтиёран ба сафи Артиши миллӣ барои хизмат кардан раванд, ва агар ёфт шаванд ҳам, ангуштшуморанд.

Мақсад мо, ошкор кардани ҷараён ва истифодаи роҳу усулҳои навин марбут ба масъалаи баланд бардоштани худогоҳӣ, дӯст доштани Ватан ва ҳимояи марзу буми он тавассути самаранок ва дар асоси талаботи давр ва ба роҳ мондани фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар назар аст. Чун таълими фанни мазкур бо мақсад мувофиқ роҳандозӣ ва корбарӣ гардад, сафарбарӣ ба сафи Артиши миллӣ беҳтар мегардад. Дар сурати ғайр натиҷаҳои кор самарабахш нахоҳад буд. Тавре дар фарҳанги мо гуфта мешавад:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,
То сурайё меравад девор каҷ.

Гузашта аз ин, дар руҳияи ватанпарварӣ, ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани ҷавонон баъд аз оила, дар муассисаҳои таълимӣ қувват мегиранд. Дар амали гардидани ин мақсад нақши муассисаҳои таълимӣ хеле баланду муассир аст.

Дар даврони Шӯравӣ фанни мазкур хеле самаранок ва дар асоси талаботи махсуси давлатӣ барои омӯзгорон як сол ва барои дигар табақаҳои аҳолӣ ду сол ва барои онҳое, ки сафи флоти ҳарбӣ-баҳрӣ

хизмат мекарданд, се сол муқарар шуда буд, корбанди мегардид. Ҳамчунин, омӯзгороне барои минбаъд дар сафи Артиш хизмат намудани ҷавонони оянда чорабиниҳои зиёди муассисавию берун аз муассисавиро тавасути вохуриҳо бо коркунон ва хизматчиёни ҳарбӣ, ҷавонони адои хизматкарда ба роҳ мемонданд. Ҷорабиниҳои мазкур дар замири хонандагон шавқу ҳавасест оҳоро нисбат ба хизмат намудану дифои марзу буми он дучанд мегардонид.

Амсила имкон медиҳад, ки аломатҳои муҳими объект ё предмети омӯхташаванда, мазмун ва тавсифи низоми таҳқиқшавандаро муайян намоем. Таҳқиқоти сершумори илмӣ нишон медиҳанд, ки намудҳои амсилаҳо гуногун буда, аз ҳадафҳо ва вазифаҳои мавзуи омӯзиш бармеоянд ва, инчунин, аз шаклҳо ва роҳҳои пешниҳодшуда, соҳаҳои предметӣ вобастагӣ доранд.

Ба муносибатҳои мавҷудаи амсиласозӣ ва намудҳои он такя намуда, мо ҳамчун ифодакунандаи сареҳу возеҳи объекти омӯзиш, унсурҳои вай ва алоқаҳои байни онҳо типи сохторӣ-функсионалиро мавриди истифода қарор додем. Амсилаи сохтори ташкили ботинии омӯзиши ҷараёни омӯхташавандаро мутаввачеҳ карда, ҳадафҳо, вазифаҳо, мазмун ва самараи таҳқиқотро мушаххас менамояд, амсилаи функсионалӣ моҳияти функсионалии унсурҳои муҳими амсиларо ошкор мекунад. Ин типи амсила дар ҷанбаи педагогӣ мақбули умум гаштааст.

Сохтори амсилаи пешниҳодшуда аз қисматҳои зерин: мақсаднокӣ, методологӣ, ташхисӣ, тартибию пурмазмунӣ ва самарабахшӣ иборат мебошад. Ҳадафи амалии амсилаи педагогӣ аз ташаккули фарҳангии омӯзгорониояндаи забони англиси барои фаъолияти педагогӣ дар мактаб ба шумор меравад.

Қисмати мазкур тибқи талаботи қабул ва таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи маълумоти миллӣ», «Стандарти давлатии маълумот», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари муҳими меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ки ба беҳбуди таълиму ташаккули шахсият, ба рушди

мутаносиб ва босуботи насли наврас нигаронида шудаанд, пояи устувори унсури ҳадафмандии амсиларо ташкил додаанд.

Мувофиқи таҳқиқоти илмӣ мутаносибии ба муносибатҳои босалоҳиятӣ, фарҳангӣ, аксиологӣ, фаъолиятнокӣ, шахсиятӣ системавӣ ва дигарон ҷудо карда шудаанд [56, с.23].

Муносибати босалоҳият дар таҳсилот дар муқобили назарияи аз бар намудани донишҳо ва ҷамъи маълумот қароргирифта, ба кор даровардани маҳоратҳоеро тарафдорӣ мекунад, ки дар ҳолатҳои касбӣ, шахсӣ ва зиндагии ҷамъиятӣ амали самаранокро таъмин мекунад. Муносибати мазкур ташаккули амалҳои универсиалии таълимию омӯзишӣ, масъалаҳо, ташкил кардани фаъолияти маърифатии мутаассилинро ба самти ҳадафмандӣ равона мекунад.

Ҳамин тариқ, маънию маншаи муносибати босалоҳият ҳамчун маҷмуи ҳадафҳо ва нуқтаҳои ибтидоиву асосҳои татбиқи касбӣ, инчунин ба аҳамиятдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, маҳорати касбии мутаассилин равона шудааст.

Муносибати фарҳангӣ – ин роҳҳои фаъолияти таҳсилу омӯзиш, ки дар зимни истифодаи маҷмуи васоилу воситаҳо ва усулу методҳо бунёд шуданд ва татбиқи амалии мазмуни фаъолияти таълимӣ ва фароҳам овардани шароитҳои педагогии махсус кумак расонида, ба сифати субъекти фарҳанг ва вақфи вай бо арзишҳои фарҳангӣ ва принсипҳои рафтори маданӣ мутаваҷҷеҳ гардидаанд.

Барои баланд бардоштани шавқу завқи хонанддагон ба фанҳои "Тарбияи ҷисмонӣ" ва "Асосҳои ибтидоии ҳарбӣ" бо омӯгорони соҳани ниҳ пайваста корбарӣ намудан лозим аст. Фарҳанги омӯзгорони ояндаи соҳаи мазкур дар асоси ғояҳои зерин метавонад ҷараёни хуб гирад:

- шинос намудани кӯдакон бо таърихи ватанӣ, забон, адабиёт;
- ороста кардани мазмуни таҳсилот ҳамчун рӯ оварии миллӣ бо неруи маданияти мардумӣ;

– ҷалбу ширкати одам роҷеъ ба ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан ва халқи худ;

– ташаккули рушди таҳамулпазирӣ нисбат ба халқҳои дигар, ғанӣ гардонидани донишҳо оид ба хусусияти фарҳангии онҳо.

Машғулияту дарсҳои "Омодагии ибтидоии ҳарбӣ" бо истифодаи асбоб ва лавозимоти ҳарбӣ (норинҷак ниқоби махсуси зиддигазӣ, автоматҳои таълимӣ, асбоби пайгири радиоактивӣ ва амсол ба инҳо) дар дарсхонаи махсуси ҳарбии муассисаи таълимӣ ба роҳ монда мешуданд.

Дар замони муосир мувофиқаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда вазифаи асосии таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ аввалан дар амал роҳандозӣ намудани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҷавонон хизматкунандагони ояндаи ҳарбӣ ва дар руҳияи ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимоя намудани марзу буми Ватан, тарбия намудани онҳо маҳсуб меёбад, баъдан амалӣ намудани афкори фавқ-хизмати софдилона дар сафи Артиши миллӣ, аз ҷумла хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аст, бар души муаллимони ҳамагуна фанҳои таълимӣ хостан, муаллимони фанни омодагии ибтидои ҳарбӣ гузошта шудааст.

Ба таълими фанни омодагии дифои ҳарбӣ он хонандагоне ҷалб карда мешаванд, ки бояд соҳибирода ва дорои маҳорату хислатҳои зерин бошанд:

- "ҷавонони синни тодаъватӣ дар рӯҳияи шинохтани ватани соҳибистиқлол, азму иродаи қатъӣ, диловарӣ, матонат, суботкориву дилпурӣ ба қувваи худ тарбия карда мешаванд;

- ҷисман бардам, яъне сиҳату саломат, зӯру тавоно, чусту чолок, пурбардошт гардонда шаванд, то ки ба сахтиҳои хизмати ҳарбӣ ба осонӣ тоб оваранд;

- машқ дода шаванд, яъне натиҷаҳои тарбияи ҷисмонӣ барои организмашон одати муқаррарӣ гардад;

- аз донишҳои назариявӣ ва амалии таълимоти ҳарбӣ огоҳ бошанд” [43, с. 120].

Ҷои баҳс нест, ки даъват ба сафи Артиши миллӣ барои ҳар як фарди солимақли ҷомеа, аз ҷумла хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ояндаи наздик, ки синашон ба хизмати ҳарбӣ мерасанд қарзи фарзанӣ дониста шудааст.

Хизмат намудан дар Артиши миллӣ-хизмат намудан ба Модар-Ватан аст. Аз ин лиҳоз, муҳофизони ояндаи мамлакатро зарур аст, ки дар рӯҳияи тактикию поквиҷдонӣ, дӯст доштани ҳар як ваҷаб хоки диёр, ҳимояи марзу буми кишвар, роҳ надодан ба ташвиқу тарғиботи нотавонбинони Истиқлолияту озодии Тоҷикистони ободу рӯ ба руштниҳода, таъмин ва амалӣ намудани фаъолоияти Қонунҳои мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбути хизмати ҷавонон дар сафи Артиши миллӣ доро будан ба хислатҳои ҷавонмардӣ: далерӣ, шуҷоатмандӣ, ҷасорату матонат, дӯст доштани миллати хеш ва дигар милатҳои сокинони ватани маҳбубамон тарбия намудан ба воя расонем.

Таҳқиқоти дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Муъминобод анҷом додаи мо марбут ба масъалаи технологияи рушди ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва сӯҳбату вохӯрии бо муаллимони муассисаҳои таълимии фавқуззикр ва аз назар гузаронидани синфхонаҳои фанни омдагии дифои ҳарбӣ шаҳодат дод, ки дар муассисаҳои номбурда камбудиҳои зиёди ҷиддӣ назаррас буд, ки дар ин росто камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасад. Бо чунин муносибат ва фаъолияти бесамар эҳтимолияти дуруст ба роҳ мондани кори ТҲВ хеле кам аст.

Ба андешаи мо барои ТВҲ–и ҷавононро дуруст роҳандозӣ намудан якчанд омилҳо мавҷуданд:

- танқисӣ кашидани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нарасидани мутахассисон-муаллимони омодагии дифои ҳарбӣ.

– аҳамият надодани сарварони раёсат, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таълими фанни мазкур. Аз ҷумла, дар давоми солҳои зиёди таҳсил вазъи таълими фанни Омодагии ибтидоии ҳарбӣ боре ҳам мавриди санҷишу таҳлил қарор нагирифтааст.

– аз мади назари шӯъбаҳои маориф дур мондани таълими фанни мазкур ва ҳавсмандгардонию қадрдонӣ (бо нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон, муаллими сол, қадр намудан бо Ифтихорномаҳо ва амсоли онҳо) сарфароз нагардонидани омӯзгорони болаёқату соҳибтаҷриба.

– аз байн рафтани ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо комисариятҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дасгирӣ ва ҳавасмандгардонии муаллимон (масалан, тибқи шартнома бо либоси ҳарбӣ таъмин накардани омӯзгорон, сарфароз нагардонии онҳо бо рутбаҳои ҳарбӣ ва монанд ба инҳо) боис ва коҳиш ёфтани таълими таъмини фанни номбурда гардидааст.

– дастрас набудани васоити таълимӣ аз қабили таъмин намудани омӯзгорон бо рӯномаву Низомномаву барнома ва дастурҳои таълимӣ, Оинномаҳои гуногуни ҳарбӣ ва ба талабот ҷавобгу набудани шумораи ками китобҳои дарсӣ ва дигар дастур тавсияҳои методӣ.

– дар муассисаҳои таълимӣ мавҷуд набудани намунаҳои таълимӣ яроқҳо, монанди: автомати таълимӣ Калашников, норинҷакҳо, туфангчаҳо, ниқоби зиддигазӣ, тири таълимӣ ва дигар намдҳои лавозимоти ҳарбӣ таълимӣ.

– дар сурати чунин будани ҳолати таълимии фанни фавқӣ рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ, ватанпарварӣ, ватандӯстию ҳифзи ватан тарбия намудани хонандагон хеле душвор меафтад ва он корбарии дуру дарозро талаб мекунад, махсусан, масъалаи ба хизмати Артиши миллӣ омода намудани хонандагон. Бачаҳо дар ҷараёни дарсу машғулиятҳо танҳо аз китоби дарсӣ, ки он ҳам ба пурагӣ дастраси хонандагон нест, истифода мебаранду халос.

– солҳои пешин омӯзгорони фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” ҳар як соати дарсӣ ва машғулиятҳои амалиро вобаста талаботи давр ва бо завқи тамом мебуранд. Кӯшиши менамуданд, ки меҳру муҳаббатро нисбат ба фанни таълимии мазкур бедор намоянд ва шогирдонро ба гаравидан ба ин касб ҷалб намоянд.

Ба ақидаи мо, ин аз он ҷиҳат буд, ки натанҳо садорати шуъбаҳои маориф, балки комисарияти ҳарбии шаҳру ноҳияҳо низ ба вазъу сифати таълимии фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” диққати ҷиддӣ медоданд, рафти таълиму тарбияи онро назорат мекарданду ғамхорӣ, ҳар сари чанд вақт ҷараёни дарсу машғулиятҳоро санҷида натиҷаи онҳоро дар Шӯрои омӯзгории муассисаҳои таълимӣ муҳокима, хулосабарорӣ ва ҷамъбаст менамуданд. Аз чи бошад, ки ин масъала солҳои охир аз мадди назар дур афтодааст. Хуллас, ба тарзи таълиму тарбия ва сифату самаранокии фанни мазкур чандон диққати ҷиддӣ дода нашуда истодааст.

Новобаста ба ин норасоиҳои ислоҳшаванда кам нестанд омӯзгороне, ки касби худро дӯст медоранду сидқан дар таълиму тадриси фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” самаранок фаъолият карда истодаанд. Барои баланд бардоштани маҳорату малакаи худ ва тақвияти донишу таҷрибаи касбӣ мунтазам дар курсҳои кӯтоҳмуддати баландбардории ихтисос, семинару вохӯриҳо бо омӯзгорни пешқадаму олимони варзида иштирок намуда, таҷриба, маҳорат ва савияи илмию омӯзгории худро баланд мебардоранд. Пурсишҳову мушоҳида ва азназаргузаронии барномаҳои таълимӣ шаҳодати онанд, ки тибқи нақшаи таълимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2005) барои таълими фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” дар як ҳафтаи хониш ду соат пешбинӣ шуда буд, ки ин барои самаранок ба роҳ мондани таълиму тарбияи хонандагон мусоидат мекард. Сабаб дар чи бошад, ки солҳои охир Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълими ин фан танҳо як соат ҷудо намудаасту халос.

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки дар шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ, шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Муъминобод як қатор корҳо оид ба рушди ТҶ иҷро намудаанд. Дар диграммаҳои зерин оид ба шумораи омӯзгорон ва тахассусмандии онҳо дар соли таҳсили 2021-2022 нишон дода шудааст (**Диаграммаи 1.**)

**Диаграммаи 1.**

**Шумораи омӯзгорони тахассусманди тарбияи**
**ҷисмонӣ ва ОДҲ-и шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ ва Муъминобод**
**дар соли таҳсили 2021-2022**




Шароити хуби хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат теъдоди зиёди ҷавононро бо хоҳиши худ ба ҳимояи марзу буми Ватан ҷалб месозад. Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияи кишвар корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ва омодагии ҳарбии ҷавонон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Гузашта аз ин, омилҳои вусъатбахши худшиносӣ ва ватанпарастии ҷавонон дар ростои сиёсати кунунии давлату ҳукумат рӯи кор омадааст. Бовар дорем, ки ҳисси баланди масъулиятшиносӣ нисбат ба ҳифзу ҳимояи марзу буми Ватанро ҷавонон аз вазифаҳои муҳими худ

дониста, баъд аз гирифтани даъватнома барои хизмат сари вакт ҳозир мешаванд.

Воқеан, хизмат ба Ватан қарзи ҳар шаҳрванд буда, далериву ҷасурӣ ва ҷавонмардии ҳар нафари бо нангу номусро талаб мекунад. Хизмат дар сафи ҚМ боиси ифтихору сарбаландист. Бояд ҷавононро ҳанӯз аз даврони мактабхонӣ ба хизмати Ватан омода кард. Дар муассисаҳои таҳсилотӣ зарурати хизмати ҳарбиро амиқу дақиқ бояд омӯзонд. Ҳар ҷавон пас аз хатми мактаб бояд хизмат ба Ватанро вазифаи аввалиндараҷа донад.

Барои насли ҷавон яке аз муҳимтарин мактаби обутоб хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо ҷавонписарон шуҷоату мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт, дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегиранд.

Тайи 7 соли охир машқҳои ҳарбӣ-саҳроӣ дар МТМУ-и минтақаи Кӯлоб тамоман гузаронида намешаванд. Мувофиқи таълими фан ҳар як ҷавонпсар-хонандаи синфи 11-ум дар охири соли таҳсил бо мақсади назарияро ба амалия мустаҳкам намудан, истифода кардани силоҳи таълимӣ, ҳамзамон, обутоби бадан ва омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ ҳатман бояд дар машқи ҳарбӣ-саҳроӣ иштирок намояд. Чунин машқҳо дар асоси Нақшаи таълимӣ то соли 2005-ум ҳар сол мунтазам моҳҳои апрел май гузаронида мешуданд, ки натиҷаи хеле наззарас медоданд, яъне ҷавононро то 80-90 фоиз ба хизмати ҳақиқии ҳарбӣ омода мекарданд.

Тарбияи ватанпарастӣ аз оила, кӯдакистон, мактаб оғоз шуда, дар ҷомеа ниҳоят, дар сафи Артиши миллӣ рушд меёбад. Дар шуури бачаҳо бедор сохтани ҳисси муҳаббат ба диёр, кишвар ва сарзамин вазифаи падару модар, ҷомеа ва омӯзгорон мебошад. Чунончи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ гуфтаанд: «ба ҷавонони бонангу номус ва худшиносу ватандӯст, соҳибкорони ҳимматбаланд ва ҳар фарди бонангу номуси миллат мурочиат карда,

мехоҳам, бори дигар таъкид намоям, ки ба мардуми шарифи тоҷик ва Ватани маҳбубамон Тоҷикистони соҳибихтиёр, инчунин, ба хотири ободии сарзамини аҷдодиамон, пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмиллалӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллату давлат бо дасту дилу нияти пок ва содиқонаву поквиҷдонона хизмат кардан вазифаи фарзандӣ ва қарзи имониву инсонии ҳар яки мо ва мақсаду мароми ягонаи мост!» [139, с.65].

Дар асоси моддаи 43-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст” [77, с.166].

Маросими ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват кардани ҷавонон дар асоси Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол ду маротиба ташкил карда мешавад.

Ба хизмати ҳарбӣ тибқи қонуни мазкур танҳо шаҳрвандони ҷинсашон мард, ки синнашон аз 18 то 27 расидааст даъват карда мешаванд. Муҳлати хизмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 моҳ буда, барои даъватшавандагони маълумоти олидор 12 моҳ мебошад.

Метавон гуфт, ки гузаронидани чорабиниҳои даъватӣ дар ниҳоди ҷавонон ҳисси ватандӯстиро бедор кардааст, ки ин омил метавонад дар баланд бардоштани иқтидори мудофиавӣ ва ҳифзи содиқонаи марзи кишвар мусоидат намояд.

Ҳифзи Ватан на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки қарзи ахлоқӣ ва ватандӯстии ҳар шаҳрванд аст.

Танҳо дар ин сурат метавонад ба натиҷаҳои назаррас ноил гашт ва нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбиро дар муҳлати муайян ва босифат иҷро намуд.

Ҷавонон бояд бо дарки меҳандӯстӣ ва розигии худ ба артиш бираванд, ки дар он ҷо онҳоро қадр намоянд ва ҳамаи ҳунарҳои

заруриро бо шароити хуб ва сифати баланд биомӯзонанд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ дар дифои Ватан муваффақ шаванд.

Маҳз бо ҳамин сабаб асос ва заминаҳои консептуалии тарбияи маданият ва маърифати ҳарбию ватандӯстӣ мукаммалан коркард нашудаанд ва тамоми чораю тадбирҳои вобаста ба ин ҷода ҷанбаи муваққатию давравӣ ва якдафъаина касб карда мондаанд.

Аз ин мавқеъ ва нуқтаи назар ҳолат ва вазъияти татбиқи тарбияи ҳарбию ватандӯстии барномаҳои давлатӣ дар ҳудуд ва минтақаҳои алоҳида мураккабтар гашта истодааст.

Аксари барномаҳо, лоиҳаҳо, нақшаҳо дар ин маврид ба тариқи номукаммал мавриди тадбиқу таҳқиқ қарор дода мешавад.

Инчунин, нақшаи таҳияи ин барномаҳо ва сенарияҳо қолабӣ, ки ҳастанд, беасар мемонанд. Дар ҳоле ки ин мавзуъ ниёз ба чунин қолабкорӣ надорад.

Лоҳутӣ дар ин маврид гуфтааст:

Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд, аммо намедонам,
Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор, ё ҳарду.

Ҳамчунин, дар ин замина мақоми воҳиду ягона ва муайяне вуҷуд надорад, ки дар мавриди тарбияи маданият ва маърифати ҳарбию ватандӯстона тамоми амалҳоро бо дигар мақомоту бахшҳо ва сохторҳо ҳамоҳанг намояд.

Зиндагӣ ва фаъолияти инсонро аслан ба 6 давраи зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Давраи кӯдакӣ то 6-солагӣ, дар оғуши падару модар ва тарбияи боғчаи бачагон;
2. Давраи наврасӣ 7 то 13-солагӣ, таҳсил дар синфҳои 1 то 6;
3. Давраи ҷавонӣ 14 то 30-солагӣ, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони 14 то 30-сола ҷавон маҳсуб меёбанд, таҳсил дар МТМУ, МТОК ва кору фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ;

4. Давраи миёнасолӣ 31 то 50-солагӣ, кору фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ;

5. Давраи калонсолӣ 51 то 63-солагӣ, кору фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ;

6. Давраи нафақа аз 64-солагӣ то охири умр, марҳилаи истироҳат ва мувофиқи имконияту хоҳиш кору фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Вобаста ба он ки гурӯҳбандии боло ба макони таҳсил, кору фаъолият ва зиндагии одамон номувофиқ меояд ба адешаи мо зиндагӣ, таҳсил ва фаъолияти инсонро аслан ба 6 давраи зерин ҷудо намудан, барои ҳар гурӯҳ машқҳои ҷисмонӣ ва варзиширо дар алоҳидагӣ муайян кардан мумкин аст (Расми 1.):

**Расми 1.**

**Амсилаи даврабандии ба тарбияи ҷисмонӣ**
**ва варзиш машғул шудани инсон дар тулли ҳаёт**




Давраи якум то 6-солагӣ, дар оғуши падару модар ва тарбияи боғчаи бачагон;

Давраи дуюм 7 то 16-солагӣ, таҳсил дар синфҳои 1 то 9;

Давраи сеюм 17 то 18-солагӣ, таҳсил дар синфҳои 10-11;

Давраи чорум 19 то 27-солагӣ, синну соли даъватшаванда будани ҷавонписарон;

Давраи панҷум 28 то 40-солагӣ, кору фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ;

Давраи шашум аз 41-солагӣ то охири умр, марҳилаи фаъолияти корӣ, эҷодӣ, истироҳат ва мувофиқи имконияту хоҳиш кору фаъолият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Дар гурӯҳбандии аввал, сину соли ҷавонон дар асоси қонунгузорӣ аз 14 то 30 сола муайян гардида буд, аммо синни даъватӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавонписарони аз 18 то 27 сола муайян гардидааст. Аз ин лоҳоз гурӯҳбандии дуюм барои корбарии масъалаи баррасишаванда фаҳмотар арзёбӣ мегардад.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, китобҳои дарсӣ ва истифодаи маводи сомонаи расмии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ватанӣ ва хориҷӣ амсилаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муаасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро таҳия ва пешниҳод намудем (Ҷадвали 4.).

Ҳамзамон, дар вақти фориғ аз мактаб метавонем ҳаҷми фаъолияти ҷисмонии мактаббачагонро бо роҳҳои зерин зиёд кунед:

- машқҳои субҳ;
- таваққуфҳои динамикӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ;
- бозиҳои варзишии берунӣ ҳангоми сайру гашт;
- машғулиятҳо дар сексияҳо ва маҳфилҳои варзишӣ.

**Ҷадвали 4.**

## Амсилаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

| № | Шарт ва эътимод | Мақсад ва вазифаҳо | Шарҳи иловагӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун қисми таркибии тарбия ва саломатии мактаббача | Раванди муташаккили таъсири мураккаби машқҳои ҷисмонӣ ва омилҳои муҳити зист (ҳаво, шуоҳои ултрабунафш, об) | Таваҷҷуҳ ба таркиби машқҳои ҷисмонӣ ва ҳаво, шуоҳои ултрабунафш, об |
| 2. | Муҳиммияти тарбияи ҷисмонӣ барои мактаббача | - тамрин кардан ва такмил додани терморегулятсия;<br>- тамрин кардан ва одаткунонидани организм ба омилҳои муҳити зист;<br>- мактаббачагонро тавассути тамринҳо ба афзоиш ва инкишоф водор кардан лозим аст;<br>- табобат ва бартарафсозии нуқсонҳои модарзодӣ ва ё баъдан пайдошуда;<br>- баланд бардоштани самаранокии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ. | Терморегулятсия ин қобилияти организмҳои зинда барои нигоҳ доштани ҳарорати бадан дар ҳудуди муайян аст, ҳатто агар ҳарорати берунӣ ба таври назаррас фарқ кунад |
| 3. | Дар раванди тарбияи ҷисмонӣ бояд ба назар гирифт | - мавҷудияти реҷаи оптималии ҳаракатдиҳанда бо назардошти синну сол ва функсияҳои он;<br>- характери систематикӣ ва мураккабии синфҳо;<br>- ташкил ва ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ вобаста ба сину сол, ҷинс, вазъи саломатӣ ва омодагии ҷисмонии хонандагон;<br>- ташкили шароити созгор ҳангоми машғулиятҳо ва ба инобат гирифтани ҳамоҳангии психологӣ. | Нигоҳдории реҷаи муайян, системанок будани раванди тарбияи ҷисмонӣ, таваҷҷуҳи махсус ба вазъи саломатии хонанда |
| 4. | Муҳимтарин ҷузъҳои инкишофи ҷисмонии хонанда дар муассисаҳои таълимӣ | - дарсҳои ҳатмии тарбияи ҷисмонӣ (тибқи ҷадвали дарсҳо);<br>- иҷрои стандартҳои гуногун;<br>- шаклҳои хурди тарбияи ҷисмонӣ (машқҳои пагоҳӣ пеш аз оғози дарсҳои мактабӣ, танаффусҳои динамикӣ;<br>- дақиқаҳои тарбияи ҷисмонӣ, тағйироти динамикӣ). | Дар асоси барномаҳои тавсиявӣ ва маҳорату таҷрибаи омӯзгорони соҳа гузаронида мешавад |
| 5. | Ташкил ва мазмуни тарбияи ҷисмонии хонанда | Аз рӯйи барномаи таълимии тарбияи ҷисмонӣ, барномаи варзишии беруназсинфӣ, барномаи машғулиятҳои бачаҳои ба гурӯҳи махсуси тиббӣ вобаста кардашуда танзим карда мешавад. | Новобаста ба мавҷуд будани барномаҳои тавсиявӣ аз омӯзгорон эҷодкорӣ талаб карда мешавад |

**Идомаи ҷадвали 4.**

**Амсилаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. | Назорати тиббӣ аз болои тарбияи ҷисмонии мактаббачагон | Бо мақсади баҳодиҳии саломатӣ ва инкишофи мактаббачагон ҳар сол пеш аз оғози соли таҳсил аз муоинаи тиббӣ ҳамаи мактаббачагон гузаронида мешавад, ки аз рӯйи натиҷаҳои он гурӯҳҳои тарбияи ҷисмонии тиббӣ (асосӣ, тайёрӣ, махсус) ташкил карда мешаванд; | Аз ҷониби корманди тиббии муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад |
| 7. | Тавсифи мухтасари гурӯҳҳои тарбияи ҷисмонии тиббӣ | - гурӯҳи асосиро мактаббачагоне, ки дар инкишофи ҷисмонӣ, вазъи саломатиашон қафомонӣ надоранд иборат аст;<br>- гурӯҳи дигар ин гурӯҳи тайёрӣ – хонандагоне, ки дар инкишофи ҷисмонӣ каме қафомонӣ доранд;<br>- гурӯҳи махсус-хонандагони мактабҳо, ки вазъи саломатии онҳо хусусияти доимӣ ё муваққатӣ доранд, ки ба иҷрои кори муътадили таълимӣ дар мактаб халал намерасонанд, вале барои тарбияи ҷисмонӣ монеа мебошанд;<br>Баъзеи онҳо то беҳтар шудани аҳволи саломатиашон муваққатан аз иштирок дар дарси тарбияи ҷисмонӣ озод мегарданд | Барои бемориҳои муваққатӣ баъзе хонандагон то беҳтар шудани аҳволи саломатиашон муваққатан аз иштирок дар дарси тарбияи ҷисмонӣ озод мегарданд |
| 8. | Дар давоми соли хониш имтиҳонҳои иловагӣ- пас аз беморӣ (ҷароҳат) ва пеш аз иштирок кардан дар мусобиқаҳо гузаронда мешаванд | - корманди тиб баъди муоина муаллими тарбияи ҷисмониро бо маълумоте, ки дар бораи вазъи саломатии мактаббача гирифта шудааст, шинос мекунад;<br>- вазифаи асосии корманди тиббии мактаб назорати қабул ба дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ пас аз ҷароҳатҳои шадид ва бемориҳо мебошад. | Нафарони имконияти маҳдуди ҷисмонидошта дар асоси тавсияи духтури тиббӣ амал мекунанд. |

Тарбияи ҷисмонӣ дар оила аҳаммияти калони гигиенӣ дорад. Падарону модарон бояд ба фарзандони худ одати машқҳои мунтазами ҷисмониро тарбия намуда, ба бозиҳои гуногуни берунӣ ва варзишӣ, махсусан дар ҳавои кушод тарғибу тавсия карда, онҳоро ба риояи реҷаи муқарраршудаи рӯзона, қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва сахтгирӣ пайваста ва фаъолона ташвиқ намоянд.

Саҳми К. Пиршевро дар омӯзиши масъалаҳои педагогикаи халқӣ қайд кардан лозим аст, ки асари сеҷилдаи ӯ оид ба педагогикаи этникии мардуми туркман муҳимтарин сарчашмаи омӯзиши назари мардумӣ оид ба маорифи на танҳо туркманҳо мебошад, балки дигар халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон мебошад. Муаллиф ба таври васеъ омилҳои ба ташаккули инсон таъсиркунанда, ақидаи меҳнатдӯстии халқ, тарбияи ахлоқӣ, эстетикиро ба назар гирифта, аз ҳама муҳимаш роҳҳои истифода бурдани анъанаҳои халқии тарбияро дар шароити муосир дар оила ва муассисаҳои таълимӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

К.Д. Ушинский системаҳои маорифи Олмон, Фаронса, Англия ва Америкаи Шимолиро таҳлил карда, ба чунин хулоса омада буд: барои ҳамаи халқҳо системаи таҳсилот вуҷуд дошта наметавонад, низоми маорифро аз як халқи дигар гирифтан мумкин нест, маорифи халқ дар зери таъсири кулли ҳаёти мамлакат ва афкори ҷамъиятӣ такмил меёбад. Ӯ мӯътақид буд, ки «маориф ва ҳаёти халқ чунин алоқаи серҷабҳа ва табиӣ дорад, ки шаклҳои озмудашудаи он аз як сар (калла) баромада наметавонанд…». [178, с.43].

Аммо қариб тамоми асарҳои «педагогикаи этникӣ»-и ватанӣ ва русӣ хусусияти тасвирӣ (баёнӣ) дошта, азбаски дар онҳо таҳқиқоти муқоисавӣ кам ба чашм мерасад, педагогикаи халқҳои гуногун, агар якхела набошад ҳам, хеле ба ҳам монанд менамоянд. Бисёр муаллифон, махсусан маорифпарварон ормонҳои иҷтмимоию ахлоқӣ, ақидаҳои арзишӣ-меъёрии халқ ва амалияи ҳақиқии тарбиявӣ ва натиҷаҳои онро, ки ҳаргиз ва дар ҳеҷ куҷо ба ҳам мувофиқ нестанд, ба таври кифоя фарқ намкунанд. Таҳти сотсиологии маводҳои ба даст омада на ҳамеша ба қадри зарурӣ амиқанд: ин ё он урфу одат вобаста ба мансубияти синфии оила, муҳити зист, ҷинси кӯдак, тақсимоти гендерию синнусоли меҳнат дар оила ва ҳаёти ҷамъиятӣ чӣ тавр фарқ карда мешавад ва ғайра.

Мафҳуми «педагогикаи этникӣ» аз ҷониби профессор Г.В. Волков [33, с.43] ба низоми илмҳои педагогӣ ворид карда шуда, алоқамандӣ ва

фарқияти мафҳумҳои «педагогикаи халқӣ» ва «педагогикаи этникӣ» мавриди таҳқиқ қарор буд. Агар педагогикаи халқӣ ба таҷрибаи тарбиявии халқ дар соҳаи маориф алоқаманд бошад, педагогикаи этникӣ соҳаи назариявӣ, соҳаи илмиест, ки ин таҷрибаро меомӯзад ва шарҳ медиҳад.

Таҳқиқоти эпнос ҳамчун сохтори махсус, ки моҳиятан дар забон, анъана, расму оин ва дар маҷмуъ маданият ва хусусияти худшиносӣ таҷассум ёфтааст, барои баҳодиҳии хусусияти этнос шароит фароҳам меорад ва дар ҳалли масъалаҳои этнопедагогӣ шарти зарурӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, педагогикаи этникӣ соҳаи афкори назариявӣ ва илм дар бораи таҷрибаи омма дар тарбия ва ташаккули насли наврас, илми педагогикаи рӯзгор, педагогикаи оила, авлод, қабила ва миллат мебошад. Предмети омӯзиши педагогикаи халқӣ-маҷмуи донишҳои педагогӣ ва таҷрибаи тарбиявии халқ мебошад. Дар ин маврид ба тавсифи Г.Н. Волков шарик ҳастем, ки ӯ менависад: «Педагогикаи халқӣ маҷмуи иттилооти педагогӣ ва таҷрибаи тарбиявӣ мебошад, ки дар эҷодиёти даҳонии халқ, расму оин, бозиҳо ва бозичаҳои бачагона маҳфуз мондааст». Мавқеи В.Т. Къиско дар ин масъала хеле нозук аст. Мо ба он розием, ба он ки педагогикаи этникиро, бешубҳа, ҳамчун илми махсус дар бораи педагогикаи халқӣ шарҳ дод, аз ҷиҳати назариявӣ мушаххас гаштааст, вале то ҳоло ба забони васеи илмӣ ворид нашудааст. Дар баробари ин мо ба консепсияи В.Т.Къиско, ки педагогикаи этникӣ (аз юнонӣ ethos "халқ +педагогӣ", "илми тарбияи фарзандон")-як соҳаи илми педагогика ки ба:

1) омӯзиши асолати ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои таълиму тарбия мебошанд;

2) омӯзиши муқоисавии хусусияти таълиму тарбия дар байни халқҳои гуногун;

3) таҳлили таъсири психологияи миллӣ ба таълиму тарбияи намояндагони ҷомеаҳои гуногуни этникӣ;

4) ба назар гирифтани қонунияти ин раванд дар ташкил ва ба амал баровардани таъсири педагогӣ ва тарбиявӣ.

## 2.2. Моҳияти арзишҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Фарҳанги ҷисмонӣ ва варзиш чун соҳаҳои асосии фарҳанг, унсури нисбатан мустақилона ва худкофии фарҳанги умумиинсонӣ буда, тибқи қоидаҳои умумӣ рушд ёфтаанд, рушд хоҳанд ёфт ва онҳо арзишҳоеро эҷод менамоянд, ки аз ҷониби наслҳои нав дар раванди ТҶ аз худ карда мешаванд.

Дар раванди мазкур тамоюлоти глобалии ҳамкории инсон ва табиат инъикос ёфта, таҳияи сохтори талабот ба омодасозии мутахассиси оянда дар соҳаи ТҶ бо нуқтаи ҳалкунандаи таърихи инсоният ва фарҳанги он ба миён меояд.

Таҳлили вазъият ҷустуҷӯи усулҳои нигоҳдории сиҳатмандии толибилмони ҷавонро муҳиму устувор баён менамояд. Корбандӣ намудани он бе восита ба омӯзгор ва маҳорати ӯ вобастагӣ дорад. Омӯзгор вазифаи мазкурро ҳал намуда, толибилмонро ба олами донишу фарҳанг раҳнамун сохта маънавиёташро баланд мебардорад ва организми ӯро аз ҳар ҷиҳат ҳифз менамояд.

Яке аз усулҳои имконпазири ҳалли проблемаи мазкур дар омӯзгорон ташаккул додани арзишҳои умумиинсонӣ дар маҷмуъ ва арзишҳои фарҳанги миллӣ мебошад. Омӯзгори асилу донишманд ва таҷрибанок дарк мекунад, ки одами асилро генетика муқарару муайян намекунад, балки таълиму тарбияи хубу домандор ҳар як фардро, аз ҷумла, наврасону ҷавононро ба дараҷаи одами комил мерасонад ва дар ӯ ҷисм, рӯҳ ва фарҳанг омехта тавъам мегарданд.

Ба доираи вазифаҳои таҳқиқи мо таҳлили муфассали фарҳанги умумиинсонӣ дар омодасозии ҷисмӣ ва ахлоқӣ дохил намешавад, зеро ҷанбаи мазкур, аз як ҷониб аз тарафи тадқиқотчиёни соҳаи педагогикаю психология, фалсафаву олимони риштаҳои дигари илм мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, аз ҷониби дигар, ин раванд робитаи байни наслҳо, фарҳанги миллӣ, ташаккули маънавиёти инсоният ва амасол ба инҳоро таъмину дар бар мегирад.

Ба ақидаи файласуф Э.А. Баллер [7, с.16] падидаи миллат дар фарҳанг «ин аввалан, ин хусусиятҳои шакли ҳастӣ, рушд ва ворисии рушд ва вориси интиқоли муҳтавои таърихии фаъолияти маънавии умумияти додашуда; сониян баъзе нуқтаҳои махсуси худи мазмуни фарҳанг мебошад. Ниҳоят, махсусияти миллӣ ин муайянии сифатии ҳастии дар давоми асрҳо андухташудаи ҳаёти маънавии халқҳо мебошад, ки дар анъанаҳо, арзишҳо, ниҳодҳои фарҳангии вожаи онҳо таҳким ва ифода ёфтааст.

Дар даврони муосир диққати ҷиддӣ ба паҳлуҳои миллӣ доштани ТҶ мувафақиятҳои фарҳанги ниёгон ва муосир такя намуда, марбут ба эҳё ва ҳифз намудану ташвиқу корбаст намудани расму оин, анъана ва маънавиёт фарҳанги миллӣ тавассути роҳандозӣ ва корбандӣ намудан дар тайёр кардан ва омодасозии омӯзгорони ояндаи ТҶ равона карда шудааст, ки ин барои дар оянда ба камол расонидани мутахассисони болаёқат боис мегардад.

Дар қаламрави Осиёи Миёна рӯйи кор омадани воситаҳои ТҶ чун дигар қавму миллатҳо, баромади таърихии он ба даврони ҷомеаи ибтидоӣ рафта мерасад ва дар давраҳои мухталифи таърихӣ аз имконоти қисматҳои истироҳату фароғатӣ, ҷолиб ва машғулиятӣ ҷудо шуда, хусусияти миллию фарҳангиро касб намуданд. Онҳо хислатҳо ва сифатҳои беҳтарини инсонӣ, ба мисли ҷавонмардӣ, ҷасорат, хушрафторӣ, хайрхоҳӣ, шуҷоат, фидокорӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғ. –ро ифода менамуданд.

Масоиле мавҷуд аст, ки дар назари онҳо мизи нолозиму нодаркор оддӣ менамояд ва мардум марбут ба он таваҷҷуҳе надоранд. Дар асл ин тавр нест, ҳар як бахши илм дар навбати худ ҷаззобият, муъҷиза, муассирӣ ва ҷиҳатҳои мусбии хоси худро дар бар мегирад. Чунон чи паҳлуҳои омода намудани шахсияти омӯзгорони фанни ТҶ вобаста ба машғулияти хонандагон чандон таваҷҷуҳ зоҳир накарданд. Аммо дар доираи як рисолаи илмӣ баррасӣ намудани ҳама мушкилоти соҳавӣ мушкил мебошад. Аз ин сабаб мо ба масъалаи "Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" бештар таваҷҷуҳ додаем.

Дар ибтидои ҳаёти инсонӣ, ки дар таърих бо унвони «Ҷамоаи ибтидоӣ» ёд мешавад, мардум забони гуфтугӯӣ надошт ва исму номе низ мавҷуд набуд. Баъди мураккаб гардидани ҳаёти инсонӣ мардумро зарурати ҳаёти ҷудогона, бунёди манзили зист, дарёфти қути лоямут, сохтани олоти меҳнат, шикорабзор ва амсоли инҳо барин чизҳо пеш омад, ки барои ҳамаи онҳо нерую қувват ва ТҶ зарур шуд. Бинобар ин, меҳнати ҷисмонӣ оғоз гардида, дар рушди ташаккулу таҳаввули инкишофи ҷисмонии инсон таъсири мусбат расонид.

Дар таҳқиқи масъалаи бавуҷудомада ва моҳияти мафҳуми «омодасозии шахсияти омӯзгорони ТҶ» вобаста ба самтҳои нақшаи олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, С.Н. Бобоев, Х.Б. Ҷумаев, Ш. Собиров, М. Раҳимов, Д. Каримова, С.М. Абдулатипов, И.С. Джунусов, Ф.А. Турсунов, Б.Г. Абдулханов – Славская, А.В. Виготский, А.И. Божович., И.С. Кон., Л.И. Рубинштейн ва дар масъалаи ташаккули худшиносии миллӣ дар таърихи афкори ҷамъиятӣ (П.Т. Евдакимов, Л.М. Дробижева, А.А. Иванова, Л.П. Прокошенкова ва дар мавриди бештар донишмандон: С.М. Абдулатипов, С.М. Арутюян, М.Н. Громова, А.Ф. Дашкемиров, О.В. Ладигина, И.С. Джунусов, Л.Д. Олейник, Ф.А. Турсунов саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолияти омӯзгорон дар баробари таълим додани хонандагон ба тарбияи комил фаро гирифтани онҳо низ равона карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки таълим ва тарбия бо ҳам тавъаманд, яъне як ҷузъ ва ҷудонашавандаанд. Баробар ба таълим, тарбия низ дар мадди аввал маҳсуб меёбад. Таълимро аз тарбия ҷудо намудан корест маҳз хатову аз кори таълиму тарбия дур. Ҳама фанҳои таълимӣ дар МТМУ аз ду ҷузъи бо ҳам ногусастанӣ- таълим ва тарбия иборат аст. Ин маъниро донишҷӯён дар муассисаҳои олии касбӣ омӯхтаанд ва марбут ба масъалаи мазкур дониши казоӣ низ гирифтаанд, зеро онҳо дар раванди омӯзиши фанҳои мухталиф, аллакай шиносоӣ пайдо намудаанд. Риояи ин талабот ба ҳар як омӯзгор ҳатмист. Воқеан, фанҳои ТҶ ва ОДҲ ба ТҲВ боис гардида, хонандагон тавассути омӯхтани ин фанҳо ба мушкилоти ҷисмонӣ пай мебаранд. Дар ин росто зарфияти ватандӯстии хонанда рушд меёбад ва омӯзгор барои тарбияти ҳарбӣ-ватандӯстии мактабиён минбаъд кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Машғул гардидан ба тарбияи бадан ва варзиш асосест баҳри рушди ҳамаҷонибаи шахсият, нигоҳдории саломатӣ, инчунин, ба воя расонидани ҷавонони солиму қавӣ баҳри хизмат ба Ватан ва муҳофизати музаффарияти он замина мегузорад. Гузашта аз ин ба хизмати ҳарбӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ ҷалбу омода намудани хонандагон, албатта, зина ба зина роҳандозӣ карда мешавад. Муҳассилин машқҳоро мутобиқ ба меъёрҳо ва нишондодҳои муқарраргардида ва тавассути дастуру маслиҳатҳои омӯзгори фанҳои ТҶ ва ОДҲ сомон дода, тадриҷан худро ба хизмати Артиши миллӣ (ҳарчанд дар шакли нисбатан одӣ бошад ҳам), омода намоянд. Барои аз уҳдаи иҷрои талабу меъёрҳои комплексии "Омодагии дифои ҳарбӣ" баромадан, сараввал, саломатии ба талабот ҷавобгӯ будани хонанда зарур аст, баъдан нақши омӯзгори ТҶ ва ОДҲ басо калон аст, зеро бе маслиҳату машварати онҳо, хонанда худро ба хизмати ҳарбӣ омода карда наметавонад. Барои ба мақсад ноил гардидани хонанда, сараввал, ба ӯ саломатӣ, таҳаммулпазирӣ, сабру

тоқат ва фаҳмишу дарки зарурӣ, донишу ҷаҳонбии васеъ ва ҳисси ватандӯстию худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва руҳи солим зарур аст. Бе мавҷуд набудани хислаҳои ҳамидаи фавқӣ хонанда ҳеҷ гоҳ вориси сазовори Ватан ба воя намерасад.

Ҳамчунин ҳар як омӯзгорро лозим меояд, ки машқҳоро вобаста ба қобилияти хонандагон ба роҳ монад, зеро дар вақти ба инобат нагирифтани қобилияти онҳо, бешак, ба саломатии бачаҳо зарар овардан аз имкон дур нест. Дар марҳилаи аввал ба нафароне, ки нав ба машқҳои варзишӣ шуруъ мекунанд, тавсия дода мешавад, ки дар як ҳафта се чор маротиба бо давомнокии аз 30 то 40 дақиқа ба машқ кардан машғул шаванд ва тадриҷан ин ададро ба 1,5 соат расонидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар зер намудҳои варзишро оварда, мақсаду вазифаҳои онҳоро мухтасар шарҳ медиҳем [66, с. 272]:

1. Варзиши сабук: роҳгардӣ, роҳгардии варзишӣ бо суръати мухталиф, оҳиста ва тез давидан. Бо суръат давидан ба масофаҳои 100, 200 ва 400 метр яке аз намудҳои машқҳои ҷисмонӣ маҳсуб меёбад. Тайёрӣ ба пойга. Сараввал давиданро аз масофаҳои 100-150 м оғоз намуда, баъдан то масофаи 400-500 метр ва тадриҷан то 1000 метр давидан маслиҳат дода мешавад. Дар вақти давидан ба тарзи дуруст нафас кашиданро ҳатман риоя кардан зарур аст ва ҳангоми давидан дар масофаҳои болозикр суръатнокиро иваз намудан лозим аст. Дар вақти давидан ба масофаҳои кӯтоҳ (100, 200, 400 метр) суръати баланд лозим, яъне бо тамоми қуввату маҳорати варзишӣ. Ҳангоми давидан ба масофаҳои 1500, 2000 ва 3000 метр бе назардошти вақт, зарби набз на бояд аз 160 маротиба дар як дақиқа зиёд гардад;

2. Машқҳои бозии варзишӣ: барои ёри расонидан ба такмил додани сифатҳои психофизиологӣ, кори хотира, қобилияти амал намудан, дар лаҳзаи кӯтоҳ, ташаккули диққат ва тағйир додани сохти

ҳаракати кор дар гурӯҳ бозиҳои волебол, баскетбол, чандбол ва амсол ба инҳо бисёр қулай ва мусоидаткунанда аст.

**2.1.** Баскетбол: бо дасти чапу рост тӯбро бо навбат ба замин зада ба пеш ҳаракат кардан; бо ду даст ду тӯбро баробар ба замин зада ба пеш ҳаракат кардан ва баробар ба ин бо 360 дараҷа давр задан; ҳангоми аз ҷои ист партофтани тӯбро ба нишон ва ҳамзамон, ба 360 дараҷа давр задан; тӯби аз девор ҷастаро дошта гирифтан; тӯбро аз масофаҳои гуногун ба ҳалқа ҳаво додан;

**2.2.** Волейбол: тӯбро то ду метр ба баландӣ ҳаво дода, худ ба худ дар болои сар бозӣ кардан ва аз давраи диаметраш 2 метр берун нашудан;

**2.3.** Футбол: бо тӯб бо суръати миёна аз монеаҳо гузаштан (ду-се маротиба), бо тӯб бо суръати баланд давида, аз хатти ҷаримавӣ берун ва аз масофаи 20-25 метр онро ба дарвоза равона кардан (4-5 маротиба), ба дарвоза задани тӯб аз масофаи 11 метр (3-4 маротиба);

**2.4.** Девори гимнастикӣ: бардоштани пой ба боло то расидан ба чӯби боло (5-6 маротиба мувофиқи қад); ба чапу рост хам шудан (3-4 маротиба) тавассути пойро боло кардан хаму рост шудан (12-15 марортиба); тӯби вазнин ба даст гирифта, хаму рост шудан (6-8 маротиба);

Шиноварӣ: шиноварӣ ҳам машқ ҳасту ҳам санъат. Ҳар як фард бояд аз уҳдаи шиноварӣ баромада тавонад. Шиноварӣ барои ҳамагон манфиат дорад, хосатан ба хонандагони заифу камқувват. Шиноварӣ ба кас руҳу илҳом мебахшад, ба беҳдошти саломатӣ боис мегардад. Ҳамчунин, шино карда тавонистан дар бисёр ҳолатҳо, махсусан дар хизмати ҳарбӣ (албатта вобаста ба минтақа ва ҷои хизмат) ниҳоят зарур аст. Омӯхтани шиноварӣ бояд зери назорати мураббиён, роҳбарони филиалҳои шиноварӣ ва дастуру маслиҳати омӯзгорони ТҶ ва ОДҲ роҳандозӣ мегардад. Омӯхтани шиноварӣ аз ҷониби хонандагон ба таври мухталиф ба роҳ монда мешавад. Масалан, дар ҳавзҳои шиноварии

муассисаҳои таълимӣ (дар МТМУ, ки ҳавзи шиноварӣ доранд), лагерҳои варзишию солимгардонӣ ва амсоли инҳо. Гузашта аз ин бояд, ҳар як хонандаи синфҳои болоӣ оббозиро хуб донад ва дар лаҳзаҳои зарурӣ шахси ғарқшударо наҷот дода тавонад.

Дар «Энсиклопедияи фалсафӣ», мафҳуми «фарҳанг» маҷмуи дастовардҳои ҷомеа дар рушди моддӣ ва маънавӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ, ки ба пешрафти минбаъдаи башариат хизмат мекунанд, муайян шудааст [87, с. 112].

Дар луғати нави фалсафӣ гуфта мешавад: "Ягон дигаргунии куллии иҷтимоӣ бе дигаргуниҳои фарҳангӣ имконнопазир аст" [21, с.47].

Инсон як фарди иҷтимоӣ офаридаи фарҳанг аст. Вай бо туфайли азхуд кардани таҷрибаи зиндагие, ки интиқоли фарҳанг гардидааст, ҳамчун шахсият ташаккул меёбад раванди чунин азхудкунӣ тавассути иҷтимоишавӣ, таълим ва тарбия амалӣ мегардад [19, с.76].

Тибқи таърифи В.В. Кочетков, як тарзи симои хоси андешаҳо ва амалҳо, тарзи  аз ҷиҳати маънавӣ азхуд кардани воқеият дар асоси муайян кардани арзишҳое, ки намунаҳои фаъолият таҷассум ёфтанду дар ҷараёни иҷтимоишавиаш аз як насл ба насли дигар интиқол меёбанд (90,-246), маънидод шудааст.

Педагогони рус В.С. Кукушкин ва Д.Л. Столяренко фарҳангро чунин шарҳ додаанд: "Фарҳанг- ин системаи арзишҳо, тасаввуроти ҳаётӣ, намунаҳо, рафтор, меъёрҳо, маҷмуи роҳҳо ва воситаҳои фаъолияти инсон, ки аз насл ба насл дода мешаванд, мебошад" [80, с.97].

Дар зери фарҳангии этникии инсон, Р.Х. Шоймардонов, донистани забони модарӣ, таърихи пайдоиш ва инкишофи миллати худ, урфу одат, расму оин, анъанаҳо, ҷашнҳои фарҳангӣ, робита бо халқҳои бо ҳам наздик ва ғайраро оварда зикр менамояд, аз ҳама зиёновар он аст, ки қисме аз мардум ба омӯзиши забони модарӣ, ки ҳеҷ кас бе он дар зиндагӣ муваффақ шуда наметавонад, аҳаммият намедиҳанд. Ин, пеш аз ҳама, эҳтироми амиқ ва ифтихор ба кори бобою падарон аст. Танҳо аз

чунин муносибат, ки манфиатҳои этнос бар меояд, ба раванди таълиму тарбия мазмуни ҳақиқатан халқӣ бахшида, низоми тарбияи халқии насли наврасро муҳофизат мекунад. Охир, чандин аср то «муттаҳидии бузурги халқҳо» ҳамин тавр буд [116, с. 87].

Маданияти педагогӣ дар асари Г.Н. Волков «Педагогикаи халқии чуваш» чунин маънидод ёфтааст: «Маданияти педагогӣ ин муҳити маданияти моддию маънавии халқи одие мебошад, ки бевосита ба тарбияи фарзандон алоқаманд аст» [154,с.43].

Е.В. Бондаревский фарҳанги педагогиро як ҷузъи фарҳанги умумибашарӣ шарҳ додааст, ки дар он арзишҳои моддӣ ва маънавии таълиму тарбия хеле возеҳ ифода ёфтаанд.

Дар зери мафуми фарҳанги этникӣ мо маҷмуи унсурҳои фарҳангии дорои буда, дорои хусусияти хос ва иҷрокунандаи вазифаи фарққунандаи этникиро, мефаҳмем. Сохтори фарҳанги этникӣ дар нақшаи 2 пешниҳод шудааст.

Ҳаммонандсозии этникӣ интентификатсия ин ҳамбастагии худ ба ягон гурӯҳи одамони миллати муайян (ботинӣ) мебошад, дар пайравӣ ба урфу одатҳои этникӣ (берунӣ) ҳамчун ҷузъҳои таркибҳои равонии гурӯҳҳои этникӣ зуҳур намуда, таассуроти субъективии одамонро дар бораи қаидаҳои рафтор, ки аз насл ба насл мегузаранд, объективӣ мегардонад. Мутобиқшавии комили этникӣ бо муносибати эмотсионалии одамон ба ҷомеаи этникии худ ва манфиатҳои он (инчунин ба дигар гурӯҳҳои этникӣ ва манфиатҳои онҳо) тақвият меёбад.

Таҳқиқот ва омӯзиши масъалаҳои мазкур аз ҷониби мо собит намуд, ки дар МТМУ таълими фанҳои ТҶ ва ОДҲ ба талабот чандон ҷавобгу нест. Аз диди мо, таъмини фанҳои ТҶ ва ОДҲ беҳбудӣ ва масъулиятӣ ҷиддиро нигаронӣ дорад ва ин албатта, тавассути ҷидду ҷаҳди омӯзгорон беҳтар мегардад [66, с. 272].

Бо таваҷҷуҳ ба ин таҳқиқоти анҷомёфта мо кӯшиш намудаем, ки дар шароити Тоҷикистон ин масъаларо мавриди пажуҳиш қарор дода,

самтҳои гуногуни ташкили дарсҳоро аз ҷониби муаллимони ТҶ ва омодагии дифои ҳарбӣ барои ТҲВ–и хонандагон баррасӣ намоем.

Барои анҷоми ин таҳқиқ мо кӯшиш намудем, ки на танҳо ба масоили назариявии ин масъала таваҷҷуҳ намоем, балки озмоиши педагогиро анҷом диҳем ва мазмуну муҳтавои фаъолияти муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро низ баррасӣ намоем.

Таҳқиқу пажуҳишҳои педагогии мавҷуда, омӯзиш, таҳлил ва аз баррасии мо маълум гардид, ки барои болобарии арзишҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз муаллими ТҶ ва ОДҲ доштани маҳорату малакаҳои зерин талаб карда мешавад:

1. Вазифаи омӯзишию тарбиявӣ. Сомон додани иҷрои рафтор ва ба фаъолияти омӯхтану азхудкунии хонандагон таъсири мақсаднок расонад. Тавассути таъсири педагогии муаллим иқтидори хусусии хонандагон боло гирифта ба объекти фаъол табдил меёбанд. Омӯзиши мақсадноки хонанда, донишҷӯ маҳз ба фаъолияти дуруст ба роҳ мондани омӯзгорони ТҶ ва ОДҲ вобастагии калон дорад.

2. Вазифаи ташхисӣ. Ин намуди вазифа дар даврони муосир ва пешрафти илму техникаи кунунӣ ва рӯйи кор омадани навгониҳо дар соҳаи мухталиф ва дигаргуншавии босуръат ҳамбастагӣ касб намудааст. Барои расидан ба мақсад ба омӯзгорони ТҶ зарурат пеш меояд, ки аз ҳолати зисту зиндагонӣ, муҳит ва аҳволу шароити оилавии онҳо бохабар гардад ва дар лаҳзаҳои даркорӣ муносибати педагогию психологиро роҳандозӣ карда тавонад.

3. Вазифаи коркарди созмондиҳӣ. Вазифаи омӯзгор (ҳадафи мо ТҶ аст), аз он иборат аст, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ диққат дода, дар навбати аввал ба корбарии омӯзгор дар алоқамандӣ бо роҳбарони синфҳо, созмонҳои талабагӣ ва амсоли инҳо марбут ба кумакҳои ҷисмонӣ, тарбияи ватандӯстию худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ,

ҳамчунин машварат кардану расонидани ёрӣ ба падарону модарон мебошад.

4. Вазифаи дурнамо ва ташхисӣ. Вазифаи ин қисмат аз вазъ ва ҳолати накшаҳои рушди ТҶ дар МТМУ иборат мебошад. Муҳтавои асосии он ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ будани мазмун ва мундариҷаи дурнамо маҳсуб меёбад.

5. Вазифаи созмондиҳӣ ва иртиботии омӯзгор. Вазифаи мазкур аз он иборат аст, ки муаллими ТҶ-ро муваззаф менамояд, ки аз ҳисоби хонандагони фаъолу қобилиятнок, падару модарон, мутахассисони касбӣ ва муассисаҳои ҳуқуқӣ ёрдамчиёни худро ҷалб намояд. Сарҷамъии ин қувваҳо имконият фароҳам меорад, ки марбут ба масъалаи болозикр иттилооти нав ба нав дастрас гардад ва ба кору фаъолияти омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ дар ин ҷода то дараҷае кумак расонида шавад.

6. Вазифаи ҳифз ва амният. Ба амал баровардани вазифаи зикргардида, ба омӯзгорони ТҶ ва ОДҲ ва сарварони МТМУ бо ҳимоя ва дастгирӣ намудани ҳуқуқҳои хонандагон вобастагӣ дорад. Хонандагони МТМУ низ чун дигар шахсон ҳуқуқи ҳифзу ҳимояро доранд ва амнияти онҳо ҳамеша зери назорати МТМУ мебошад.

7. Вазифаи иҷтимоӣ-ҷубронӣ. Вазифаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, монеасозии таҳқири хонандагон, ба эътибор нагирифтани ҳуқуқи онҳо, пешгирӣ кардани вазъияти ногувори маишию муҳити носолимии ҷомеаро, ки бо вазъи иҷтимоӣ халал ворид мекунад, фарогир аст.

8. Вазифаи робита барои омӯзгорони ТҶ ва ОДҲ. Вазифаи робита барои омӯзгорони МТМУ марбут ба ТҶ ва ОДҲ имконият фароҳам овард, ки алоқаи байни оила, муассисаҳои мухталифи ҷомеа, алалхусус, фарҳангию варзишӣ ва дигар ниҳодҳои марбутаи иҷтимоии ҷомеа ва омӯзгорони ТҶ ва ОДҲ-ро роҳандозӣ ва корбандӣ менамояд.

Таҷриба худ собит менамояд, ки марбут ба рушду такмил ёфтани ТҶ ва ОДҲ, нақши курсҳои баландбардории дараҷаи тахассус нақши

калон дорад. Ба ақидаи мо, дар ин ҷода методи интерактивӣ ва истифодаи он зимни дарсу машғулиятҳои амалӣ бештар манфиатбахш аст. Дар раванди дарсҳо ба роҳ мондани методи интерактивӣ, ба фаъол гардидани донишомӯз боис мегардад.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии хонандагон дар баробари фанҳои “Тарбияи ҷисмонӣ ” ва “Омодагии дифои ҳарбӣ” дигар фанҳои таълимӣ, аз қабили таърихи халқи тоҷик, адабиёти тоҷик ва монанд ба инҳо нақши муҳим доранд.

Таҳқиқ ва назарсанҷии мо дар МТМУ-и ноҳияҳои Восеъ, Муъминобод ва шаҳри Кӯлоб ошкор намуд, ки ҳоло ҳам хонандагон ба ин масъала чандон диққати ҷиддӣ намедиҳанд ва ҳатто дар руҳияи ҳарбӣ- ватандӯстӣ ба воя расиданро бисёре аз хонандагон дуруст дарк накардаанд (Ҷадвали 5. ва диаграммаи 2 ).

Натиҷаи диаграммаи фавқ шаҳодати он аст, ки ТҲВ дар баробари дигар фанҳои таълимӣ бештар ба фанҳои ТҶ ва ОДҲ марбут аст, ки нишондоди фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” (49,0%), “Тарбияи ҷисмонӣ” (29,0%) ва “Таърихи халқи тоҷик” 22%-ро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 5.**

**Натиҷаҳои ҷавобҳо ба саволи «Бигӯед, ки кадоме аз фанҳои таълимӣ барои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ муҳимтар аст?»**

| *Таърихи халқи тоҷик* | *Омодагии дифои ҳарбӣ* | *ТҶ* |
|---|---|---|
| 22% | 49% | 29% |

**Диаграммаи 2.**

**Натиҷаҳои ҷавобҳо ба саволи «Бигӯед, ки кадоме аз фанҳои таълимӣ барои ТҲВ муҳимтар аст?» бо фоиз дар шакли диаграмма**




Таълими фанҳои мазкур дар ТҲВ-и хонандагон бештар дониши мушаххас дода, онҳоро дар руҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ахлоқи ҳамида доштан тарбия менамояд. Омӯзгорони фанҳои болозикр роҳу воситаҳои омӯзиши тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро зимни машғулиятҳои назарию амалӣ ба хонандагон меомӯзонанд ва барои такмилу мустаҳкамгардонии он роҳандозию корбандӣ менамоянд.

Воқеан, муассисаи таълимӣ барои омӯзиш ва дар амал татбиқ намудани донишҳои назарию амалии хонандагон нақши муҳим мебозад. Маҳз муассисаи таълимӣ ҳаст, ки дар замири хонандагон меҳру муҳаббат доштан ба Ватан ва миллати хешу халқиятҳои дигари сокини кишварамонро тарҳрезӣ менамояд ва дар оянда ҷавонони ватандӯсту ватанпарварро ба воя расонида, ба хизмати Модар-Ватан раҳнамун месозад.

Он мақсаду мароме, ки марбут ба таълиму тарбияи наслӣ наврасу ҷавони мавриди таваҷҷуҳ аст, дар мавриди дигар, яъне фориғ аз таҳсил ба назар намерасад. Зарур аст, ки зимни амали намудани ҳадафҳо (ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ муҳаббат доштан ба ватану халқи хеш ва амсоли инҳо) таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, баҳри ташаккул ва равнақ бахшидани истеъдоди ҳар як муҳассилин донишу маҳорат ба харҷ бояд дод, то ворисони ватандӯстро ба воя расонид. Ташаккули шахс, эҳтироми арзишҳои миллӣ ҳамдигарфаҳмию ҳаммаслакӣ, расидан ба неъмати бебаҳо - Истиқлолият, эҷодкорию навовариест ҳамқадами илму навгониҳои давр будан дар меҳвари таълиму тарбия, ки вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгор маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, ба ғанигардонии донишу васеъ намудани ҷаҳонбинии шогирдон, бояд ҷиддӣ рафтор намуд. Барои ба ҳадаф расидан, бояд усулҳои сармоягузории ғанисозии фарҳангии омӯзишу тарбия самаранок ба роҳ монда шавад.

Он чи дар ҳадафҳои омӯзишу парвариш мавриди таваҷҷуҳ монанди барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, равандҳои таълиму тарбия, нақшаҳои таълимӣ ҳадафҳои низоми таълиму тарбия, аз роҳу усулҳои таълиму тарбия ва амсоли инҳо сарчашма мегирад. Дар маҷмуъ ин амалҳо ва воҳидҳои таъсиррасонро фарҳанги омӯзишӣ номем, ба мақсад мувофиқ аст.

Омӯзгоре, ки ба донишу маҳорат ва қобилияту истеъдоди худ боварӣ дорад ва ҳар як рукни дарсро хуб мефаҳмад, ҳар як дарсу машғулиятро самаранок ба роҳ монда, дар баробари таълим ба ҷиҳати тарбиявии он диққати ҷиддӣ равона мекунад, шавқу завқи муҳассилинро ба дарс, ба омӯхтани мавзуъ бедор карда метавонад. Ҳамчунин, дар замири онҳо меҳру муҳаббат ва майлу хоҳишро дар оянда барои омода гардидан онҳоро дар интихоби касби омӯзгори ТҶ ва ОДҲ бедор месозад.

Аслан, омӯзгорон аз шогирдони хеш дониши васеи ҳаматарафа рушдёфта, ба илму дониш муносибати эҷодкорона доштан ва бошуурона аз худ намудану ба пуррагӣ дар хотир нигоҳ дошта тавонистанро интизор буда, ин масъаларо мунтазам мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд.

Маҷмуи фаъолияти таълимию тарбиявии хонандагон барнома ва китобҳои дарсӣ маҳсуб меёбад ва нақши муаллиму хонандагонро дар ҷараёни ёддиҳӣ–ёдгирӣ муайян мекунад. Дарвоқеъ, барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ фаъолият, амалу муносибати омӯзгорро бо донишомӯзон ва муомилаи байнииякдигарии донишомӯзонро қавӣ ва мустаҳкаму сермаҳсул мегардонад.

Гузашта аз ин, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ маводҳое мебошанд, ки асоси аз бар гардидани дониш, одобу ахлоқ ва рафтори ҳамидаи ҳар як муҳассилин маҳсуб ёфта, дар ин раванд фанҳои «Омодагии дифои ҳарбӣ» ва «Тарбияи ҷисмонӣ» донишомӯзонро ба ҷустуҷӯву навоварӣ ва эҷодкорӣ раҳнамун намуда, дар кушодани ҷаҳони нави илму дониш замина гузошта, ба эҷоди роҳу усулҳои ҷадид омода месозад.

Меъёри рушди ҷузъи ангезавӣ қувваи нисбии сабабҳои марбут ба ниёзҳо мебошад, ки барои машғулиятҳо бо фарҳанги ҷисмонӣ шахсро водор месозад. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди элементҳои ангезавӣ ҷудо мешаванд:

1) вазъиятӣ – тасаллути сабабҳои берунаи воҷибӣ ба фарҳанги ҷисмонӣ. Қонеъ гардонидани вазъияти ниёзҳо дар фаъолнокии ҳаракатӣ ва равонӣ дар муоширát;

2) эҳсосотӣ – тасаллути сабабҳои дохилии раванди марбут бо қонеъ гардонидани ниёзҳо дар фаъолнокии ҳаракатӣ ва равонӣ, дар муошират аз тариқи машғулият бо тамринҳои ҷисмонии ҷолиб;

3) оқилона - тасаллути сабабҳои дохилии натиҷадори марбут бо қонеъ гардонидани ниёзҳо дар худтасдиқкунии беруна, саломатӣ, дастёбӣ ба муваффақият, худрушддиҳӣ ва худтарбиякунии шахсиятӣ;

4) шахсиятӣ–вобастагии зуҳур ёфтани фаъолияти идрокӣ ва ҷисмонӣ.

Ҷанбаҳои эҷодии ба роҳ мондани ТҶ бо мақсади амалӣ сохтани тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии хонандагон бе чунучаро ҳукми қонунияти ҳаёти ҳозираю ояндаи миллатро дорад, зеро ноил гардидан ба пуррагию устувории соҳибистиқлолии давлатӣ, ташаккули инкишофи миллӣ, бедории шуур, донистани таърихи давлатдории миллати худ, муборизаи ватандӯстона алайҳи бадхоҳону нотавонбинони хориҷию дохилӣ дар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ҷаҳду талоши шаҳрвандони баору номуси Тоҷикистон дар барпо кардани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва Истиқлолияти давлатӣ: шароитҳои таърихии барпо гардидани соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва заҳмати миллати тоҷик дар рушду нумуи давлати навин; инкишофи илму адаб, санъат ва истеҳсолот дар даврони соҳибистиқлолӣ; донистану дӯст доштани забони модарӣ, одат, анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ, ки ба мушкилиҳои зиёди душвори таърихӣ нигоҳ накарда, хусусиятҳои миллиро гум накардаанд; донистани моҳияти Ваҳдати миллӣ ва рамзҳои давлатии замони соҳибистиқлолӣ.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин, ки шахс агар ба ТҶ машғул гардад, натанҳо барои солимии худ, балки барои миллату давлати худ саҳмгузор мегардад. Ин амалҳоро ба анҷом расонида, одам на танҳо аз ҷиҳати худшиносии миллӣ, балки ба пуррагӣ ташаккул меёбад.

Компоненти рафтори татбиқи амалии фаъолнокиро дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои шахсият муҳим арзёбӣ менамоянд. Меъёри рушди он доштани тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ, ташкили фаъолнокии ҷисмонии махсуси сатҳи қобилияти ҳаракатӣ мебошад.

Аз таҳлили адабиёт ва омӯзиши соҳа маълум гардид, ки солҳои охир аз набудани механизми ягонаи ташаккул ва назорати тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ақидаҳо гуногун буданд.

Раванди ташаккули фарҳанги педагогии этникӣ бояд дар робита бо рушди худшиносии этникӣ дида баромада шавад. Зеро, то имрӯз дар факултетҳои забонҳои хориҷӣ дар рафти таълими забони тоҷикӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ташаккули худшиносии этникӣ диққати зарурӣ дода намешавад, таъсири педагогикаи этникӣ аз мадди назари онҳо дар канор қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, мо мақсад гузошта дар марҳилаи аввали таҳқиқот сатҳу дараҷаи худшиносии этникии донишҷӯёни курсҳои якумро муайян намудем. Чунки худшиносии этникӣ, арзёбӣ кардани ҷаҳонбинии худ мақсади манфиатҳо ва сабабу ангезаҳо, рафтор, баҳои пурра ва комил нисбат ба худ, нуқтаҳои асосӣ ва нахустин, муносибати одам нисбат ба худ дар зимни дарку фаҳми мансубияти хеш ба ин ё он миллат ва расму оин, анъанаҳо, таърих, маданият ва ҷаҳонбинии ҳалқи мазкур ифода гардида аст, фаҳмида мешавад.

Сарчашма асоси ташаккули худшиносии миллии фарҳанг бо тамоми боигарии маънавии худ дар умум ба ҳисоб меравад.

Фарҳанги этникии педагогии мардуми тоҷик арзишҳои маънавӣ ва моддӣ, таълиму омӯзиш ва тарбияро таҷассум менамояд. Роҳҳои фаъолияти эҷодии педагогӣ, ҷараёни таърихан аз насл ба насл гузаштанро, ки асоси онро педагогикаи халқи тоҷик, маҷмуи ғояҳои аз ҷониби халқ эҳё шуда ташкил медиҳад, дар ташаккули насли наврасу ҷавон нақши муҳим мебозад.

Асоси ташаккули фарҳанги этникӣ, педагогии мардумиро принсипҳои халқият дар тарбия пайдарпай идоманоки системавӣ минтақавӣ, фарҳангшиносӣ ва худи педагогикаи ин ё он халқ ташкил медиҳад.

Фарҳанги педагогии энтиникӣ умуман ба фарҳанги мардум, ба меҳнат, тарзи зиндагии он дар алоқаи ногусастанӣ қарор дорад. Мазмуни фарҳанги педагогии этникии халқро ғояҳо, дониш, ақидаҳо, дастуру нишондодҳои халқ дар бораи тарбия, таълим ва маҳорат ҳамчун

олоти татбиқи донишҳои мазкур, воситаи таълиму тарбия, роҳҳо, тарзу қоидаҳои муошират бо кӯдакон ҷавонон, сатҳи саводнокӣ ва ғайра ташкил медиҳад [1, с. 263].

Принсипҳои таълим ва интихоби меъёрҳои мазмуни таълим ва тарбия дар макотиби олӣ бояд ба ҳадафҳои асосӣ, ташаккули фарҳанги этникии педагогии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷии мактабҳои таҳсилоти миёнаи ҶТ ҷавобгӯ бошад.

Самаранокии раванди ташаккули фарҳанги этникии педагогии омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ ба андешаи мо ба меъёрҳои зерин муайян мегардад :

Зарурати васеъ намудани ҳаҷми донишҳо оид ба забони модарӣ ва адабиёт ва забонҳои хориҷӣ;

- Донистани таърихи халқи худ расму русум ва анъанаҳову фарҳанг;

- Донишҳои асосҳои педагогикаи мардуми тоҷик алоқамандӣ ва ба ҳам таъсиррасонии фарҳанги халқи худ бо халқҳои ба ҳам наздик ва дур.

Донистани асосҳои педагогика, психология, методикаи таълим ва ба натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот такя намуда, мо кӯшиш намудем, ки ба ҳадафи тарҳрезии барнома ноил шавем ва дар асоси педагогикаи мардуми тоҷик фарҳанги этнопедагогии омӯзгорониояндаро дар шароити вилояти Хатлон ташаккул диҳем.

- Шиносоӣ бо корҳои таълимӣ ва тарбиявии факултети забонҳои хориҷӣ самтгирӣ ҷиҳати давраҳои густариш додани хусусиятҳои маишӣ-миллии донишҷӯён;

- Тамоюлнокии психологӣ-педагогии метод ва дигар фанҳои таълимӣ ба рушди шавқмандӣ доир ба педагогикаи халқӣ;

- Дар факултет барпо намудани ҳолатҳои рӯоварӣ ба амалисозии ғояҳоӣ миллӣ ;

- Коркарди курсҳои назариявӣ- таълимӣ, ки дар рафти омӯзиши онҳо унсурҳои фарҳанги этникӣ педагогӣ, (ҳадафҳо, мазмун, шаклҳо, методҳо, воситаҳо) амалӣ мегарданд;

- Шаклҳо, методҳо, тарзҳо, воситаҳои корҳои таълимӣ ва тарбиявие, ки ба ташаккули яклухту пурраи низоми фарҳанги этнопедагогии омӯзгорони оянда мадад мерасонанд;

- Рӯоварии бонизом барои амиқ намудани донишҳо дар рафти омӯзиши курсҳои махсус, ташкили корҳои илмӣ - таҳқиқотии донишҷӯён доир ба проблемаҳо;

- Роҳбарии мақсаднок доир ба татбиқи амалии назарияи этнопедагогӣ дар рафти корҳои семинари махсус, таҷрибаи педагогӣ, фаъолияти беруназсинфии омӯзгорони оянда.

Омӯзиши қаблии донишҳои донишҷӯён доир ба таърихи халқи тоҷик, педагогикаи мардумӣ тавассути суҳбатҳо, саволномаҳо ва таҳлили маҳсули фаъолияти онҳо нишон дод, ки донишҷӯёни соли аввал дар бораи таърихи халқи худ ва педагогикаи мардумӣ донишҳо ва тасаввуроти нокифоя ва сатҳӣ доранд. Инчунин, муқаррар кардем, ки доир ба арзишҳои педагогикаи халқӣ низ иттилооти маҳдуду нокифоя доранд. Андешаҳои дар болозикршуда ва натиҷаҳои ба таври таҷрибавии ба дастомадаро ба назар гирифта, давраҳои зерини ташаккулёбии фарҳанги этникии омӯзгорони ояндаро таҳқиқ ва ошкор намудем:

- Шиносоӣ бо ҳаёт, рӯзгор анъанаҳои халқи тоҷик (вилояти Хатлон) сифатҳои психологияи миллии рушди хусусиятҳои хубу миллӣ;

- Густариши майлу рағбат ба педагогикаи халқӣ, ташаккули боварӣ ба муҳиммияти онҳо, муносибати мусбӣ ба истифодаи онҳо дар амалияи омӯзгорӣ;

- Ҳавасмандгардонии амалии донишҳои этнопедагогӣ тавассути методҳо ва сарчашмаи тарбия;

- Рушди шуур ва тафаккур бо мақсади дарку фаҳми этнопедагогии ҷараёни таълимӣю тарбиявӣ;

- Тарбияи омодагӣ ба муҳимгардонии донишҳои этнопедагогӣ ва истифодаи эҷодии онҳо дар шароитҳои мушаххаси таълиму тарбиявӣ.

Самаранокии ташаккули фарҳанги этникии педагогӣ аз мутобиқшавии табиии вай ба шароитҳои таълими мактаби олӣ вобастагӣ дорад.

Ин мушаххас гардонидани марҳилаҳои ташаккули фарҳанги этнопедагогӣ бар намуди ташкили махсуси корҳои таълимӣ ва тарбиявии макотиби олиро пешбинӣ мекунад [16, с. 343]

Озмоиши педагогӣ дар соҳаи гузаронидашуда, омӯзиш ва таълимӣ назариявии адабиёти фалсафӣ- таърихӣ этнографӣ, психологӣ ва педагогиро доир ба масъалаи таҳқиқот, арзёбии мутахассисони босалоҳият, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва ҳайати татбиққунандагонро дар марҳилаҳои муайянкунӣ (ташхиси) ташаккулдиҳӣ ва назоратиро дар пойгоҳи факултетҳои забонҳои хориҷӣ ва тоҷикии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро дар бар мегирифт. Дар таҳияи як қатор барномаҳо ба ғанӣ гардонидани мазмуни минтақавӣ миллии онҳо ба мақсади дар донишҷӯён инкишоф додани фарҳанги этникӣ диққати ҷиддӣ дода шуд.

Ҳамзамон, дар ин марҳила ба таҳияи барномаи таҳқиқи озмоиши ва дар солҳои баъдина ба ташкилу гузаронидани озмоиши ташаккулдиҳанда (созанда) дар гурӯҳҳои тоҷик-хориҷии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва коркард ва методикаи татбиқи он шуруъ намудем.

Нуктаҳои ибтидоии сохтани барномаи мазкур, шаклҳо ва методҳои амалисозии он дар зербобҳои қаблӣ шарҳу эзоҳ ёфта буд. Коркарди барномаи таълимӣ-тарбиявӣ дар шакли яклухти худ дар пойгоҳи донишгоҳи мазкур ба донишҷӯёни факултети забонҳои хориҷӣ (курсҳои яку чор) гузаронида ва амалисозӣ гардид.

Хусусияти махсуси босуръати шаклҳои ҳамкории эҷодӣ дар рафти татбиқи муносибати диалогӣ он аст, ки вай аз муқаррару барқарор намудани маълумоти ҷадиди шахсият дараҷаи рефлексивӣ ба ҳисоб меравад ва маҳз диалог (муоширaт) ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки ташаккули шахсият, мумкин аст, асоси ташкили ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ дар ҷараёни таҳсилоти мактабҳои олӣ гардад [20, с. 23].

Ҳар як ҳолати муоширати мавҷудбуда, ҳамчун воҳиди технологии ҳамкорӣ бевосита таваҷҷуҳи моро ба методҳои таълимӣ-проблемавӣ, ки ба фаъол гаштани тарафҳои эмотсионалии донишҷӯен, мубталошавии мунтазами онҳо ба системаи лаҳзаҳои проблемавӣ нигаронида шудааст, ба худ кашидааст. Таълимӣ проблемавӣ, аслан барои фаъолгардонии механизмҳои психикӣ, ҷалбшавӣ ба корҳои мустақилонаи мусбӣ ва муфид ба рушди ҳадафҳои маърифатӣ, ки ба манфиати дарк ва идора кардани амалҳои хеш ба ташаккули талаботи ботинии бартараф кардани душвориҳои маърифатӣ, рушди худбаҳодиҳӣ ташаккули муносибатҳои мусбӣ оид ба ҷараёни маърифат хизмат мекунад.

Ин намуд, ҳамчун инкишофдиҳандаи таълим аз вазифаи инкишофдиҳандагӣ, пешбинии ташкили роҳҳои фаъоли азхуднамоии маводҳои таълимӣ пайдо кардани маҳоратҳои таҳқиқотӣ иборат мебошад. Барои ташкил кардани чунин раванди таълимӣ зарурият пеш омад, ки ба сатҳи махсуси лексияҳо ҳамчун шакли ташкили таълим амсиладарории сухбатҳои эвристикӣ, ба рафти таълим ворид намудани масъалаҳои проблемавӣ, ташкил кардани мубоҳисаҳо, гузаронидани бозиҳои таълимӣ ва корбаст кардани роҳҳои фаъоли ҷалб намудани муҳассилинро дар рафти таълимӣ талаб мекунад.

Истифодаи таълими проблемавӣ дар доираи таҳқиқоти мазкур боз аз он хотир аст, ки маҳз ин намуди таълим ба рушди фаъолияти ангезаҳои маърифатӣ - кунанда кумак расонда, бо ин васила барои ташаккули сатҳи фарҳанги этопедагогии омӯзгори оянда муҳим аст.

Дар ҷараёни кор бо донишҷӯён дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда, типҳои зерини лаҳзаҳои проблемавӣ мавриди истифода қарор гирифтанд:

Типи 1- умумимаъмулӣ: лаҳзаҳои таълимӣ дар ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки агар хонандагон роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо намедонанд, ба саволҳои проблемавӣ ҷавоб дода наметавонанд, ба ҳодисаҳо ва воқеиятҳои таълимӣ ё лаҳзаҳову ҳолатҳои зиндагӣ сарфаҳм намераванд. Яъне фаҳми донишҳои қаблии хонандагон басанда нест, ки ҳодисаҳои навро шарҳу эзоҳ диҳанд.

Барномаи рушди фарҳанги этнопедагогии донишҷӯёни факултети мазкур муайян кардани мазмуни ин раванд, ки аз ҳамкорию ҳамтасиррасонии тарбиявии мушаххаси ҳамаи иштироккунандагони ин ҷараён омӯзгорони фаннӣ, кураторони гурӯҳҳо, волидайн, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра комил буданд [40, с. 73].

Бо мақсади ҳалли мушкилоти зикргардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 24 декабри соли 2022, №1920 ба имзо расид. Қонуни мазкур дорои 5 боб ва 21 модда буда, ҳадафи асосии он тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мансуб меёбад. Дар Қонуни мазкур дар қатори дигар мафҳумҳои истифодашаванда (ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва монанд ба инҳо) мафҳумҳои тарбия, тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва ТҲВ васеъ шарҳ дода шудаанд:

- “тарбия - падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ, ки ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона гашта, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд;

- тарбияи ватандӯстӣ - фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои

ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст;

- тарбияи маънавӣ - ахлоқӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳимми иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун принсипҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор, ки ба хизмати сазовор ба Ватан равон карда шудааст;

- тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёгон равон карда шудааст;

- тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст” [83].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар ҷодаи тарбияи ватандӯстӣ ва таъмини фаъолият ва танзими давлатию идоракунӣ дар дар соҳаи мазкур диққати ҷиддӣ равона карда, чараёни амалӣ гардидани онро мушаххасан муайян намуд. Ҳамчунин, дар баробари муайян

намудани мақсаду вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, субъектҳои тарбияи ватандӯстиро низ муайян намуд. Мувофиқи моддаи 5-и Қонуни мазкур субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ инҳоянд:

- мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракунии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ мекунанд;
- коллективҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва ғайра;
- муассисаҳои таълимӣ;
- муассисаҳои фарҳангӣ;
- иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятию давлатии шаҳрвандон ва ҳамватанони берун аз марз истиқоматдошта;
- ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) динӣ;
- ҳизбҳои сиёсӣ;
- воситаҳои ахбори умум;
- оила;
- шаҳрвандон

Субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо восита ва имкониятҳои ба худ хос вазифаҳои соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ менамояд [83, с. 84]

Бояд технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ, амалан, аз аломатҳои низоми технологӣ таъмин бошад. Дар қолаби равиши трансформатсионӣ технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун раванди тадриҷии гузариш аз як сохтори стратегия ба дигар ба назар гирифта мешавад, ки ба қонуни трансформатсия, интиқоли мусбии сифатҳои ҷисмонӣ, пурра намудани рушди ҷомеи онҳо бо кори мустақил (беруназдарсӣ); андӯхтани донишҳо ва баланд бардоштани дараҷаи илмияти онҳо, инчунин, сатҳи азхудкунии фарҳанги ҷисмонӣ дар маҷмуъ тобеъ мебошад.

Ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсият, дар маҷмуъ, тавассути воситаҳои гуногун, аз ҷумла, ба воситаи методҳои махсуси

таълимию тарбиявӣ, ки бо дарназардошти алоқамандии муносибати байни омӯзгорону хонандагон тарҳрезию корбандӣ мегардад, суръат мегирад ба назар гирифта шуда, тадриҷан рушду ташаккул меёбад.

Бо ҳидоят ва ҷидду ҷаҳди бемайлон ва тавассути нақши боризу пешоҳанг доштан ва раҳнамоии бевоситаи муаллим самаранокии азхудшавии донишҳо, қобилият, малакаҳои рушди неруҳои зеҳнию ҷисмонӣ ва қобилияти эҷодӣ таъмин карда мешаванд. Корбарии мақсадноку амалии таълимӣ ва саъю кӯшиши доманадор, корбасти роҳу воситаҳои гуногуни омӯзгор марбут ба азхудкунии арзишҳои фарҳанги ҷисмонӣ аз ҷониби хонандагон нақши ҳалкунанда мебозад.

Гузашта аз ин, омӯзгор ҷаҳони илмию амалии хонандагонро тақвият бахшида, дар фаъолгардонии онҳо машваратчии бевосита гардида, тавассути роҳандозии усулҳои фаъоли таълим дониши назариявию амалии онҳоро пурраву мустаҳкам менамояд.

Як қисми омодагии касбиро ба фаъолияти ояндаи педагогӣ омодагии психофизикӣ ташкил медиҳад, ки тавассути пуррагардонии он маҷмуи сифатҳои касбии муҳимми рушди психофизикии шахсият ташаккул меёбад. Он ба ҳайси компоненти калидии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонанда дар ҷанбаи таъмини ягонагии омодагии касбию шахсиятӣ ба меҳнати педагогӣ баромад мекунад.

- самаранокии тафаккур ва фаъолияти варзишӣ;

- қобилияти ёфтани воситаҳои нав, тарзҳои ҳаллу фасли вазифаҳои касбию педагогӣ дар соҳаи фарҳанги ҷисмонӣ ва тарзу сабки варзишии ҳаёт;

- қобилияти дастгирии салоҳиятноки худрушдёбии варзишию валеологии хонандагон.

- омодагӣ ба худтакмилдиҳии касбӣ;

- омодагӣ ба фаъолияти созандаи варзишию солимгардонӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ.

Он чизе, дар технологияи педагогӣ дорои аҳаммият мебошад, ин: муҳтавои фаъолияти хонандагон дар намуди низоми вазифаҳои шинохт

ва амалиявӣ, тарбияи қобилияти мутобиқ ба таркиботи асосии фарҳанги ҷисмонии шахсият татбиқ шуда бошанд. Дар давраи муосири гузариши ҷомеа ба марҳилаи нави таърихӣ, ки боиси тағйироти объективӣ дар рушди инсон мегардад, ба таври объективӣ ташкили усулан нави чунин соҳаи муҳим ба сифати низоми таҳсилотӣ барои омодакунии инсон ба ҳаёт, барои ташаккул додани тавони фарҳангии он масъулро тақозо менамоянд. Дар ин ҷо сухан дар бораи таҳаввули таҳсилот, дар бораи усулҳо, шаклҳои нави ташкилотӣ, фаннӣ ва муҳтавоӣ, сохторӣ, маъноӣ меравад, на дар бораи ягон тағйирот, на дар бораи ворид кардани ягон чизи нав.

Ҳамин тариқ, зарурати ворид кардани тағйироти усулӣ ба муҳтавои таълим, ки дар аксар ҳолатҳо чи дар ҳаёти мактабӣ ва чи дар ҳаёти пас аз мактабии хонандагон ба сифати яке аз хатҳои муҳимтарин боқӣ монда, ба назар гирифта намешаванд.

## 2.3. Нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Фарҳангҳои миллӣ, хусусан, воситаҳои миллии фарҳанги ҷисмонӣ, бо татбиқи маҷмуи шароити педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ марбут ба ташаккули омодагии самараноки касбию педагогии омӯзгорон таъмин мегардад. Азбаски, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба самтгириҳои раванди педагогӣ, дарёфт ва баландбардории маҳорат, ҷидду ҷаҳд, ташаккул додани қобилият, ҷаҳонбинӣ, дарки маънӣ ва рушди сифатҳои дахлдори равонӣ, ки дар ҳар як донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ эҳсос карда мешавад, нигаронида шудааст. Ҳамчунин, барои дар оянда ба камол расонидани шахсияти арзандаи ҷомеа ва бо мақсади ташаккули тарбияи маънавию ҷисмонии мутахассисони оянда, талаботи ниҳоят муҳим дар назди

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузошта шудааст, ки ин тақозои замони муосир аст.

Ҷомеаи муосири тоҷик дар назди таҳсилот ва тарбияи инсон вазифаҳои муҳимме мегузорад, ки бе омодагии касбии омӯзгор ҳалли онҳо ғайриимкон мегардад. Чунин омодасозӣ набояд тавассути иқдомҳои мухталифи вақт-вақт такроршаванда, чорабиниҳои алоҳида - алоҳида ва тасодуфӣ, ки ба якдигар рабт надоранд, раванди мазкурро душвор мегардонад, аз ин рӯ, он зарурати асосҳои аниқи метологӣ ва методиеро, ки муносиби ташкили низоми таҳсилоти муассисаҳои олӣ мебошанд, талаб мекунад.

Таҳлили мафҳуми «фаъолияти педагогӣ» моро ба чунин хулоса меорад, ки вай ҳамеша таъсиротеро дар назар дорад, ки мақсади он аз тағйирии сифатии ҳаёти одамон иборат аст. Ин таъсирот барои ба тартиб даровардани системаи муносибатҳо, яъне муаллим, пеш аз ҳама, нисбат ба хонанда дар ҳолатҳои таълим гирифтани он тавассути фаъолияти фавқулодда ва муошират дар низоми «муаллим-хонанда» ва «хонанда-хонанда» вазифаи идоракуниро иҷро кунад. Дар баробари таъсир ва идора кардан, муаллим ба хотири тарбия ва худтарбиякунии шахсият, барои инкишоф ва худинкишофёбии фардӣ ва беҳамтоии ҳар як хонанда бояд шароит муҳайё кунад.

Адабиёт роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ нишон дод, ки ҷанбаҳои мухталифи он ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои методологии фаъолияти педагогӣ дар корҳои Н.В. Кузмина, В.В. Краевский, Г.И. Шукина ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Алоқамандии сохтори фаъолияти педагогӣ дар корҳои Н.В. Кузмина, Л.М. Митина, Т.С. Полякова ва дигарон дида баромада шудаанд. Хусусияти фаъолияти педагогӣ дар низоми гуногуни педагогӣ дар корҳои Г.А. Засобина, З.Ф. Есарева, В.А. Сластенин, Т.С. Полякова, Л.Г. Соколова ва дигарон баррасӣ гардидаанд. Омодагии умумии педагогӣ ва масъалаҳои фаъолияти педагогӣ зери назари О.А. Абдуллина, В.А.

Сластёнин, А.И. Шербаков ва дигарон қарор гирифтааст, сохтори педагогии омӯзгорони таълимгиранда дар кори Г.И. Хозяинова таҳқиқ ёфтааст, имконияти баҳодиҳии фаъолияти омӯзгор ва муайян кардани дараҷаи вай дар корҳои Н.В. Кузмина, В.Ф. Качурова, Н.В. Мишина мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Фаъолияти педагогӣ мисли ҳар намуди фаъолияти инсонӣ аз хусусияти ҳадафэҷобӣ, далелнокӣ, предметӣ иборат мебошад. Таҳқиқоти психологҳои рус (П.Я. Галперин, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, Н.Ф. Тализина) ва дигарон нишон медиҳад, ки ҷаҳидан ва инкишоф ёфтани равандҳои гуногуни руҳӣ бештар аз мазмун ва сохтори фаъолият, аз сабабу далелҳо, ҳадафҳо ва воситаҳои амалӣ вобастагӣ дорад.

Сохтори фаъолияти педагогӣ аз се унсур: функсионалӣ, системавӣ-сохторӣ ва амалӣ иборат аст. Муносибати функсионалӣ- сохтори фаъолияти педагогиро, ки асосан, ба ҷараёни азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо пайвастагӣ дорад, муайян мекунад. Истифодаи таҳлили системавӣ-сохторӣ имкон медиҳад, фаъолияти педагогиро ҳамчун система тасаввур намоем.

Бинои умумии фаъолиятро А.Н. Леонтев чунин маънидод кардааст: ҳаёт ва фаъолияти ҷудогона, амал, кор [8] дар мавриди муносибати корӣ ҳар як амал аз унсурҳои зерин:рӯоварӣ, банақшагирӣ, иҷроиш, назорат иборат мебошанд (П.Я. Галперин, В.М. Глушков ва Н.С. Якиманская). Унсури рӯоварӣ ё шиносоӣ донишҳои предметиро, ки дар шакли амалӣ-фикрӣ мавҷуданд, дар бар мегирад. Унсури назоратӣ-тасҳеҳӣ, рафти иҷрошавии амалро назорат карда, натиҷаҳои ба даст омадаро бо намунаҳо муқоиса карда, ба унсурҳои рӯоварӣ ва иҷроишӣ замина мегузорад.

Яке аз хусусияти фаъолияти педагогӣ ин тарзи якҷояи фаъолияти омӯзгор бо хонандагон мебошад. Фаъолияти мазкур аз гузариш «барои худ» ба фаъолияти «барои дигарон» қарор мегирад. Дар

ин тарзи фаъолият худтатбиққунии омӯзгор ва иштироки мақсадноки вай дар тағйир додани хонандагон мепайвандад [116].

Тибқи тасаввуроти назариявӣ дар сохтори функсионалии фаъолияти педагогӣ, ба андешаи Л.М. Митина, се унсури асосӣ шомил мешаванд [98, с. 23]:

“1.Ҳадафҳо ва вазифаҳои педагогӣ. Дар ҳар лаҳза фаъолияти педагогии омӯзгор бо тартиботи дараҷаҳои ҳадафҳо ва вазифаҳо, ки дорои ҳам ҳадафҳои умумӣ (ҳадафи мактаб, низоми таҳсилот, ҷамъият), ҳам вазифаҳои фавриро фаро мегирад, фаҳмида мешавад.

2.Воситаҳои педагогӣ ва роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда. Дар мавриди интихоби воситаҳо ва роҳҳои таъсиррасонӣ омӯзгор бояд:

а) ба хонанда ҳамчун ба симои марказии ҷараёни педагогӣ, ба ҳавасманд кардани инкишофи ахлоқӣ, ҳиссӣ, зеҳнии ҳар як хонанда бо лоиҳаҳои ҷадиди шароитҳои инкишофи руҳии вай диққат диҳад;

б) ба интихобу ҳалли усулҳои педагогӣ ва роҳҳои худтатбиққунӣ, худмуҳимнамоӣ, бедор кардани имконияти шахсӣ ва қобилияти корӣ бо хонандагон;

в) ба интихоб ва аз дида баромадани мазмуни маводи таълимӣ, ҷобаҷо кардани маводҳои ёридиҳанда, тасвирӣ, иттилоотие, ки барои аз худ кардани системаи донишҳои асосноккунандаи алоқаманди таълим ба ҳаёт равона шудааст;

г) ба интихоб ва истифодаи методҳо, ташкили шаклҳои ҳамкорӣ байни хонандагон ва хонандагон байни худ, шароитҳои сабуккунандаи ҷараёни таълим, муҳити муоширати зинда ва ташкил кардани фазои мусоиди ҳиссӣ-психологӣ иборат бошанд.

3. Таҳлил ва баҳодиҳии амалҳои педагогии омӯзгор (таҳлили муқоисавии фаъолияти ба нақша даровардашуда ва татбиқшудаи муаллим)”.

Дар фаъолияти педагогӣ ягонагӣ ва алоқамандии ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологӣ, меъёрӣ-пурмазмунӣ, функсионалӣ-психологӣ дида мешавад [13, с.63].

Ҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ бо хусусияти маҷмуи ниҳоии ҳадафҳои педагогӣ равшан мегардад, ки аз супориши муайяни ҷамъиятӣ бармеояд, бо хусусияти вазифаҳои пешгирифтаи муаллим, барои дар тарбиягирандагон ташаккул додани арзишҳои умумибашарӣ ва шахсӣ равона шудаанд, хизмат мекунад. Ҷанбаи пурмазмунӣ-меъёрӣ дар корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ифода меёбад. Адабиёти зерин вобаста ба мавзуи баррасишаванда мебошад:

1. Введение в педагогическую деятельность/А.С. Роботова, Т.В. Леонтева, И.Г. Шапошникова и др.-М.: Академия, 2000-208 с.

2. Митина Л.М. Психология труда и профессионального развития учителя: учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений.-М.: Академия, 2004-320 ст.

Ҷанбаи функсионалӣ-психологӣ дар функсияҳои гностикӣ, ташкилотчигӣ, иртиботӣ, рӯоварӣ, тарбиявӣ-инкишофдиҳандагӣ, иттилоотӣ, сафарбаркунандагӣ, таҳқиқотӣ инъикос ёфтааст. Аз рӯйи принсипи мазмуннокӣ, функсия ба зинаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, инкишофдиҳандагӣ ҷудо шуда, дорои сохтори умумӣ ва аз унсурҳои зерин: ҳадафҳо ва вазифаҳои педагогӣ, ҳамкории педагогӣ, инчунин, аз назорат ва баҳодиҳии роҳҳои омӯзиш ва омӯзанда иборат мебошад.

Таҳқиқотчиёни соҳаи фаъолияти педагогӣ (А.Д. Боборикин, В.В. Богославский, Ю.В. Кожухов, Н.В. Кузмина, М. Лутфуллоев, В.А. Сластенин, Ф. Шарифзода, А.И. Шербаков ва дигарон) низ чунин мешуморанд, ки фаъолияти педагогии муаллим аз як қатор функсияҳои ба якдигар алоқаманд ташаккул меёбанд. Ба гурӯҳи аввал функсияҳои рӯоварӣ (шиносоӣ) инкишофдиҳандагӣ, сафарбаркунӣ ва иттилоотӣ шомил мешаванд. Функсияҳои гурӯҳи мазкур дар таносуб бо функсияҳои

дидактикӣ, академитикӣ, авторитарӣ ва иттилоотӣ барои густариши қобилияти инсон равона шудаанд.

Гурӯҳи дуюм функсияи ташкилӣ-сохторӣ-ин татбиқи функсияи мақсадгузариро таъмин намуда, ҳамроҳшавии функсияҳои конструктивӣ, лоиҳадарорӣ, ташкилотчигӣ, иртиботӣ ва гнеснологиро дар таркиби худ нигоҳ медорад [81].

Чунончи, дар сохтори фаъолияти муаллими забони англисӣ дар қатори дигар масъалаҳо мо ба вазифаҳои таҳқиқотӣ, ки хонандагони алоҳида ва синфро омӯзиши методҳои дарсдиҳӣ муайян мекунад, таҳлили таҷрибаи худ ва омӯзгорони дигар, ҷамъбаст ва истифода кардани шакл ва усулҳо дар фаъолияти амалии худ ва ғайра дохил мешаванд, диққати хосса додем. Табиӣ будани функсияи таҳқиқотӣ дар шароити таҳсилоти мактаби олӣ, ба фикри мо, мавриди ташкили фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён ниҳоят зарур аст. Функсияҳои ҷудошуда, сатҳи баланди инкишофи академӣ, персептивӣ, қобилияти нутқӣ ва иртиботии муаллимро таъмин намуда, мазмуни фаъолияти педагогиро мушаххас мекунад. Таҳлили функсионалии фаъолияти педагогӣ низоми хусусияти асосӣ, муносибат ва амалҳо, ки дар маҷмуъ шахсияти омӯзгорро ташаккул медиҳад, мекушояд. Чун сохтори мураккаби ҳаракатнок таносубан сохтори фаъолияти педагогиро инъикос мекунад [19, с. 126].

Модели идоракунии раванди таълимӣ шароитҳои муносиби берунӣ ва дохилии ташаккули хуби шахсияти омӯзгорро фароҳам оварда, такмили истифодаи тамоми намудҳо ва шаклҳои корҳои таълимӣ-тарбиявиро таъмин мекунад.

Намудҳои хоси фаъолияти омӯзгори забонҳои хориҷӣ вобаста аз мақсад ва объекти фаъолияти пурраи муаллими забонҳои хориҷиро мумкин аст намудҳои лоиҳадарорӣ, мутобиққунонӣ, ташкилӣ, иртиботӣ, мотиватсионӣ, назариявӣ, таҳқиқотӣ ташкил кунанд.

Илми муосир ҳадафи асосии асоси фаъолияти педагогиро, пеш аз ҳама, дар инкишофи хонандагон бо мақсади ташаккули устувори манфиатҳо ва ангезаҳои нисбати омӯзиши предмети таълимӣ, инкишофи забонӣ, маҳоратҳои умумиилмии фарҳангӣ ва густариши зеҳнии онҳо дохил мешаванд. Инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон яке аз масъалаи муҳимми вазифаҳои педагогии имрӯз ба ҳисоб меравад. Кӯшиши татбиқи инкишофи худ ва имконияти хеш ин самти аввалаи густариши тамоми шаклҳои ҳаёти инсонӣ мебошад.

Л.В. Виготский ақида дорад: «шароите, ки барои рушди сифатҳои дахлдори равонӣ заруранд, гарчанде ки онҳо барои фаъолияти мустақилона ба камол нарасидаанд, барвақттар зарур аст» [29, с.54].

Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани сохторсозии онҳо дар алоқамандии муайяни мутақобила ва муайян кардани ҷузъҳои шароити педагогӣ ҳадафи асосии рисолаи мазкур мебошад. Ба мақсади асосноккунии шароити педагогӣ, ки бешубҳа, ба ташаккули сифатҳои маънавию ҷисмонӣ дар асоси воситаҳои миллии тоҷикии ТҶ му вофиқат мекунанд, дар адабиёти илмӣ нуктаҳои назари гуногуни шарҳу тафсири ин категорияро дучор шудан мумкин аст. Масалан, дар Қомуси (энсиклопедияи) фалсафӣ истилоҳи мазкур ба таври зайл омадааст: «Чизе, ки аз он чизе вобаста аст (ашё, ҳолатҳо ва ҳамкориҳои онҳо); ҷузъи муҳимми маҷмуи объектҳо (ашё, ҳолатҳо ва ҳамкориҳои онҳо) мебошад, ки аз мавҷуд будани он бо зарурати ҳастии мазкур ба миён меояд» [158; с.98].

Пас, нуктаи мазкур чизе ҳаст, ки аз он чизи дигар вобастагӣ дорад ва ҳамзамон як чиз аз чизи дигар дар алоқамандӣ ҳамоҳанг мегардад ва маънои мушаххас дода метавонад.

Вобаста ба ин маънӣ Н.М. Бортико чунин ақида дорад: «Истилоҳи «шарт» ҳамчун категорияи фалсафӣ, муносибати шайъро (чизро) ба атрофиён ва падидаҳое, ки бе онҳо вуҷуд дошта наметавонад, ифода мекунад. Худи онҳо ҳамчун як чизи вобаста, шартҳо (шароит)

бошанд, ҳамчун гуногунии барои шайъ зоҳирии олами объективӣ баромад мекунанд» [21; с. 9].

Вобаста ба ин, шароитҳои педагогӣ, ки ба сифат ва самараю сермаҳсулии низом ва корбарии педагогӣ вобастагӣ дорад, ҳамчун боис, ҳолат ва маҷмуи чораҷӯийиҳое маҳсуб меёбанд, ки расидан ба мақсад ва натиҷаҳои манфиатбори педагогӣ ба натиҷаҳои заҳмат ва корбарии дуру дарози омӯзгор вобастагӣ дорад. Ҳамчунин, ба ҳар як омӯзгор зарурат пеш меояд, ки барои ба натиҷаҳои ба талаботи давр ҷавобгӯ будани донишомӯзон ноил гардад, пеш аз ҳама, кори таълиму тарбияро дар асоси мақсади мушаххаси педагогӣ тарҳрезию корбандӣ намояд.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус И.А. Федякова дар муносибат нисбат ба низоми таҳсилот татбиқи муносибати аксеологӣ аз ҷиҳати психологию педагогӣ моҳиятан ба мақсад мувофиқтар аст, зеро дар шароити психологию педагогӣ тарзҳои ҳамкории педагогӣ дар ҷараёни таълиму тарбия фаҳмида мешаванд, ки ба ташаккули хислатҳои субъективии шахсият бо назардошти хусусияти психологӣ тарзҳо ва усулҳои самараноки фаъолият дар шароити мавҷуда нигаронида шудаанд.

Хусусият ва шароити психологию педагогӣ мафҳумҳоеанд, ки бо мафҳуми “ҷараёни педагогӣ” дар алоқамандии якдигаранд, чунки тибқи ҳамин ҷараён шароити педагогӣ зуҳур ва тадриҷан ташаккул меёбад.

Мафҳумҳои шароити психологию педагогӣ бо мафҳуми «раванди педагогӣ» қаробот доранд, зеро дар ҷараёни педагогӣ дар ҳамин шароити педагогӣ зуҳур меёбад ва тадриҷан беҳтар мегардад. Умуман, барои мактаб амсилаи ягона бояд воситаҳои тарбиявиро сода гардонад, то дар ташаккул ва рушди шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта таъсири худро гузошта тавонад [163].

Нисбат ба мафҳуми «шароити педагогӣ» Н.В. Ипполитов аз чунин мавқеъ муносибат мекунад. Мавқеи аввалро, ба назари вай, он муҳаққиқоне ишғол менамоянд, ки барои онҳо шароити педагогӣ чунин фаҳмида мешавад:

– Маҷмуи ягон хел таъсироти педагогӣ ва имконияти муҳити моддию фазоӣ;

– маҷмуи тадбирҳо, мазмун, методҳо (усулҳо) ва шаклҳои ташкилии таълиму тарбия;

– маҷмуи тадбирҳо (имконияти объективӣ), раванди педагогӣ.

Ба мавқеи дуюм он олимонеро нисбат медиҳад, ки шароити педагогиро бо тарроҳии низоми педагогие рабт медиҳанд, ки онҳо дар он сифати яке аз ҷузъҳо баромад мекунанд [65, с. 14]:

– “ҷузъҳои низомии педагогие, ки маҷмуи унсурҳои дохилӣ ( ки рушди ҷузъи ҷанбаи шахсиятии субъектҳои раванди таҳсилотро таъмин менамояд) ва зоҳириро (ки ба татбиқи ҷанбаи протсессуалии низом мусоидат менамоянд) инъикос намуда, фаъолияти самаранок ва рушди минбаъдаи онро таъмин менамоянд;

– тавсифи мазмуни яке аз ҷузъҳои низоми педагогӣ, ки ба сифати он мазмун, шакли ташкилӣ, воситаҳои таълим ва хусусияти муносибатҳои мутақобила байни омӯзгор ва хонандагон хизмат мекунад” [65, с.14].

Дар робита ба ин, Н.М. Бортико қайд мекунад, ки интихоби воситаҳо ва шароити самаранок педагогро ба тарроҳии низоми мукаммалтари педагогӣ водор месозад, ки аксар вақт дар таҳияи нави гуногуни барномаҳои муаллифие ифода меёбад [21, с. 181].

Ҳамин тариқ, дар асоси афкори болозикр муайян кардан мумкин аст, ки шароити педагогӣ инҳоро дар бар мегирад:

– тавсифи сифатии воситаҳо, равандҳо ва падидаҳои асосии муҳити таҳсилотӣ, ки талаботи асосиро ба ташаккули фаъолият инъикос менамояд;

– маҷмуи имкониятҳо, ҳолатҳои объективии раванди педагогӣ, ки дар муҳити мақсаднок эҷод ва татбиқшаванда буда, ҳаллу фасли вазифаи гузоштаашудаи педагогиро таъмин менамояд;

– маҷмуи тадбирҳое, ки баландшавии самаранокии раванди ташаккули омодагии касбӣ ба истифодаи воситаҳои миллии ТҶ мусоидат намуда, аз асосҳои иттилоотӣ, технологӣ, шахсиятӣ ва психологии раванди таҳсилот иборат аст.

Агар аз асосҳои иттилоотӣ ва технологӣ дар маҷмуъ бо моҳият ва мазмуни худи вазифаи педагогӣ раванди таълиму тарбиявиро тавсиф диҳанд, мазмуни шароити шахсиятӣ ва психологӣ фаъолияти самараноки худи раванди педагогиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ба ду зергурӯҳи охир мо иловатан шароитеро шомил сохтем, ки бо сифатҳои шахсиятии таълимгирандагон, пеш аз ҳама, хусусияти самаранокии онҳо (сохтори ангезишии шахсият ва самтгириҳои арзишӣ); сифатҳои шахсиятии педагог; услуби муошират, фаъолнокӣ дар муносибатҳои мутақобила, мутобиқати услубҳои таълим ва дарс ва ғайра, яъне онҳое, ки бо ҳамкории байнишахсиятӣ ва муошırати субъектҳои раванди таҳсилот марбутанд, муайян мешаванд.

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологию педагогӣ имконияти омодагии хонандагонро барои фаъолияти педагогӣ ва рушди касбияти онҳо ташаккул медиҳад, роҳ ва воситаҳои гуногуни таълиму тарбияро, ки асоси ба ҷаҳони илму дониш қарин кардани донишҷӯён мебошад, заминаи устувор мегузорад. Педагоги ояндаро зарур меояд, ки бояд бо донишҳои педагогию психологӣ мусаллаҳ бошад. Ҳамчунин, сохтори ангезишии шахсияти донишҷӯ аз маҷмуи ангезаҳо, дониши мукаммали касбӣ, таҷрибаи ғании педагогӣ, сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ иборат аст, ки омӯзгори оянда бояд онҳоро ҳамаҷониба азхуд кунад ва дар оянда дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон самаранок роҳандозӣ намояд.

Марбут ба омодагӣ ва рушди касбияти муаллимон бо воситаҳои миллии ТҶ дар раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ маҷмуи шароити педагогие пешниҳод гардидааст, ки дар асоси таҳлили таҳқиқоти илмӣ ва амалияи шахсӣ таҳия гардидаанд. Онҳо аз ҷониби мо

ҳамчун маҷмуи шароити бо ҳамдигар алоқаманди педагогие баррасӣ мешаванд, ки татбиқи онҳо дар баландравии сатҳи ташаккулёфтаи фарҳанги миллии ҷисмонии муаллимон мусоидат менамояд ва паҳлуҳои мазмунӣ ва тартиби раванди ташкилшавандаро фарогир буда, амалисозии масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1.Амалисозии ҷузъи ангезишию арзишии соҳаи шахсияти муаллими ТҶ, ки ба пурракунии ӯ бо омодагӣ ба рушд ва худрушддиҳии фаъолияти касбӣ ба воситаҳои ТҶ равона гардидааст. нигаронида шудааст.

2.Дар шинохти симои шахсияти муаллими ТҶ тарбия намудани хонандагон дар руҳияи донишомӯзӣ, далерию шуҷоатмандӣ ва ватандӯстию хештаншиносӣ ва дигар хислатҳои ҳамида ва ташаккули ҷаҳони маънавии онҳо марбут ба тайёрии касбӣ ва қонунҳои нигоҳдории онҳо ва рушд бо воситаҳои миллии ТҶ нигаронида шудааст.

3. Рушди ҷузъи рефлексивию танзимкунандаи омӯзгорони ТҶ, ки дар симои онҳо сифатҳои баланди шахсият дида мешавад, имконият фароҳам меорад, ки субъектҳо (шахсҳо) фаъолу масъулиятнок гарданд ва донишу маҳоратҳои касбиро бомақсаду самаранок барои рушди маҳоратҳои касбӣ роҳандозӣ намоянд.

Фаъолияти самаровари омӯзгорони ТҶ, татбиқи арзишии соҳаи шахсияти онҳо боис ба ташаккули қобилияти касбии донишҷӯён мегардад. Дар айни замон, ҷузъи ангезишию арзишӣ дар фаъолияти касбии муаллими ТҶ масъалаи камтар омӯхташуда дар таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ боқӣ мемонад.

Истилоҳи «ангеза» ифодагари майл, хоҳиш ва оҳанг буда, маънои эҳсосоти эҳтиёҷот аст, яъне ба чиз, мавзуъ ва мақсад нигаронида шудааст ва дараҷаи ташаккули ҳар як шахсро нишон медиҳад.

Ба ақидаи А.А. Вербитский «Низоми эҳтиёҷот ва ангезаҳо на танҳо майл ва дараҷаи фаъолнокии шахс, балки ташаккули шахсияти ҳар як фардро ошкор менамояд.

Эҳтиёҷот ва ангезаҳо иерархия (иерархияи иҷтимоӣ)-ро ифодагар аст, ки ҳолати шахсро дар ҳама соҳаҳои фаъолият тавсиф намуда, ҳар як фардро водор месозад ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиши худро барои ҳалли ҳар як масъалаи гузоштааш равона созад ва мутамарказии онро таъмин намояд» [25, с. 207].

Аз рӯйи таҳлили адабиёт, омӯзиш ва муҳокимаи масъала дар мамлакатҳои гуногун маълум гардид, ки аксарияти инсонҳои рӯйи замин ба тарбияи ҷисмонӣ мунтазам машғул мешаванд. Саломатии худро нигоҳ дошта, ба тарбияи ҷисмонӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода, ҳар субҳу шом дар мавзеъҳои истироҳатию фароғатӣ ва толорҳои варзишӣ ба варзиш машғуланд. Мо варзиши касбиро дар назар надорем. Мардуми одӣ саҳарҳо барвақт ба боғҳои истироҳатӣ омада, гирдогирди он қадам мезананд, ба обутоби бадан машғул мешаванд. Аз таҷҳизоти варзишии воқеъ дар боғҳои истироҳатӣ истифода мебаранд. Миёни мардуми ба варзиши бадан машғул, намояндагони синну соли гуногун, ҷавонон, махсусан духтарон зиёдтар, миёнасолҳо ва муйсафедон барои саломатӣ қадам мезананд. Калонсолҳо роҳ мегарданд, ҷавонон як чанд давр гирди боғҳои истироҳатӣ медаванд. Ҳамзамон, баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ ҳатман як-як, ду-ду ва ё гурӯҳ-гурӯҳ қадам мезананд.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти марбута (илмӣ, методӣ ва психологию педагогӣ) вобаста ба масъалаи болозикр собит намуд, ки омодагии касбии ҳар як омӯзгори ТҶ ва ОДҲ ба омодагии касбӣ, самаранокии фаъолияти ӯ ва ба воситаҳои арзишҳои миллии фарҳанги ҷисмонӣ бомуваффақият амалӣ карда мешавад, вобастагӣ дорад.

Мувофиқи шарти дуюми педагогӣ омодагии касбӣ маънои татбиқи ҷузъи шинохти соҳаи шахсияти муаллимон мебошад, ки шинохти омодагии муаллим ба ҳамкории педагогӣ бо падару модарон, донишҳо, воситаҳо ва тарзҳои ноилшавиро ба ҳадафи гузошташуда (методҳо, усулҳо, шаклҳо, воситаҳои ҳамкории педагогӣ)-ро ташкил

медиҳад. Инчунин ҳангоми таҳқиқот маълум шуд, ки ҷузъи шинохти омодагии муаллими ТҶ ба масъалаҳои зерин вобаста аст:

- эҷод ва татбиқи технологияҳои солими ҳифзкунандаи таҳсилот донишҳои назариявию методии истилоҳҳои пойгоҳӣ (солимӣ, тарзи солими ҳаёт ва диг.);

- истифодаи консепсияҳо ва муносибатҳо дар тарбияи солимӣ;

- роҳандозии донишҷӯёну хонандагон ба ҳаёти солим донишҳои педагогӣ, психологӣ ва истифодаи самараноки метод ва методологияи навини муосири омӯзгори ТҶ-ро тақозо дорад.

Мусаллам аст, ки донишҳо ба иҷрои вазифаҳои арзёбӣ ҳамон вақт шуруъ мекунанд, ки агар онҳо даркшуда бошанд, вақте ки «ҳодисаи дониш» ба «таркиби маънои дониш» хос аст, ин лаҳзаи зарурии интихоби роҳҳо ва тарзҳои шиноскунии донишҷӯён бо арзишҳои фарҳанги ҷисмонӣ мебошад.

Тибқи шарти сеюми педагогӣ натиҷанокии раванди ташаккули салоҳиятнокии касбӣ аз омодагии омӯзгорони ТҶ, аз дараҷаи тайёрӣ, дониши ҳаматарафа рушдёфта, таҷрибаи хуби педагогӣ ва фаҳмиши баланди психологӣ вобастагӣ дорад. Натиҷаҳои дилхоҳ додани раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, аслан, дар дониши азбаркарда ва истеъдоди дар амал татбиқшавандаи донишҷӯ дар ҷараёни ҳаллу фасли вазифаҳои педагогӣ зоҳир мешавад. Ҷузъи мазкур иҷрои бандҳои зеринро тақозо менамояд:

-дарёфти низоми донишҳои касбию педагогӣ доир ба такмили онҳо дар фаъолияти муаллимони ТҶ марбут аст ба истифодаи усулҳои пешқадами муосир ва иҷрои мақсадноку эҷодкорона ва дар амал татбиқ гардидани онҳо;

-соҳаи ҳаракатӣ ва такмили он ба хусусиятҳои функсионалии шахсият ва амалӣ кадани он дар ҷараёни таълим;

-мазмуни дидактикию методӣ доштани маҷмуи маҳоратҳои касбию педагогӣ;

-рушди сифатҳои ҷисмонӣ мувофиқи идеали муаллими ТҶ.

Ташаккули чунин сифатҳои мутахассиси оянда дар навбати аввал, ба мисли ҷанбаи фаъолнокӣ, интиқол додани дарку эҳсоси дониш, маърифату фарҳанг ва маҳоратҳо ба вазъияти нави ношинос, мустақилона омӯхтани ҷузъҳои маъмули фаъолият, воридсозии мушкилоти навро марбут ба ҳолати шиносбуда тақозо дорад. Гузашта аз ин, пайдарҳамии амалҳоро дар ҷараёни таълим, фаъолияти гуногуни омӯзгори ТҶ-ро тавассути намоишдиҳӣ, иҷро намудан, шарҳ додани корҳои техникӣ ва методӣ, алоқамандии байни онҳо, ташаккул додани маҳорати дар амал татбиқ намудан, амалӣ намудани назорат ва худназоратӣ ва ислоҳ намудан дар раванди фаъолияти касбро сомон мебахшад.

Ҷузъи фавқуззикр бевосита дар таъсири омодагии ҷисмонӣ дар рушди мувофиқати касбӣ дар беҳгардонии инкишофи ҷисмонӣ, беҳтаргардонидани вазъи функсионалӣ, баландбардории тайёрии ҷисмонӣ дар шакли таъсиррасонии ғайримахсус ба ҷузъҳои дигари омодагии мутахассиси оянда ҳувайдо мегардад.

Ҷузъи амалиявӣ навъи хусусияти касбидоштаро муайян карда, маҷмуи маҳорату малакаҳои ноилшавиро ба сифати баланди ҳалли вазифаҳои педагогӣ дар бар гирифта, омодагии онро аз диди касбӣ тасниф менамояд.

Инчунин, маҷмуи маҳоратҳо ва малакаҳои омодагии касбии фаъолият ва рафтори муаллим дорои хусусияти абзорию технологӣ буда, бевосита бо ёддиҳӣ марбут аст. Бо ин муаллимон дар раванди таълим бо бартарияти методҳои фаъоли таълим, машғулияти инфиродӣ, машғулияти таълимию тамринӣ бо такяи ҳатмӣ ба истифодаи воситаҳои миллии ТҶ дар асоси таҷрибаи андӯхташудаи вазифаҳои касбию педагогӣ дар ин самт таҳсил намуданд. Бо ин мақсад таҷрибаҳои вазъиятӣ, бозиҳои нақшӣ ва варзишӣ, таҳлили вазифаҳои педагогӣ, иҷрои вазифаҳои ташкилию иҷроишӣ дар раванди истифодаи воситаҳои миллии ТҶ ба васеъ гардонидани ҷаҳони маънавии хонандагону донишҷӯён боис мегардад.

Истифодаи воситаҳои миллии ТҶ аз омодагӣ, маҳорату малака, мутобиқ шудан ба дигаргуниҳои рӯзмарраву муҳити нави солим, ҳамқадами ҳаёти ҷадиди ҳаррӯза будани омӯзгори ТҶ вобастагии калон дорад. Даврони муосир тафаккури навгонидошта, ҷаҳони илмию методии васеи ҳаматарафа рушдёфта, рақобатпазирӣ, эҷодкорӣ, дониши баланди касбӣ ва маҳорати баланди педагогиро тақозо дорад.

Шарти чоруми педагогӣ ба ташаккули ҷузъи рефлексию танзимкунандаи шахсият мансуб буда, ба рушди сифатҳои неку намунавие, ки ба хислату рафтор ва муносибати омӯзгор мусоидат менамояд, ба омӯзгорон имконият фароҳам меоварад, ки субъектҳои фаъол дар ташаккул ва ривоҷ додани тайёрии касбӣ корбаст ва корбандӣ гарданд. Инчунин, донишҳои касбишударо бошуурона ва мустақилона ва марбут ба равнақи омодагии касбӣ тавассути воситаҳои тоҷикии миллии ТҶ роҳандозӣ намуда, амалан корбаст намоянд.

А.П. Огурсов мавҷудияти «ду анъанаро дар шарҳи он ки дар маҷмуъ метавон ҳамчун равандҳои рефлексивӣ, анъанаи худи таҳлили рефлексивии идрок ба қайд гирифта шаванд, ки ба тавзеҳи маъноҳои идеалӣ боис шуда, бо тарроҳии объектҳои идеалӣ ва анъанаи фаҳмиш марбут буда, ба дарки он маъниҳое мусоидат менамоянд, ки дар муоширати байнишахсиятӣ дар худи раванди иртибот зоҳир мешаванд» [116, с. 13].

Ҷузъи рефлексивию танзимкунандаи соҳаи шахсият қобилият, ба худтанзимкунӣ; азхудкунии усулҳои танзими эҳсосотӣ; қобилият ба барқарор намудани муносибатҳо ва ҳамкории мутақобилаи ҷараёни таълим, омодагӣ ба муносибати боварибахш бо ҳамдигарро дар фаъолияти касбӣ таъмин менамояд. Маҷмуи пешниҳодот оиди кӯшишҳои педагогӣ, ки самаранокии ташаккули омодагии касбиро дар муаллимони ТҶ таъмин менамояд, маҷмуе мебошад, ки тибқи принсипи пуррасозии мутақобила тарҳрезӣ шудааст ва ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ ба ҳаллу фасли вазифаҳои ҷузъӣ равона шудаанд ва танҳо

ҳамгироии онҳо, ба ақидаи мо, ба рушди сифатҳо ва малакаҳои зарурии хусусияти касбидошта мусоидат менамояд.

Вазъи навини тараққиёту пешрафти илму техникаи муосир омӯзгорони МТМУ ва муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ МОКҶ-ро масъул мегардонад, ки насли наврасу ҷавонро бо донищ, маҳорат ва малакаю ҷаҳонбинии баланди ҳаматарафа ташаккулёфта мусаллаҳ намуда, ворисони сазовори ҷомеаи соҳибистиқлоли тозабунёдамонро тарбия намуда, ба воя расонанд.

ТҲВ–и хонандагони МТМУ тавассути таълиму тарбияи фанни ТҶ ва ОДҲ дар фаъолияти касбӣ бо назардошти муҳтавои Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, талаботи методикаи кунунӣ ва марбут ба ташаккули соҳаи маориф, ки яке аз омилҳои асосии пешрафт ва баландбардории ҷаҳони маънави хонандагон, бахусус, ташаккули ахлоқи ҳамида ва худшиносию худогоҳии миллӣ мебошад, дар ривоҷу равнақ додани ТҶ дар муассисаҳои таълимӣ боис мегардад, ки расидан ба ин мақсад ба омода кардани омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ вобастагии амиқ дорад.

Фаъолияти ба хизмати ҳарбӣ омода намудани наврасон ва ҷавонон вобаста ба набудани шароити доимӣ ва стандартӣ, ТҲВ дар асосу заминаи равандҳои тафаккури аз муаллим ниҳон раванди заҳматталаб буда, роҳи ягонаи мушаххас надорад. Дар машғулиятҳои ТҶ нисбат ба сифатҳои ҳаракатӣ талаботи хеле баланд гузошта мешаванд. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки барномаҳо пурра амалӣ гарданд, дар рафти татбиқи онҳо ислоҳу иловаҳои муайян ворид кардан манфиатнок бошанд. Роҳандозии муносибат ва бархурди инфиродӣ ба ҳар як хонанда ва бо ҳамин беҳтар намудани сифати кори таълимро хуб гардонад. Намудҳои мухталифи ҷанбаи тарбиявӣ доштаи ТҶ ҳамчун арзишҳои миллӣ захираи калону бузурги педагогиро барои мутахассисони соҳибкасб ва омодагии муаллимони ТҶ дар руҳияи

ҳарбӣ–ватандӯстӣ доро мебошад. Корбасти илман асоснокшудаи имконияти ТҶ асосноккунии мушаххасро барои тайёр намудани педагогҳои ояндаи ТҶ манзур медонем.

Дар асоси таҳқиқот вобаста ба мавзуъ мо чунин ҷанбаи методиро муайян намудем:

–тарбия намудани хонандагон дар руҳияи сидқан дӯст доштани варзиш;

–фаро гирифтани хонандагон ба маҳфилҳои ТҶ ва ОДҲ;

–дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хонандагон омӯзонидани таърихи ТҶ, ки ба рушду ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон оид ба ТВҲ таъсири калон дорад;

–ривоҷ додани малакаи фикрии хонандагон ҳангоми таълими намудҳои ТҶ;

–малакаи амалӣ - истифодаи таҷҳизоти варзишӣ;

–фаҳмиши бошууронаи усули арзёбии амали худ ба фаъолияти мактаббачагон имкон фароҳам меоварад, ки вазифаҳои таҳқиқот ҳаматарафа ҳалли худро ёбанд.

Мафҳуми ин мавзуъ бо роҳи амалӣ намудан дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву асосӣ ва миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) ва муассисаҳои олии касбӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф нигаронида шудааст.

Варзиш омилест, ки натанҳо саломатии ҳар як фардро таъмин менамояд, балки аз тарафи дигар, дар ташаккули дӯстии байни миллату халқиятҳои мухталифи ҷаҳон заминагузор мебошад. Ҳамчунин, қосиди роҳи сулҳу амонӣ ва дӯстии кулли башарияти ҷаҳон аст.

Омӯзиши омодасозии муаллимони ТҶ ва ТҲВ ва ба ин васила ҳанӯз аз остонаи мактаби таҳсилоти умумӣ шинос намудани онҳо ба арзишҳои миллӣ, дар қалби онҳо бедор кардани шуълаи дӯстдории ватан, ҳифз намудани ҳар ваҷаб хоки муқаддаси ин сарзамин ҳадафи асосӣ бояд бошад. Маводи таҳқиқии омодагии шахси муаллими тарбияи ҷисмонӣ, ки дар рисола роҳандозӣ гардидааст, дар мураттаб сохтани

курси махсуси омодасозии кадрҳои тарбияи ҷисмонии оянда нисбати ТҲВ барои фарқиятҳои ТҶ хизмат хоҳад кард.

Давраи асосӣ барои тарбияи ватандӯстии насли наврас ва ҷавон ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз ҳамин давра барои бедор намудани меҳру муҳаббат ба Ватан фароҳамовартарин даврон ба ҳисоб меравад. Яке аз хислатҳои муҳимтарини шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта ин ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Раванди таълиму тарбия дар МТМУ тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки дар мактаббачагон ҳисси ифтихор нисбат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба қаҳрамониҳои бузург ташаккул дода шавад. Дар ҳақиқат ҳам аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми бисёр интизориҳо дар назар аст, аммо нақши онро дар ин масъала аз ҳад зиёд низ баҳо додан лозим нест. Ҳамзамон, нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бориз арзёбӣ мегардад. Қобили қайд аст, ки дар шароити ташаккули миллатҳо ва давлатдории миллӣ ватандӯстӣ ҷузъи ҷудонашавандаи шуури ҷамъиятӣ гардида, лаҳзаҳои миллии инкишофи онро инъикос менамояд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагонро ташаккул додани системаи дониш дар бораи ватани худ ташкил медиҳад, ки онро чунин пешниҳод кардан мумкин аст:

“- таърихи табиат ва иттилооти ҷуғрофӣ (хусусиятҳои ҷуғрофии диёри худ, иқлим, табиати кишвар);

- маълумот дар бораи Ватан, ҳаёти мардуми худ (хусусиятҳои зиндагӣ, кор, фарҳанг, анъанаҳо);

- иттилооти иҷтимоӣ (дониш дар бораи ҷойҳои ҷолиби зодгоҳ, пойтахт, кишвар, дигар шаҳрҳо, рамзҳои давлатӣ);

- баъзе маълумоти таърихӣ (дар бораи ҳаёти халқ дар давраҳои гуногуни таърихӣ;

- дар бораи корнамоиҳои одамон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, донистани ёдгориҳои таърихии шаҳр, кӯчаҳо)” [150].

Муаллими фанни тарбияи ҷисмонии муассисаи давлатии таълимии №92-и шаҳри Москваи Федератсияи Россия Смирнова А.В. дар мақолаи худ “Нақши тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон” сохтори тарбияи ватандӯстиро дар амсилаи зерин нишон додааст (Расми 2.) [150]:




**Расми 2. Сохтори тарбияи ватандӯстии хонандагон**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ин аст, ки дар ин самт якчанд санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ гардидааду амалӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 01.03.2018, №79 “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон” барои солҳои 2018-2022 таҳия, қабул ва амалӣ карда шуд, ки дар он чунин қайд карда мешавад: “ҳисси ватандӯстӣ, ки яке аз рукнҳои ҳувияти миллии мардуми тоҷик аст, омили асосии эмин нигоҳ доштани

ҷавонон аз таҳдидҳои замони муосир ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин рӯ, маҳз ватандӯстӣ метавонад бар зидди таҳдидҳои замони муосир ҳамчун қувваи бузурги муҳофизатии ватану таърихи он ва руҳияи шикастнопазири миллат табдил ёбад” [82].

Қобили қайд аст, ки самаранок ба роҳ мондани тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кори мушкил нест, ки саъю кушиш ва хароҷоти зиёдро ҳам талаб намекунад. Бо сабабҳои камтаваҷҷуҳии баъзе муассисаҳо ва ё баъзе аз муаллимон дар як қисм муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушкилот ҷой доранд. Ҷиҳати баланд бардоштани мақоми ин фан дар системаи таълиму тарбия дар мактаб ҷустуҷӯи идеяҳои нав лозим аст, ки ҳар як муассисаи таълимӣ, роҳбарият ва муаллимони тарбияи ҷисмонӣ аз уҳдаи ин кор баромада метавонанд. Дар ин самт давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои устувор гузошта истодааст. Рӯз аз рӯз муассисаҳои нави таълимӣ бо ташкили синфхонаҳо, толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ мавриди истифода қарор гирифта истодаанд. Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо ҳоло низ масъалаи беҳтар кардани базаи моддию техникӣ мубрам арзёбӣ гардида, дар бартарафсозии мушкилоти мазкур омӯзгорони соҳавӣ низ метавонанд нақши бузург дошта бошанд.

Муаллими фанни тарбияи ҷисмонии муассисаи давлатии таълимии №92-и шаҳри Москваи Федератсияи Россия Смирнова А.В. шаклҳои зерини ташкили тарбияи ватандӯстиро пешниҳод менамояд:

“- вохӯриҳо ва мулоқот бо собиқадорони ҷанг ва иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ;

- шиносоӣ бо ҳаёти воқеии қисмҳои ҳарбӣ;

- иштирок дар «Соатҳои хотиравӣ», бахшида ба санаҳои муҳимми кишвар ва Қувваҳои Мусаллаҳи давлат;

- иштирок дар мусобиқаҳое, ки кӯдакон мактаб ё ноҳияи худро намояндагӣ мекунанд;

- кор дар осорхонаи кишваршиносии мактаб;

- якҷоя тамошо кардани филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатии ватанӣ дар мавзуъҳои ҳарбӣ, фаҳмидан ва муҳокимаи онҳо;

- муоширaт бо собиқ хатмкардагони хизмати ҳарбӣ;

- ба роҳ мондани «Дарси шуҷоат» ва дигар чорабиниҳои умумимактабӣ [150].

Қобили қайд аст, ки ташриф ба қисми ҳарбиро бо ягон ҳикоя иваз кардан ғайримумкин мебошад. Хонандагон дар натиҷаи сафар ҳадди ақал оид ба Қувваҳои Мусаллаҳ таассурот пайдо карда, тарси хизмати ҳарбӣ аз байн меравад ва муносибати онҳо ба таҳсил башуууртар хоҳад шуд.

Дар марҳилаи имрӯза, ки масъалаҳои таҳсилоти тоҷик ва мактаби тоҷик чӣ гуна матраҳ ва ҳал мегарданд, андешаҳои олимон – педагогҳо ва кормандони илмӣ бештар ба сарчашмаҳои этнопедагогика равона мешаванд. Барои он ки низоми таҳсилот самаранок гардад, бояд дар асоси таҷрибаи таърихан ба вуҷуд омада, бунёд гашта ва мазмуни тарбия, ки барои ивази насли наврас зимни анъанаҳои мардумӣ, моҳияти решаҳои мардумӣ, арзишҳо ва идеалҳое, ки тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд, барпо гардад, зеро фаромӯш кардани фарҳанги худ, нодида гирифтани таълиму тарбияи ниёгон ва хиради мардумӣ раванди мазкурро аз нигоҳи сифатӣ ва пурмаҳсулӣ мушкил месозад.

Имрӯз мактаби миллӣ бояд дар асоси арзишҳои миллӣ бунёд ёбад ва дар пояи принсипи ба фарҳанг мувофиқ фаъолият намояд. Татбиқи принсипи мазкур аз пуррагии тамоми раванди корҳои таълимӣ – тарбиявӣ бо унсурҳои гуногуни фарҳангӣ хабар медиҳад. Ин принсип ба мазмуни таълим (қобилияти инъикоси равандҳои таълимӣ ва ифодаи арзишҳои фарҳангии умумибашарӣ ва миллӣ дар алоқамандии байни онҳо); шаклҳои таълимӣ (қобилияти мувофиқат кардани онҳо ба намунаҳои анъанавии фарҳангӣ); усулҳо ва воситаҳо (қобилияти омӯзгор барои ғанӣ гардонидани воситаҳои таълимӣ бо мазмуни фарҳангӣ, истифода бурдани меъёрҳои фарҳангӣ ва пайвастагии фаъолияти

таълимӣ бо арзишҳо ва ҳадафҳои фарҳангӣ). Мутобиқати фарҳанг як зуҳуроти таносуби таълим бо фарҳанг аст, ки ба худмуайянкунии фарҳангӣ ва ҳаммонанд кардани фарҳангии фард мусоидат мекунад.

